**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХОРУҒ БА НОМИ**
**М. НАЗАРШОЕВ**

**УДК 33:796.51(575.2) (043.3)** **Ба ҳуқуқи дастнавис**

**СИМОИЛБЕКОВ АСРОР МУЗОФИРОВИЧ**

# ИМКОНИЯТҲОИ ИСТИФОДАБАРИИ САМАРАНОКИ САРВАТҲОИ ТАЪРИХИЮ ФАРҲАНГИИ МИНТАҚАИ КӮҲИСТОНИ БАДАХШОН ДАР ТАШКИЛИ ҲУДУДИИ САЙЁҲӢ

## Диссертатсия

**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои география**
**аз рӯйи ихтисоси 25.00.24 - географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ,**
**сиёсӣ ва рекреатсионӣ**

**Роҳбари илмӣ:**
**Мамадризохонов А.А.**
доктори илми биология, профессор
**Мушовири илмӣ**
**Диловаров Р.Д.**
номзади илми география, дотсент

**ХОРУҒ-2023**

## МУНДАРИҶА


НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО....................................................................3
Муқаддима…………………………………………………...................4-13
**БОБИ 1. АСОСҲОИ ИЛМИЮ НАЗАРИЯВИИ РУШД ВА ИНКИШОФИ САЙЁҲИИ ТАЪРИХИЮ ФАРҲАНГӢ**.................14-44
1.1. Мафҳум ва сохтори сарватҳои таърихию фарҳангӣ, мавқеи онҳо дар рушди сайёҳии минтақаҳои кӯҳӣ...............................................14-22
1.2. Хусусиятҳои функсионалии фаъолияти соҳа..............................23-28
1.3. Равандҳои мухталифи ташаккулёбии соҳа дар мавзеъҳои кӯҳӣ...........................................................................................................28-37
1.4. Сайёҳии таърихию фарҳангӣ ҳамчун стратегияи рушди иқтисодӣ дар минтақаҳои кӯҳии мамлакат....................................................38-42
Хулосаи боби якум..........................................................................43-44
**БОБИ 2. ТАҲЛИЛ ВА БАҲОДИИ ДАРАҶАИ ИСТИФОДАБАРИИ САРВАТҲОИ ТАЪРИХИЮ ФАРҲАНГИИ МИНТАҚА ВА ДУРНАМОИ РУШДИ ОН**..............................................................**45**-92
2.1. Объектҳои табиию таърихӣ-фарҳангии минтақа ва иқтидори онҳо.......................................................................................45-53
2.2. Хусусиятҳои мухталифи географии таърихию фарҳангии сокинони минтақаи кӯҳистони Бадахшон ҳамчун омили ҷалби онҳо дар фаъолияти сайёҳӣ.............................................................................54-61
2.3. Ҷойгиршавӣ ва тавсироти ёдгориҳои таърихи антропологии минтақаи сайёҳии Бадахшон..........................................................61-89
Хулосаи боби дуюм.........................................................................90-92
**БОБИ 3. СТРАТЕГИЯИ РУШДИ САЙЁҲИИ ТАЪРИХИЮ ФАРҲАНГӢ: МУШКИЛОТ, РОҲҲОИ ҲАЛ ВА МУКАМАЛГАРДОНИИ ОН**.......................................................93-145
3.1. Ноҳиябандии сайёҳии ҳудуди минтақаи сайёҳии Бадахшон вобаста ба мавҷудияти захираҳои сайёҳии таърихию фарҳангӣ..................93-120
3.2. Мушкилоти асосии фаъолияти самаранок ва рушди соҳа......122-126
3.3. Марҳилаҳои асосии рушди сайёҳии таърихию фарҳангӣ ва таҳияи модели ташкилии рушди иқтисодию иҷтимоии минтақавии он...125-143
3.3.1. Марҳилаҳои асосии рушди самараноки соҳа......................125-128
3.3.2. Модели минтақавии ташкилии рушди иқтисодию иҷтимоии соҳа..................................................................................................128-133
3.4. Дурнамо ва афзалиятҳои стратегӣ.........................................134-143
Хулосаи боби сеюм.........................................................................144-145
**ҶАМЪБАСТ ВА ХУЛОСАҲОИ УМУМӢ**..................................146-153
**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот**.....................154
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)**.........................................155-174
**ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ**..........................................................................................174-176

# НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО

ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон

ВМКБ – Вилояти мухтори кӯҳистони Бадахшон

ММД – Маҷмаи маҳсулоти дохилӣ

ИМА – Иёлоти муттаҳидаи Америко

СММ – Созмони Милали Муттаҳид

ВАО – Воситаҳои ахбори омма

СБС – Созмони байналхалқии сайёҳӣ

WTO – World Tourism Organization

WTTC – World travel & Tourism Council (Шурои ҷаҳонии сайёҳат ва сайёҳӣ)

GIS – Geographic Information System (Системаи иттилоотии географӣ)

# МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Дар ҷаҳони муосир соҳаи сайёҳӣ яке аз соҳаҳои босуръат тараққикунандаи иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва нишондиҳандаи тағйироти некуаҳволии ҷомеа ба ҳисоб рафта раванди он бахри қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ба истироҳат ва беҳтар намудани сифати зиндагии онҳо нигаронида шудааст [16, с. 10].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи сайёҳӣ дар сатҳи давлатӣ яке аз соҳаҳои афзалиятноки рушди иқтисоди миллӣ эътироф шудааст [1; 7]. Бо назардошти аҳаммияти бузурги сайёҳии таърихию фарҳангӣ, ки ҳадафи шиносоӣ бо мероси фарҳангӣ ва таърихии ин ё он минтақа дорад, дар солҳои охир ҳамаҷониба пайгирӣ карда мешаванд [164, с. 118].

Яке аз минтақаҳое, ки дар солҳои охир диққати ҳар чи бештари сайёҳони ҷаҳониро ба худ ҷалб намудааст, ин ҳудуди ВМКБ Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта он бо хусусиятҳои табиӣ, геоландшафтӣ, иқлимӣ, манзараҳои табиӣ, олами набототу ҳайвонот аз тамоми гӯшаю канори Осиёи Марказӣ ва давлатҳои ҳамҷавор ба куллӣ фарқ дорад. Илова ба ин, минтақаи мазкур дорои имкониятҳои беҳамтои таърихию фарҳангӣ (ёдгориҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва меъморӣ, ашёҳои таърихӣ, биноҳо, иншоотҳо ва ғ.), инчунин, бовуҷуди сукунати гурӯҳҳои гуногуни этникӣ, ки барои ҳар кадомашон расму оин, урфу одат, анъана ва тарзи зиндагонии ба худ хосро доранд, сол аз сол таваҷҷуҳи ҳар чи бештареро ба худ ҷалб намуда истодааст. Бояд қайд кард, ки чунин объекти намоиш - тарзи зиндагонӣ, меъёрҳои рафтор, эътиқод, забон ва ғайра, объектҳои ҷолиби сайёҳии таърихию фарҳангӣ ба шумор мераванд. Бинобар ин, мутахасиссон дар он ақидаанд, ки ҳангоми ташкили самарабахшии сохторҳои ташкилию идоравӣ, ин минтақа имконияти ворид шудан ба яке аз марказҳои ҷаҳонии сайёҳиро дорад.

Дар асоси омӯзиш ва таҳлили адабиётҳои зиёди илмию тахассусӣ хулосаҳои зиёде оиди ин минтақаи куҳанбунёду таърихӣ ҷой доранд. Аз он ҷумла олими машҳури олмонӣ Карл Витвер хулосаи илмиеро пешниҳод кардааст ва мувофиқи он «Помир ватани аҷдодии на танҳо

ориёиҳо, балкӣ шохаи пайдоиши инсоният ба шумор меравад» [73, С. 54]. Олим, сайёҳ ва таҳқиқотчии бритонёгӣ Генри Юль қайд менамояд, ки маҳз «Помир гавҳари авлоди инсонӣ ба шумор меравад» [115, С. 124].

То солҳои ба даст овардани Истиқлолиятӣ давлатӣ ин мавзеъи нотакрори сайёҳию рекреатсионӣ дар ҳолати фавқулодаи сарбастаи табиию-иқтисодӣ қарор дошт. Аз ин сабаб таҳқиқотчиёни ҷаҳонӣ, ки бо роҳи “Абрешим” ба ин мавзеъи кӯҳӣ сафар мекарданд, онро “Боми ҷаҳон” меномиданд.

Дар натиҷаи омӯзиш, таҳқиқотҳо ва адабиётҳои зиёди олимони ватанию хориҷӣ, аз он ҷумла олимони Рус чунин хулоса кардан мумкин аст, ки дар пайдоиш ва ташаккули сарватҳои таърихию фарҳангии Бадахшон марҳилаи тӯлониро аз сар гузаронидааст. Бозёфтҳои таърихию археологӣ мавзеъҳои гуногуни Бадахшон ба давраҳои гуногун рост меоянд. Масалан, мавзеи «Тоҷфар» (Чештебеи, ноҳияи Мурғоб), ба давраи полеолитӣ - 40-20000 соли то мелодӣ, бошишгоҳи Аличул - 20-12 ҳазор соли то мелодӣ, бошишгоҳи Ошхона -8-5 ҳазор соли то мелодӣ, нигораҳои кули Яшикул, нақшҳои рӯи сангии ғорҳои ноҳияи Муроғоб, қабристонҳои Қизилработ, Какуйбек ва Оқчилгаи мавзеи Лангари ноҳияи Ишкошим, далели мубрамиятии таҳқиқот мебошанд.

Ин нишонаҳои таърихию этнографӣ фикру ақидаи таҳқиқчиёнро ба он равонаи илмие мебарад, ки дар замони пеш мавзеҳои гуногуни Бадахшон, табиат ва иқлими мусоид доштааст, ки аз ин лиҳоз ин қадар ёдгориҳои таърихию фарҳангии бой то кунун дар ин мавзеҳо нигоҳ дошта шудаанд.

Дар баробари ин, истифодаи сарватҳои таърихӣ ва фарҳангии минтақа бо мақсадҳои сайёҳӣ тадқиқоти дақиқу асосноки илмиро талаб намуда, равшан намудани мушкилотҳои соҳа ва коркарди механизми аз ҷиҳати илмӣ асоснокшудаи ҳаллу фасли онҳо ба рушди самаранок ва устувори соҳа мусоидат мекунад.

**Дарачаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Ҷанбаҳои гуногуни соҳаи сайёҳӣ бахусус, сайёҳии таърихию фарҳангӣ дар асарҳои як қатор олимони ватанӣ ва хориҷӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Масъалаҳои консептуалии ҳалли мушкилоти сайёҳии таърихию фарҳангӣ дар асарҳои бисёре аз олимону мутахассисони сершумори Русия, инчунин, дигар давлатҳои ИДМ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Аз он ҷумла, асари олимони зеринро метавон қайд кард: А.Ю. Александрова [12], Л.В. Баумгартен [19], Е.И. Богданова [23], П.А. Баранов [18], Н.А. Восколович [28], О.Н. Никифоров [80], Т.В. Виноградова [27], А.Д. Чудновский [71], Н.Д. Закорина [27], И.В. Зорина [39], А.Н. Дунетс [36], Е.А. Дзагоева [35], А.Г. Бутузов [26], О.П. Звягинсева [38], Г.А. Карпова [44], Е.В. Колотов [46], А.В. Сидорова [63], Н.А. Карелина [127], Н.В. Косарева [131], В.В. Лапочкина [133], А.З. Розенфелд [151], В.П. Сидоров [154], Т.Н. Третьякова [157], З.А. Трифонова [159] ва дигароне, ки паҳлуҳои гуногуни мавзуи мазкурро баррасӣ намудаанд. Дар асарҳои G.J. Ashworth [168], A.B. Ericsson [169], П. Дефер [33], B. Garcia [170], J. Kay [171] ва дигарон сайёҳии таърихию фарҳангӣ инъикоси консептуалии худро пайдо кардааст. Сарфи назар аз теъдоди зиёди осори илмӣ, асарҳои таълимӣ-методӣ, брошюраҳо, асарҳои монографӣ, ки дар солҳои охир нашр шуда, чандин диссертатсияҳои тадқиқотӣ дифоъ карда шудаанд, то ҳол инъикоси ҳамаҷонибаи универсалӣ ва ҳалли масъалаҳои калидии рушди сайёҳии таърихию фарҳангӣ вуҷуд надорад.

Аз байни олимони тоҷик, ки мушкилотҳои сайёҳӣ ва сарватҳои таърихию фарҳангиро таҳқиқ намуданд, инҳо: Р.Д. Диловаров [75] , Х.М. Мухаббатов [79], А.М. Самиев [81], А.А. Мамадризохонов [138], А.А. Шоинбеков [83], Т.С. Қаландаров [43], Ҳ.Е. Карамхудоев [126], Д.Ш. Сангинов [82], Ҷ.Н. Ёров [103], М.И. Қодирова [130] ва дигарон мебошанд. Мувофиқи ақидаи онҳо иқтидори сайёҳии таърихию фарҳангии Тоҷикистон барои мақсадҳои сайёҳӣ ба қадри кифоя истифода нашуда истодаанд. Агар шуду дар дигар ҳудудҳои ноҳияҳои

ҷумҳурӣ масъалаи мазкур каму беш таҳқиқ шуда бошанд, дар ҳудуди ВМКБ бовуҷуди як қатор омилҳои дохилию берунӣ, аз ҷумла, мавқеи геополитикӣ, хусусиятҳои табиӣ, экологӣ, географӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ масъалаҳои ташаккул ва рушди сайёҳии таърихию фарҳангӣ бо назардошти хусусиятҳои минтақаҳои кӯҳистон ва талаботи ҳозираи бозори байналхалқии сайёҳӣ то кунун ба қадри кофӣ таҳқиқ нашудааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи татбиқи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи биоэкология ва туризми Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев аз рӯи мавзуи «Мушкилот ва афзалиятҳои рушди соҳаи сайёҳӣ дар шароити ВМКБ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон», инчунин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифз ва истифодаи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ» аз 28 декабри соли 2012 (№921), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳии дохилӣ» аз 18 июли соли 2017 (№ 1450), Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030» аз 1 августи соли 2018 ва ғайра иҷро гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ:

**Мақсади таҳқиқот** диссертатсионӣ ин таҳқиқи асосҳои назариявии рушди сайёҳии таърихию фарҳангии минтақаи кӯҳистони Бадахшони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва коркарди механизми аз ҷиҳати илмӣ асосноки рушди устувор ва такмили он дар асоси пешниҳоду тавсияҳо мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои комёб шудан ба ҳадафҳои мазкур вазифаҳои зерин гузошта шудаанд:

-омӯзиш ва такмили асосҳои назариявӣ ва методологии мавзеҳои сайёҳӣ барои таъмин намудани заминаи назариявии ташкили амалии фаъолияти сайёҳии таърихию фарҳангӣ;

- тавсифоти сарватҳои таърихию фарҳангии минтақаи кӯҳистони Бадахшон ва баррасӣ намудани нақши онҳо дар рушди соҳаи сайёҳӣ;

- муайян намудани марҳилаҳои асосии инкишофи натиҷабахши сайёҳии таърихию фарҳангӣ дар шароити минтақа;

- таҳлил ва асоснок намудани мушкилот ва афзалиятҳои стратегии сайёҳии таърихию фарҳангӣ ва самтҳои афзалиятноки рушди он дар ҳудуди ВМКБ;

- ноҳиябандӣ намудани ҳудуди минтақаи Бадахшон вобаста ба мавҷудияти захира ва сарватҳои осори таърихию фарҳангӣ ва мусоидат ба ташкили муташакили фаъолияти соҳа;

- коркард ва тартиб додани модели тараққиёти иқтисодию иҷтимоии минтақавӣ;

- таҳияи пешниҳодҳо ва тавсияҳо ҷиҳати боз ҳам самаранок ба роҳ мондани фаъолияти самараноки идоракунии соҳа ва зиёд намудани иқтидори он баҳри баланд бардоштани даромаднокии соҳа ва ҳалли мушкилотҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии минтақа.

**Объекти тадқиқот -** нерӯи сайёҳии таърихию фарҳангии ноҳияҳои ВМКБ интихоб карда шудааст.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот:** Объектҳои таърихию фарҳангии минтақаи кӯҳистони Бадахшон ҳамчун сарчашмаи рушди сайёҳӣ ва

муносибатҳои ташкилию идоравӣ махсуб ёфта бо мақсадҳои ташкили ҳудудии сайёҳӣ истифода бурда мешавад.

**Навовариии илмии таҳқиқот** аз таҳияи усулҳои ташкиливу иқтисодии баланд бардоштани ҷолибияти сарватҳои таърихию фарҳангии ВМКБ иборат мебошад. Дар раванди таҳқиқот натиҷаҳои асосии зерин, ки навовариии илмии кори диссертатсиониро ташкил менамояд, ба даст оварда шудаанд:

- бори аввал дар диссертатсия дар шароити минтақаи кӯҳистон назария ва асосҳои ташкилии фаъолияти сайёҳии таърихию фарҳангӣ омӯхта шуда, объектҳои таърихию фарҳангии минтақаи кӯҳистони Бадахшон ҳамчун манбаи потенсиалии сайёҳӣ, нақши онҳо дар рушди сайёҳии кишвар тавсиф карда шуданд;
- дар асоси тафриқаи ҳудуд вобаста аз мавҷудияти сарватҳои таърихию фарҳангӣ ва дараҷаи мусоид будани ҳудуд ва минтақаи омӯзишӣ соҳаи сайёҳӣ ба ноҳияҳои алоҳида ҷудо карда шудааст;
- ареалаҳои асосии рушди босамари сайёҳии таърихию фарҳангӣ дар ҳудуди минтақаи омӯзишӣ муайян шуда, дар асоси таҳлили мушкилот иқтидори сайёҳии минтақа муайян карда шудааст;
- дар асоси омӯзиши равишҳои методологии осори таърихию фарҳангии минтақа модели мувофиқи ташкилию иқтисодӣ пешниҳод шудааст, ки истифодаи самараноки он ба баланд бардоштани самаранокии ин намуди фаъолияти сайёҳӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд;
- дар асоси таҳлили ҳаматарафаи мушкилот, афзалиятҳои стратегии сайёҳии таърихию фарҳангӣ муайян карда шуда, самтҳои самарабахши рушди соҳа дар ҳудуди ВМКБ асоснок карда шудааст;
- бо мақсади баланд бардоштани нерӯи ин намуди фаъолияти сайёҳӣ барои ҳалли мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ ва дигар проблемаҳои минтақа, роҳҳои самараноки идоракунии фаъолияти

сайёҳии таърихию фарҳангӣ муайян карда шуда, барои дар амалия ҷорӣ намудани бандҳои он, пешниҳоду тавсияҳо манзур гардидаанд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот.** Аҳамияти назариявии кори диссертсионӣ дар он ифода ёфтааст, ки муқаррарот ва хулосаҳои асосии он барои истифодаи амалияи муассисаҳои сайёҳӣ дар системаи идораи минтақавии рушд ва ташвиқи сайёҳии таърихию фарҳангӣ дар ҳудуди ВМКБ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон истифода кард. Модели таҳияшудаи рушди минтақавии сайёҳии таърихию фарҳангӣ барои самаранок ба роҳ мондани фаъолият оид ба ташаккул ва рушди ин намуди сайёҳӣ мусоидат мекунад. Равишҳо ва пешниҳодҳои методие, ки дар диссертатсия оид ба ташаккул ва рушди устувори сайёҳии таърихию фарҳангӣ кор карда баромада шудаанд, метавонанд дар таҳияи нақшаҳои таълимӣ, дастурҳои таълимӣ-методӣ оиди гузаронидани курсҳои махсус барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва низоми бозомӯзии мутахассисони соҳаи сайёҳӣ истифода шаванд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:** Ба ҳимоя аз ҷониби муаллиф, натиҷаҳои зерини илмию назариявӣ, методӣ ва амалии таҳқиқот пешниҳод гардидаанд, ки дорои унсурҳои навгонии илмӣ мебошанд:

- таҳлили таҷрибаи хориҷӣ ва ватанӣ дар рушди соҳаи сайёҳӣ нишон медиҳад, ки яке аз ҷолибтарин объектҳои сайёҳии муосир, мероси таърихию фарҳангӣ ва мувофиқан бахши махсуси сайёҳӣ мебошад, ки барои татбиқи ин андеша дар соҳаи сайёҳӣ нигаронида шудааст;
- омӯзиши гуногунии сарватҳои таърихию фарҳангии минтақа ва дараҷаи мусоид будани онҳо барои рушди сайёҳӣ, яке аз марҳилаҳои асосии арзёбии иқтидори сайёҳии минтақа ва дараҷаи танзими устувори сайёҳии дохилӣ ва берунӣ ба шумор меравад.
- марҳилаи кунунии рушди соҳаи сайёҳиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз як тараф, ҳамчун зиддият байни афзоиши талаботи

фарҳангӣ ва рушди манфиатҳои фарҳангии аҳолӣ, ва аз тарафи дигар, ҳамчун тамоюли пастшавии имкониятҳои иқтисодии амалӣ намудани онҳо тавассути чунин шакли гаронбаҳои фароғат ва сайёҳат, ки дар шароити нави иҷтимоӣ ба таври шадид зоҳир шудааст, тавсиф кардан мумкин аст.

- объектҳои таърихию фарҳангии минтақаи кӯҳистони Бадахшон маҳсули сайёҳии дорои сифатҳои мушаххас буда, азхудкунии устувори он ҳангоми омӯхтан ва рушди иқтидори онҳо ҳамчун маҳсулоти мукаммали сайёҳии минтақа истифодаи комплексиро талаб мекунад.

- ноҳиябандии ҳудуд аз рӯи мавҷудияти осори фарҳангию таърихӣ ва дараҷаи мусоид будани минтақа намунаи идоракунии самараноки соҳаи сайёҳӣ дар ҳудуди минтақаи сайёҳии Бадахшон мебошад, ки маҷмуи тадбирҳои мутавозинро дар бар мегирад. Рушди равандҳои иқтисодӣ, экологӣ ва маърифатӣ бо ҷалби аҳолии маҳаллӣ дар фаъолияти сайёҳӣ, ба кам гардидани таъсири антропогенӣ ба маҷмааҳои табиӣ, ҳифзи объектҳои таърихию фарҳангии минтақа мусоидат мекунад.

- дар ташаккул ва фаъолияти сайёҳии таърихию фарҳангӣ дар минтақа маҷмуи омилҳои берунӣ ва дохилӣ нақши муҳим мебозанд. Омилҳои беруна, пеш аз ҳама қувваҳои амалиёти умумии бозориро дар бар гирифта, ба онҳо омилҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, демографӣ, табиию географӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ дохил мешаванд, ки дар якҷоягӣ иқтидори умумии соҳаи сайёҳиро тавсиф мекунанд. Омилҳои дохилӣ бошанд, хусусиятҳои умумии бозори хизматрасонии сайёҳии таърихию фарҳангии минтақаро дар бар мегиранд. Ба қатори онҳо маҳсулоти умумии сайёҳӣ, инфрасохтори соҳаи сайёҳӣ, вазъи бозори меҳнати сайёҳӣ, инчунин, масъалаҳои марбут ба сармоягузорӣ, таъминоти меъёрӣ-ҳуқуқии сайёҳӣ ва ғайра, ки дараҷаи афзалиятнокӣ тараққиёти соҳаи сайёҳии минтақаро тавсиф мекунанд, дохил мешаванд.

- модели ташкилии таҳияшудаи рушди минтақавии сайёҳии таърихию фарҳангӣ барои ба роҳ мондани фаъолияти самараноки ташкил ва рушди соҳаи сайёҳӣ мусоидат мекунад.

- истифодаи арзёбии муқоисавии ҳолат ва дурнамои рушди соҳаи сайёҳӣ дар асоси иқтидори таърихию фарҳангии минтақаи сайёҳии Бадахшон имкон медиҳад, ки рушди минтақа бо назардошти ташкили минтақаҳои махсуси иқтисодии сайёҳӣ ба нақша гирифта шуда, пешгӯӣ карда шавад.

- дар ҳуҷҷатҳои стратегии давлатӣ оид ба рушди сайёҳии таърихию фарҳангӣ дар ноҳияҳои ВМКБ таваҷҷуҳ бояд ки на ба афзоиши шумораи сайёҳон, балки ба афзоиши даромад аз татбиқи ин намуди фаъолияти сайёҳӣ дода шавад, то ин ки нишонаҳои сифатӣ ва таъсири мултипликатории он беҳтар кунонда шавад. Чунин равиш имкон медиҳад, ки стратегияи маркетингии сайёҳии таърихию фарҳангӣ дар минтақаи сайёҳии Бадахшон ба бозорҳои ғании воқеъ дар Аврупо, Амрикои Шимолӣ ва Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, ки тавлидкунандагони асосии талабот ба чунин хизматрасониҳои сайёҳӣ мебошанд, бозгардонида шавад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Муаллиф мавзӯи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои онро вобаста ба нақшаи мантиқии диссертатсия муайян карда, методикаи дар таҳқиқоти олимони соҳа асосёфтаро дар таҳлили хусусияти ҷалби сармоя ба рушди инфрасохтор истифода намудааст. Интишороти муаллиф дар маҷаллаҳои илмӣ нашр гардида эътимоднокии таҳқиқотро тасдиқ менамоянд. Хулосаву тавсияҳо ва натиҷаҳои таҳқиқотии назариявии муаллифи рисола бо истифодаи усулҳои муосири таҳқиқотӣ асоснок шудааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи диссертатсия ба бандҳои шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА–058 аз рӯйи ихтисоси 25.00.24 - Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2021, таҳти № 7 тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дарачаи илмӣ дар таҳқиқот.** Иштироки бевосита дар таҳқиқоти саҳроӣ (2017-2022), ҷамъоварӣ ва таҳлили асарҳои бунёдии олимон оид ба ҷанбаи сайёҳии таърихию фарҳангӣ, ҳамкорӣ бо дигар соҳаҳои хоҷагии халқ, коркарди маълумоти ибтидоии оморӣ, таҳлил ва ҷамъбаст намудани натиҷаҳои тадқиқот, апробасияи натиҷаҳо ва тартиб додани хулосаҳо арзёбӣ мегардад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия**.
Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмӣ –амалии дар Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Донишгоҳи давлатии Данғара дар давоми солҳои 2017-2022 баргузоргардида, мавриди барасӣ қарор дода шудааст.

**Интишорот аз рӯи мавзӯи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 11 мақолаи илмии муаллиф инъикос ёфтаанд, аз ҷумла 5 мақолаи дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот асос ёфта аз мундариҷа, номгӯйи ихтисорҳо, муқаддима, се боб ва 13 зербоб, хулосаю тавсияҳо, рӯйхати адабиёт (174 номгӯй) иборат аст. Матни рисола дар 176 саҳифаи компютерӣ, аз ҷумла, 9 расм ва 36 ҷадвал оварда шудааст.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ ИЛМИЮ НАЗАРИЯВИИ РУШД ВА ИНКИШОФИ САЙЁҲИИ ТАЪРИХИЮ ФАРҲАНГӢ

## 1.1. Мафҳум ва сохтори сарватҳои таърихию фарҳангӣ, мавқеи онҳо дар рушди сайёҳии минтақаҳои кӯҳӣ

Рушди тиҷорати соҳаи сайёҳӣ дар шароити бозор мавҷудияти захираҳои сайёҳиро тақозо мекунад [34, с. 9]. Баръакси дигар соҳаҳои иқтисодиёт, захираҳои барои мақсадҳои сайёҳӣ истифодашаванда хеле гуногунанд.

Сайёҳ (турист) –шахсест, ки ба ин ё он мавзеъи географӣ берун аз ҷойи зист мувақатан ба мақсади солимгардонӣ, тиҷоратӣ, динию-зиёратӣ, иҷтимоӣ, варзишӣ ва дигар ҳадафҳои марбут ба ин соҳа ва иқомати муваққатӣ берун аз мавзеи худ сафар мекунад, номида мешавад [14, с. 68]. Сайёҳ ба он мавзеъҳое сафар мекунад, ки дар ҳудуди интихобкардааш “Захираҳои сайёҳӣ” бо иқтидорҳои хуб сайёҳро қонеъ гардонанд. “Захираҳои сайёҳӣ” чун занҷир аз якчанд зинаи сарватҳои тадқиқшуда ва идоракунанда иборат мебошанд: 1) табиат ва унсурҳои он; 2) таъриху фарҳанг; 3) иқтисодию иҷтимоӣ; 4) хизматрасониҳои сайёҳӣ ва рекреатсионӣ; 5) иттилоотӣ; 6) хизматрасониҳои техникию идоракунӣ, ки талаботи ташрифоварандагонро қонеъ мегардонанд. Ба онҳо: объектҳо ё падидаҳои табиию иқлимӣ, таърихӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, маърифатӣ, меъморӣ ва археологӣ, илмию истеҳсолӣ, динӣ ва дигар объект ё падидаҳое дохил мешаванд, ки талаботу мақсадҳои сайёҳонро қонеъ намуда, ба раванди фаъолият, барқарорсозӣ ва рушди неруи ҷисмонӣ ва руҳии сайёҳон мусоидат мекунад [61, с. 160].

Солҳои охир рушди босуръати соҳаи сайёҳӣ мушоҳида шуда, ин соҳа ба як падидаи бузурги иҷтимоию иқтисодии байналмилалӣ табдил гардида истодааст. Рушди босуръати соҳаи сайёҳӣ ба робитаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, илмӣ ва фарҳангии халқҳои ҷаҳон мусоидат мекунад [15, с. 98].

Дар робита бо рушди ҷаҳонии соҳаи сайёҳӣ вақтҳои охир чунин мафҳум, ба монанди минтақаи сайёҳӣ пайдо шудааст. Мафҳуми мазкур

ҳамчун қаламрави георафӣ буда, дорои захираҳои муайяни сайёҳӣ ва иқтидори ташкили фаъолияти гуногуни сайёҳӣ мебошад [143, с. 32].

Дар баробари рушди соҳа таснифоти гуногуне пайдо шуданд. Мувофиқи таснифоти олимони рус, захираҳои сайёҳиро ба ду гурӯҳи асосӣ тақсим мекунанд:

1. табиӣ;

2. таърихӣ ва фарҳангӣ;

Ба захираҳои сайёҳии табиӣ объектҳо ва ҳодисаҳои табиӣ дохил мешаванд, ки ҷолиби диққати сайёҳон мебошанд [12, с. 56]. Ба онҳо омилҳо, моддаҳо, хосиятҳои ҷузъҳои муҳити табиӣ, ки барои ташкили фаъолияти сайёҳон, аломатҳои мусоиди миқдорӣ ва сифатӣ, ки барои сайёҳӣ, истироҳат, табобат ва расмиёти солимгардонии сайёҳон равона шудаанд, дохил мешаванд. Инчунин дигар манзараҳои кӯҳӣ, манзараҳои зебо, даштҳои кӯҳӣ, биёбонҳо, хосиятҳои шифобахши иқлимӣ, кӯлҳои кӯҳӣ, пиряххо, шаршараҳо, ғорҳо, ҷангалҳо, обҳои сатҳӣ, чашмаҳои сард ва маъданию гарм, объектҳои геологӣ, гидрологӣ ва рекреатсионӣ, хосиятҳои геоландшафтҳои кӯҳӣ ва пастӣ, ҳудудҳои махсус муҳофизатшавандаи табиат низ ба онҳо дохил мешаванд [32, с. 58].

Захираҳои сайёҳии таърихию фарҳангӣ бошад, ёдгориҳои табиии таърихӣ, фарҳангию меъморӣ, арзишҳои таърихӣ, ашёҳо, падидаҳои фарҳангии моддӣ ва маънавиро дар бар мегиранд, ки дар раванди рушди таърихӣ ба вуҷуд омада, дар шароити муосир дар ҳудуди муайян ҷойгир мебошанд. Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 3 марти соли 2006, №178), ба мероси таърихию фарҳангӣ ҳамаи ашё, ё объектҳои фарҳанги моддию маънавӣ дохил мешаванд, ки аҳаммияти умумибашарӣ, миллӣ ё маҳаллии таърихӣ, илмию фарҳангиро доро мебошанд.

Ҳангоми тадқиқотҳои минбаъда олимон захираҳои сайёҳиро ба ду гурӯҳи калон: мустақим ва ғайримустақим тақсим намуданд. Ба гурӯҳи захираи сайёҳии мустақим сарватҳои табиӣ ва таърихию фарҳангие, ки

худи сайёҳон ва истироҳаткунандагон истифода мебаранд, (ҷозибаи манзара, иншооти фароғатии минтақа, объектҳои дониш ва ғайра) дохил мешаванд. Ба гурӯҳӣ захираҳои ғайримустақим бошад, он захираҳое дохил карда шуданд, ки барои рушд ва истифодаи захираҳои мустақими сайёҳӣ ҷалб карда шуда онҳо дар навбати худ ба захираҳои моддию техникӣ, молиявӣ, меҳнатӣ ва ғайра тақсим мешаванд.

Н.П. Крачило дар таснифоти худ тамоми захираҳои сайёҳиро ба се гурӯҳ тақсим мекунад: *табиӣ* (иқлим, захираҳои об, чашмаҳо ва лойҳои табобатӣ, релеф, ғорҳо, гуногуннамудии биологӣ, ёдгориҳои табиӣ ва ҳудудҳои махсусмуҳофизатшавандаи табиат, мавзеъҳои зебоманзар, объектҳои нодири табиӣ ва ғайра); *фарҳангӣ ва таърихӣ* (осорхонаҳо, намоишгоҳҳо, театрҳо, ёдгориҳои археологӣ, таърихӣ, меъморӣ, хусусиятҳои этнографӣ, фолклор, марказҳои санъати амалӣ ва ғайра) ва *иҷтимоию иқтисодӣ* (дастрасии нақлиёт ва сатҳи рушди шабакаи нақлиёт, мавқеъи иқтисодию географӣ, сатҳи рушди иқтисодӣ, ташкили муосир ва ояндадори ҳудудӣ, сатҳи хизматрасонии маишӣ, захираҳои меҳнатӣ, хусусиятҳои аҳолӣ) [48, с. 60].

Машҳурияти калонро таснифоти иқтисодчии поляк М. Труаси ва иқтисодчии фаронсавӣ П. Дефер пайдо намуданд. Мувофиқи ақидаи М. Труаси захираҳои сайёҳиро се гурӯҳи захираҳо муайян мекунад: захираҳои сайёҳии табиӣ, ки “сармояи потенсиалии сайёҳӣ” муайян шудааст; захираҳои сайёҳӣ, ки бо меҳнати инсон ба вуҷуд омадааст ва захирахои “иловагии сайёҳӣ”, ки он инфрасохтори ба талаботи замона ҷавобгӯй, шароити хуби зист, истироҳат ва сайёҳатро дар бар мегирад [50, с. 43]. П. Дефер бошад, дар таснифоти худ объектҳои инфрасохторӣ ва шароити иқтисодиро ҳамчун захираҳои сайёҳӣ дар бар нагирифта ӯ ҳамаи захираҳои сайёҳиро ба чор гурӯҳ тақсим мекунад: обӣ (объектхои обӣ); мувофиқат (замин, табиат); рехтагарӣ (захираҳое, ки бо меҳнати инсон офарида шудааст - меъморӣ); антропономӣ (намудҳои ғайримоддии фаъолияти инсон –анъана, урфу одат, маросимҳои идӣ, расму оинҳо, ва ғайраҳо) [33, с. 87].

Бояд қайд кард, ки ҳар як таснифоти пешниҳодшуда дорои хусусиятҳо ва хосиятҳои ба худ хос аст, ки дар мазмуни онҳо намудҳои захираҳо, имкониятҳои оқилона истифодабарии онҳо; дараҷаи ҷолибият; хосиятҳои солимгардонӣ; ягонагии таърихӣ ва эволютсионӣ; меъёрҳои экологӣ асос ёфтаанд.

Дар асоси омӯзиши илмӣ ва таҳлили маводҳои адабиётӣ оиди мушкилотҳои мусоидаткунанда барои рушди сайёҳии таърихию фарҳангӣ мо ба хулосае омадем, ки барои рушди ин намуди сайёҳӣ дар минтақаи кӯҳистони Бадахшон омилҳои табии – географӣ, омилҳои таърихию фарҳангӣ, омилҳои этникӣ мавқеъи алоҳидаро ишғол мекунанд, ки боиси рушди равияҳои сайёҳии маҳалию – байналхалқӣ мегарданд (Ҷадвали 1.1).

**Ҷадвали 1.1.**

Омилҳои мусоидаткунанда барои рушди сайёҳии таърихию фарҳангии минтақаи кӯҳистони Бадахшон.

| | |
|---|---|
| **Омилҳои табии – географӣ**. | Ёдгориҳои нотакрори географӣ. Муҷассамаҳои саёҳӣ Помири Шарқӣ. Санги аҷоиби (Филмонанд) Чатиртош водии Аличур, сатҳи обшустаи Ҷамантал, девори Дастор дар мавзеъи Зарчашмаи Мурғоб, шаршараи обчакӣ Яхчисорӣ Дарвоз, шаршараи Матравни Язгулом, кӯҳҳои сар ба фалак кашидаи яхбандиҳо, дарёҳо, кӯҳҳо, Ғори Ранкӯл, Мағорҳо, теппаҳои Птупи Ишкошим.<br><br>Ёдгориҳои тектоникӣ. Чатем (Шуғнон), Яшилкул (Мурғоб).<br><br>Ёдгориҳои гидрологӣ. Гармчашма, Шоҳдара, Бахмир, Чартигунбез, Элсу, Сасикӯл, Рачкул, Шуркул, Кули Оқбалик, Кули Сарез, Каракул ва ғайраҳо.<br>Ёдгориҳои космогенӣ. Даҳонаи Аличур, Мурғоб<br>Ёдгориҳои геологии таърихӣ.<br>Сари об (тилло) қаторкӯҳи Дарвоз; Техарв (мис) н. Ванҷ; кӯҳи лаъл қаторкӯҳи Ишкошим; Хуф (тилло) қаторкӯҳи Рушон; Тоқуз – булоқ (нуқра) қаторкӯҳи Рушон |

| | |
|---|---|
| **Омилҳои таърихию фарҳангӣ.** | Санаҳои таърихии ташакули ҷомеъа: Асрҳои VII – IV то мелод; Солҳои 40 – 20 то мелод Помири Шарқӣ; Аличур 20 – 12 то мелод; Ошхона 8 – 5 то мелод (Халқиятҳо –Сакҳо дар Помири Ғарбӣ ва Шарқӣ; қалъаҳо, хонаҳои қадим, маданият,); динҳо: Зардуштӣ, Будоия, Ислом (асри VII – VIII пайдоиш ва рушди дини Ислом); оинҳо, урфу одат, мавзеъҳо ва ҷойҳои муқаддас, забон ва хат; релефи кӯҳӣ, чашмаҳои шифобахш, ки нафақат аз ҷиҳати эстетикӣ таваҷӯҳи сайёҳонро ба худ ҷалб мекунанд, бал, ки ҳамчун ҷузиётҳои табобатию рекреатсиони истифода бурда мешаванд. |
| **Омилҳои этникӣ.** | Миқдори халқиятҳо, (Тоҷикон, қирғизҳо), урфу одатҳо, равияҳои дини, маърифатнокӣ, маданияти таърихии аҳолӣ, тарзи зиндагӣ, илм ва адабиёт, тиб, қалъаҳо, мадрасаю масҷидҳо, меъморӣ, хонасозӣ, навиштаҳои руи сангӣ (петроглифҳо), миниатюра (маданияти хатоти), фарҳанг, ассбобҳои мусиқии таърихӣ (рубоб, тамбур, сетор, ғигак, даф, най, чанг ва ғайраҳо) |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси адабиётҳои истифодашуда [10; 18; 20; 21; 25; 26; 29; 53; 81; 83].

Омилҳои пешниҳодшуда дар якҷоягӣ иқтидори мавзеъҳои сайёҳию – рекреатсионии Бадахшонро ба таври комплексӣ истифодаи самараноки равияҳои сайёҳӣ ва фаъолияти рекреатсиониро муайян намуда барои самаранок истифода бурдани онҳо заминаи устувор мегузоранд.

Дар солҳои охир, бо вуҷуди авҷи босуръати фаъолияти сайёҳӣ таваҷҷуҳи махсусро сайёҳии таърихию фарҳангӣ ба худ ҷалб намудааст.

Агар ба таърих назар андозед, истилоҳи “сайёҳии таърихию фарҳангӣ дар солҳои 80-уми асри гузашта пайдо шудааст. Ин истилоҳи “сайёҳии меросӣ” сарчашмаи худро, ба шарофати бисёр хусусиятҳои мусбати сайёҳии солҳои 70-уми асри гузашта гирифта буд [163, с. 239].

Дар мавриди таърифи мафҳуми “сайёҳии таърихию фарҳангӣ” низ ақидаҳои мухталиф вуҷуд доранд. Ҳамин тариқ, тибқи таърифи Г.А. Карпова ва дигарон, сайёҳии таърихию фарҳангӣ ҳаракати одамонро берун аз ҷои истиқоматии худ, бо мақсади боздид аз мавзеъҳои таърихию фарҳангӣ, аз ҷумла, чорабиниҳои фарҳангӣ, намоишҳои санъат, мусиқӣ ва ё драмаҳои халқӣ мебошад. Театрҳо, осорхонаҳо, мавзеъҳои таърихӣ, майдонҳои консертӣ ва дигар ҷойҳое, ки мероси

таърихӣ, фарҳангӣ, арзишҳои анъанавӣ, фаъолияту тарзи ҳаёти ҳаррӯзаи сокинон, эҷодиёти инноватсионии бадеӣ ва санъатро бо мақсади ба даст овардани маълумот, таҷриба ва таассуроти нав дар бораи ҳаёт ва фаъолияти дигар шахсонро дар бар мегиранд.

И.Т. Фролова рисолати сайёҳии таърихию фарҳангиро ҳамчун василаи наздикшавии халқҳо, ҷилавгирӣ аз низоъ ва таҳаммулнопазирӣ, ҳурмату эҳтиром инъикос намуда, онҳоро ба 3-қисми асосии башардӯстона ҷудо мекунад: 1) фарҳангӣ, маърифатӣ ва тарбиявӣ, 2) муҳофизат ва ҳифзи фарҳанг, 3) ҳамкорӣ ва муҳофизати сулҳ.

Ба ақидаи И.Т. Фролова дар айни замон ин намуди сайёҳӣ дар 3 самти ба ҳам алоқаманд инкишоф меёбад: 1) донистани фарҳанг ва мероси фарҳангӣ, 2) ҳифз ва эҳёи фарҳанг, 3) муколамаи фарҳангҳо. Ба ақидаи Е.В. Колотов бошад, объекти сайёҳии таърихию фарҳангӣ тамоми муҳити иҷтимоию фарҳангӣ, анъана ва расму оинҳои мавҷуда, хусусиятҳои фаъолияти рӯзмараи сокинон маҳсуб меёбад. Аммо барои рушди оммавии сайёҳии таърихию фарҳангӣ мавҷудияти теъдоди муайяни объектҳои мероси фарҳангӣ зарур аст.

Аз рӯйи сарчашмаҳои илмӣ, ҳангоми баррасии сайёҳии таърихию фарҳангӣ онро ба ҷузъҳои моддӣ (ёдгориҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва меъморӣ, ашёи таърихӣ, иморату иншоот ва ғайра) ва қисми ғайримоддӣ (анъанаҳо, зиндагии маишӣ, меъёрҳои рафтор, эътиқод ва забон) тақсим мекунанд [153, с. 79]. Аз ин рӯ, сайёҳии таърихию фарҳангӣ имкон медиҳад, ки на танҳо бо объектҳои алоҳидаи таъриху фарҳанг шинос шавем, балки тафсири онҳоро аз тариқи муҳити атроф дарк намуда, арзёбӣ намоем.

Ҳамин тавр, дар асоси тахлилоти мулоҳизаҳои олимон ва мутахассисони соҳа, ақидаи пешниҳодкардаи Г.А. Карпова ва дигарон, оиди фаҳмиши фаъолияти сайёҳии таърихию фарҳангӣ ҳамчун раванде, ки ба тамошои мавзеъҳои фарҳангӣ, аз ҷумла, ба чорабиниҳои фарҳангӣ, осорхонаҳо, осори таърихӣ, намоиши бадеъю театерҳои драмавӣ, маконҳои ба мардум алоқаманд ва инчунин, шиносоӣ бо аҳолии

маҳаллӣ, омӯзиши таърихи фарҳанг ва мероси фарҳангии минтақа, шиносоӣ бо фарҳанг ва муҳити фарҳангии маконҳои тамошобоб, аз ҷумла, манзара, шиносоӣ бо анъанаҳои зиндагӣ, тарзи зиндагонии мардум, фарҳанг ва санъати бадеӣ равона карда шудааст, аз ҳама зиёд дастгирӣ ёфт. Аз ин рӯ, дар раванди рисолаи диссертатсионӣ интишори фаъолияти сайёҳии таърихию фарҳангӣ маҳз ба ҳамин мафҳум инъикос мешавад.

Ҷузъҳои муҳим дар ташкилоти сайёҳии таърихию фарҳангӣ ин ошноӣ бо анъана ва фарҳанги халқҳои хурд, гурӯҳҳои этникии аҳолии ҳудуди муайян, хусусиятҳои этнографии онҳо, омӯзиши тарзи зиндагонӣ, расму оинҳо ва анъанаҳои мардумӣ, ошноӣ бо чунин вижагиҳои фарҳангии одамоне, ки ҳоло ё ҳамеша дар ин қаламрав зиндагӣ кардаанд, бо мақсадҳои маънавӣ, маърифатӣ, таълимӣ, илмӣ ва ғайра баррасӣ карда мешаванд [16, с. 50].

Ин намуди фаъолияти сайёҳӣ дар ташаккули муносибати арзишманди шахс ба таърихи фарҳанги худ, ба шуури этнофарҳангии аҳоли таъсири мусбӣ расонида, боиси баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ, васеъ намудани доираи ҷаҳонбинӣ ва ба ин васила, дар ташкили чорабиниҳои сайёҳӣ ва фароғатӣ унсури ҷолибро роҳандозӣ менамояд.

Айни замон дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мероси таърихию фарҳангӣ бо як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ танзим карда мешавад, ки вазъи ҳуқуқии истифодаи сарватҳои моросӣ, таърихию фарҳангии ҷумҳуриро муайян мекунанд. Аз ҷумла:

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 1997, № 23-24, моддаи 352; 2001, № 4, моддаи 143; 2003, № 12, моддаи 691); 2008, № 10, моддаи 819, 2009, № 8, моддаи 499, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.06.11 с., № 734) [2];
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифз ва истифодаи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ» аз 3 марти соли 2006, № 178 [3];

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқии» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2007 № 172, ш. Душанбе [4];
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифз ва истифодаи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ (Тағйироти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2012 № 201 [5];
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳии дохилӣ». Душанбе, № 1450, 18 июли соли 2017) [6];

Объектҳои мероси фарҳангӣ мувофиқи арзиши таърихӣ, илмӣ, бадеӣ ё дигар арзиши фарҳангӣ ба гурӯҳҳои зерин тақсим карда мешаванд:

1. Объектҳои мероси фарҳангии дорои аҳаммияти умумидавлатӣ. Дар онҳо ашёҳое, ки арзиши таърихӣ, меъморӣ, бадеӣ, илмӣ ва ёдгориро инъикос мекунанд, ашёи мероси бостонӣ, инчунин, объектҳои барои таърих ва фарҳанги халқи тоҷик аҳаммияти хоса доранд, ҷойгир шудаанд;
2. Объектҳои мероси фарҳангии доройӣ аҳамияти вилоятӣ. Ба категорияи онҳо объектҳое дохил мешаванд, ки арзиши илмӣ, таърихӣ, меъморӣ, бадеӣ ва ёдгорӣ доранд, ки барои таърих ва маданияти минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ аҳаммияти махсусро доро мебошанд;
3. Объектҳои мероси фарҳангии дорои аҳаммияти маҳаллӣ (мавзеҳои дорои арзиши таърихӣ, меъморӣ, бадеӣ, илмӣ ва хотиравӣ, ки барои таърих ва фарҳанг аҳаммияти хосса доранд.

Дар рафти ин намуди фаъолияти сайёҳӣ, сайёҳон бо хусусиятҳои таърихию этнографӣ, анъана ва фарҳанг, тарзи зиндагонӣ ва рӯзгордорӣ, анъанаҳои минтақаи алоҳида, халқҳои хурд ва гурӯҳҳои этникии алоҳида шинос мешаванд. Ҷанбаи муҳимми сайёҳии таърихию фарҳангӣ риояи ҳатмии қоидаҳои рафтор ва муносибати боэҳтиромона ба ҳар як фарҳанги фардӣ ҳангоми сафар ба минтақаи сайёҳӣ ба ҳисоб меравад [62, с. 101].

Хизматрасонии сайёҳӣ дар якҷоягӣ бо молҳои сайёҳӣ ва маҷмуи маҳсулоти сайёҳиро ташкил медиҳанд [34, с. 10]. Маҳсулоти сайёҳӣ барои истеъмол ҳам дар бозорҳои сайёҳии дохилӣ ва ҳам дар бозори ҷаҳонии сайёҳӣ тавлид карда мешаванд.

Ҳангоми таҳлили моҳият ва сохтори сайёҳии муосири таърихию фарҳангӣ муносибати технологӣ ва татбиқи маҳсулоти сайёҳӣ нақши муҳим мебозанд [36, с. 37].

Дар робита ба ин, хусусияти сайёҳии муосир бештар аз равиши иттилоотию инноватсионӣ ва маҳсулоте, ки барои татбиқи он таҳия шудаанд, муайян карда мешавад [13, с. 26]. Дар зери мафҳуми маҳсулоти иттилоотӣ - иттилооти ҳуҷҷатӣ, ки мувофиқи ниёзҳои корбарон таҳия шуда, дар шакли маҳсулот пешниҳод карда мешавад, фаҳмида мешавад. Маҳсулоти иттилоотӣ - маҳсулоти нармафзор, пойгоҳи додаҳо ва бонкҳои дигари иттилоот мебошанд. Дар мавриди навоварӣ бошад, тибқи консепсияи муосир навоварӣ (инноватсия) ин тағйиротест, ки дар эҷоди маҳсулот, технологияи истеҳсолот ва истифодаи он, равандҳои идоракунӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ ворид карда мешаванд. Дар мавриди мафҳуми маҳсулоти инноватсионӣ, он натиҷаи фаъолияти инноватсиониро дар назар дорад, ки дар ҷараёни он маҳсулоти сайёҳии пешниҳодшуда дар шакли маҳсулоти нав, хизматрасонӣ, усули технологии истеҳсолот фурӯхта мешавад [156, с. 216-219].

Сайёҳии муосир се гурӯҳи асосии инноватсияро дар бар мегирад.

1) техникӣ (маҳсулоти нав ва усулҳои нави технологии истеҳсолот);

2) ташкилию идоракунӣ (усулҳои нави ташкили кор ва идоракунии истеҳсолот);

3) иҷтимоӣ (шаклҳои нави ҳавасмандкунӣ, кори тарбиявӣ ва таълим) [157, с. 230].

Ҳамаи ин равишҳо ва фаъолиятҳои инноватсионие, ки дар бахши сайёҳии муосир истифода мешаванд, ба эҷоди маҳсулоти нав ё тағйир додани маҳсулоти мавҷудаи сайёҳӣ ва истифодаи захираҳои нави сайёҳӣ, инчунин, ҷорӣ намудани навовариҳои ташкилотӣ ва маркетингӣ дар

фаъолияти сайёҳӣ нигаронида шудаанд [71, с. 98]. Бояд қайд кард, ки таҳияи стратегияи инноватсионии ҳар як намуди фаъолият вобаста ба моҳияти сайёҳӣ анҷом дода мешавад [71, с. 100].

### 1.2. Хусусиятҳои функсионалии фаъолияти соҳа

Дар айни замон бо сабаби гуногунрангии зиддиятҳои равандҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва иқтисодии муосир, фарқияти функсионалии сайёҳии таърихию фарҳангӣ вобаста бо талабот ва манфиатҳои сайёҳон зоҳир мегардад.

Тафовути фарҳангии халқу қавмҳои гуногун, фарқи байни мавзеъҳои таърихӣ ва ривоятҳо яке аз пурқувваттарин ангезаҳои ҷалби сайёҳон ба минтақаҳо ва кишварҳои мушаххас буда, воситаи муҳимми эҷодии робитаҳои фарҳангӣ ва ҳамкориҳои байналмилалӣ байни кишварҳо ва халқҳо мебошанд [157, с. 75].

Аз ин лиҳоз, ин навъи сайёҳӣ дар айни замон воситаи тавоно барои эҷоди симои мусоиди як минтақа дар бозори байналмилалии сайёҳӣ ва мутаносибан омили муҳимми ҷалби гардиши зиёди сайёҳӣ аз кишварҳои гуногун мебошад [158, с. 237].

Аслан сайёҳии таърихию фарҳангӣ тамоми ҷанбаҳои фаъолияти сайёҳию экскурсиро дар бар мегирад, ки ба сайёҳон имкон медиҳад, ки бо зиндагӣ, фарҳанг, урфу одатҳои халқи дигар, бо рӯйдодҳои таърихӣ шинос шуда, ёдгориҳои таърихӣ, ҷойҳо ва дигар иншоотҳои таърихию фарҳангиро тамошо кунанд [38, с. 13]. Дар ин бобат тамоми шаклҳои он ба шарофати эҳтиёҷоти маданӣ ва шавқу ҳаваси сайёҳон инкишоф меёбанд. Вобаста ба эҳтиёҷот ва манфиатҳои сайёҳон, худи мафҳуми сайёҳии таърихию фарҳангӣ аз нуқтаи назари таъсироти беруна ва дохилӣ баррасӣ мешавад, ки вобаста ба он, ин намуди сайёҳӣ васеъ мегардад ва ҳар сол гуногунии функсионалии навъҳои алоҳидаи он тағйир меёбад.

Бо дарназардошти ин, бахши сайёҳии муосири таърихӣ ва фарҳангӣ навъҳои гуногунро муттаҳид мекунад, ки маъмултаринашон дар ҷадвали 1.2. оварда шудаанд.

**Ҷадвали 1.2.**

Шакли мухтасари объектҳо ва характери фаъолияти онҳо.

| № | **Шаклҳои сайёҳии таърихию фарҳангӣ** |
|---|---|
| 1. | Сайёҳии меросӣ ё таърихию фарҳангӣ |
| 2. | Сайёҳии этнографӣ |
| 3. | Сайёҳии экофарҳангӣ |
| 4. | Сайёҳии ҳасрат (насталгӣ) |
| 5. | Сайёҳии этникӣ |
| 6. | Сайёҳии антропологӣ |
| 7. | Сайёҳии тематикӣ |
| 8. | Сайёҳии илмӣ |
| 9. | Сайёҳии санъат |
| 10. | Сайёҳии чорабиниҳо |
| 11. | Сайёҳии таассурот |
| 12. | Сайёҳии динӣ |
| 13. | Сайёҳии эҷодиӣ |
| 14. | Сайёҳии аборигенӣ |
| 15. | Сайёҳии генеалогӣ |
| 16. | Сайёҳии айлоқ (айлоқ-тур) |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси адабиётҳои истифодашуда [33; 46; 48; 66; 92].

**1. Сайёҳии меросӣ ё фарҳангию таърихӣ** – ин намуди сайёҳӣ таваҷҷуҳ ба гузашта, арзишҳои фарҳангӣ-географии эътирофшударо, ки дар ёдгориҳои таърихӣ, меъморӣ, адабӣ, санъатӣ ва анъанаҳои аслӣ ифода ёфтаанд, амалӣ менамояд. Объектҳои ин намуди сайёҳӣ инҳоянд: иншооти таърихӣ (қалъаҳо ва дигар биноҳо), осорхонаҳо ва марказҳои меросӣ, манзараҳои фарҳангӣ (манзараҳои шаҳракҳо, боғҳо, ҷойҳое, ки бо шахсиятҳо ё воқеаҳои таърихӣ алоқаманданд), ёдгориҳои археологӣ, маконҳои маҳаллӣ, анъанаҳо, чорабиниҳои анъанавӣ, марказҳо ва биноҳои динӣ ва ғайра [147, с. 85-92.].

**2. Сайёҳии этнографӣ** – фаъолияти он ба тамошои объектҳои фарҳангии анъанавӣ, деҳаҳои этнографӣ, шиносоӣ бо анъанаҳои этникӣ

ва ҳунарҳои аҳолӣ алоқаманд мебошад. Муҳимтарин вазифаи ин намуди сайёҳӣ ҳифзи анъанаҳо ва ба наслҳои оянда интиқол додани онҳо мебошад, ки махсусан барои аҳолӣ ва миллатҳои хурди аз байн рафтаистода муҳим аст. Вазифаҳои он, инчунин, ташаккули худшиносии миллӣ, ошноӣ бо тарзи анъанавии зиндагонӣ, ҳаёти маишӣ ва этносро дар бар мегирад [131, с. 52; 132, с. 170].

**3. Сайёҳии экофарҳангӣ** – дар шакли иштирок дар ташаккули таҷрибаи нави фарҳангии фаъол, дар татбиқи тарзи анъанавии ҳаёти маҳалл (ҳифз, барқарор ва азнавсозӣ) баргузор ва ё ин ки амалӣ мегардад. Ин фаъолияти сайёҳӣ аз иштирок дар чорабиниҳои фароғатӣ-анъанавии аҳолии маҳаллӣ, вохӯрӣ бо оилаҳои маҳаллӣ, нигоҳдошти тарзи ҳаётгузаронии дар хоҷагии "таърихӣ" ва ғайра ташкил карда мешавад [26, с. 119].

**4.Сайёҳии ҳасрат** (насталгӣ) - фаъолияти он бо ташкили турҳои марбут ба дидани макони зисти таърихӣ ё маконҳое, ки хешовандонашон зиндагӣ кардаанд, алоқаманд мебошад. Он, инчунин, ба бисёр сайёҳон имкон медиҳад, ки дар бораи аҷдодони худ маълумот гиранд ва ё хешовандони дури худро пайдо карда, бо фарҳангҳои этникии онҳо шинос шаванд [129, с. 68].

**5.Сайёҳии этникӣ (этнотуризм**) – фаъолияти он бо шиносоӣ бо қавмҳо ё қабилаҳое, ки дар шароити ибтидоӣ зиндагӣ карда, симои асосии худро нигоҳ доштаанд, алоқаманд мебошад [18, с. 136]. Фаъолияти ин намуди сайёҳӣ, чунин бахшҳоро, ба монанди: сайёҳии этникӣ, экологӣ-этнографӣ, антропологӣ, этнодарккунӣ ва носталгиро дар бар мегирад. Бо раванди урбанизатсияи муосир объекти таваҷҷуҳи таърихи фарҳанги қавму халқҳои хурдро то ба ҳол нигоҳ дошта ҳифз кардаанд. Дар баробари ин, ошноӣ бо фарҳангҳои ношинос бо эҳтироми қатъӣ ба арзишҳои таърихию фарҳангии мардум, анъана ва расму оинҳои дигарон, ҳарчанд ғайриодӣ ва душворфаҳм ба назар расанд ҳам, таҳлил мекунад. Ин навъи соҳаи сайёҳӣ дар эҷоди робитаҳои фарҳангии байни халқҳо ва кишварҳои гуногун нақши муҳим мебозад [102, с. 76].

**6. Сайёҳии антропологӣ** – фаъолияти он ба омӯзиши таърих ва фарҳангҳои нопадидшуда ё ҷомеаҳои қавмии дар остонаи нобудшавӣ қарордошта, сафар ба кишварҳое, ки дар онҷо замоне зиндагӣ мекарданд, ё ҳоло зиндагӣ мекунанд, бо мақсади шиносоӣ бо таърих ва фарҳанги муосири онҳо, инчунин, боздид аз маконҳои буду боши халқҳои хурд ва халқҳои дар зери хатари нобудшавӣ қарордошта алоқаманд мебошад [58, с. 56].

**7. Сайёҳии мавзуӣ** – фаъолияти он бо амалӣ намудани шавқу рағбат ба шиносоӣ бо яке аз ҷанбаҳои таърих ва фарҳанги ягон минтақа алоқаманд аст. Он, инчунин, рушди хатсайрҳои фарҳангиро дар сатҳи минтақавӣ, байниминтақавӣ ва маҳаллӣ дар бар мегирад. Объектҳои ин намуди сайёҳӣ инҳо мешаванд: маҷмуи захираҳои фарҳангии як навъ ва навъҳои гуногун дар дохил ва берун аз макони таъинот ё гурӯҳбандии онҳо дар атрофи як мавзуъ [133, с. 68].

**8. Сайёҳии илмӣ** – фаъолияти ин намуди сайёҳӣ бо сайёҳат ва экскурсияҳои илмӣ ва мавзуъҳое алоқамананд, ки одатан пас аз баргузории ягон форуми бузурги илмии байналмилалӣ (конференсия, симпозиуми конгресс, Саммит ё конгресс) ташкил карда мешаванд, вобастагӣ дорад [47, с. 98].

**9. Сайёҳии санъат** - бо амалисозии манфиатҳо ва равандҳои муосир дар соҳаи эҷоди бадеӣ равона карда шудааст. Объектҳои ин намуди сайёҳӣ инҳоянд: театрҳо ва театрҳои драмавӣ, намоишҳои мусиқӣ, галереяҳо ва намоишгоҳҳои ҳунарӣ, ҷашнвораҳои санъат, ноҳияҳои фарҳангӣ ва эҷодӣ, осорхонаҳо ва чорабиниҳо дар соҳаи дизайн ва мӯди муосир, ҷойҳои наворбардории филмҳо, маконҳои адабӣ ва ғайра [150, с. 155].

**10. Сайёҳии фарҳангии воқеӣ - чорабинӣ** – бо амалӣ намудани таваҷҷуҳ ба сарватҳои беназири захоири фарҳангӣ, ки истифодаи онҳо ба чорчӯбаи маҳдуди фазо ва вақт вобаста аст. Объектхои ин намуди сайёҳӣ инҳо мебошанд: ҷашнҳои минтақавӣ ва маҳаллӣ (идҳои динӣ,

карнавалҳо, таҷлили санаҳои фаромӯшнашаванда ва ғ.), фестивалҳои санъат, намоишгоҳҳои ҳунарӣ, эстрадӣ ва дигар намоишҳо [134, с. 4].

**11. Сайёҳии таассурот** – таваҷҷуҳи худро ба дарки хусусиятҳои фарҳанги макон ва замон тавассути таҷрибаи шахсии худ, ки дар асной шароити пешниҳодшуда ба даст омадааст, амалӣ менамояд. Объектҳояш инҳоянд: маҳаллаҳои фарҳангию эҷодӣ, идҳо ва ҷашнҳои маҳаллӣ, бозсозии таърихӣ, барномаҳои интерактивии осорхонаҳо ва ғайра [137, с. 37].

**12. Сайёҳии динӣ** – фаъолияти ин намуди сайёҳӣ на танҳо барои сафар, бо мақсади пайравӣ кардани сайёҳ аз дини муайян ё хоҳиши васеъ кардани эътиқоди худ, балки навъи сайёҳии мавзуие мебошад, ки дар рафти он сайёҳон бо дигар дину эътиқод, марказҳои динӣ ва ҷойҳои муқаддаси ислом, насронӣ, буддоӣ, яҳудӣ ва дигар динҳо шинос мешаванд. Таваҷҷуҳ ба фаъолияти ин намуди сайёҳӣ ба ёдгориҳои меъмории динӣ, масҷидҳо, маъбадҳо, ёдгориҳои муъҷизавӣ ва хоҳиши ҳамроҳ шудан ё иштирок кардан дар ибодатҳои илоҳӣ ва идҳои динӣ, фуру рафтан дар фазои асрори динӣ нигаронида шудааст [101, с. 91].

**13. Сайёҳии эҷодӣ** – ин намуди сайёҳӣ шавқу рағбат ба рушди эҷодӣ ва маънавии шахсӣ амалӣ менамояд. Объектҳои амалисозии он: фаъолияти эҷодии худи сайёҳ дар соҳаи эҷодӣ (рассомӣ, эҷодиёти адабӣ, санъати амалӣ, мусиқӣ, аксбардорӣ, филмсозӣ ва ғ.) ва соҳаи худшиносии руҳонӣ (таълими амалҳои гуногуни руҳонӣ), дар соҳаҳои фарҳанг, ки инкишофи онҳо хусусияти фарққунандаи макони муайян ва ғайра мебошад [91, с. 16].

**14. Сайёҳии аборигенӣ (таҳҷоӣ)** – фаъолияти ин намуди сайёҳӣ бо шиносоӣ бо халқҳои «экзотикӣ» алоқаманд аст, яъне, халқҳое, ки дар ноҳияҳои дур аз ҷои истиқоматии сайёҳон зиндагӣ мекунанд, ба маҳаллаҳои дорои фарҳанги ибтидоӣ сафар мекунанд. Рушди ин намуди сайёҳии мардумӣ бевосита ба ташкили фаъолияти сайёҳӣ ҷалб карда мешаванд, аборигенҳо барномаи экскурсиявӣ мегузаронанд, ки дар он сайёҳон ба деҳаҳо ташриф меоранд, бо таърих, фарҳанг ва анъанаҳои

маҳаллӣ шинос мешаванд. Тафовути он аз сайёҳии этникӣ дар он аст, ки агар фаъолияти сайёҳии этникӣ ба шавқу ҳавас, ба ҳаёти халқҳое, ки ҳоло дар ҳудуди муайян зиндагӣ мекунанд, асос ёфта бошад, пас сайёҳии аборигенӣ, ин шиносоӣ бо мардумоне, ки аз замонҳои қадим дар ин сарзамин зиндагӣ карда, истиқомат доранд, дар бар мегирад. Анъанаҳои беназир, тарзи зиндагонӣ, забон арзиши ҷудонашавандаи фарҳангӣ ва таърихӣ буда, ҳифзу ҳимояи махсуси давлатро тақозо мекунанд [127, с. 20-25].

**15. Сайёҳии генеалогӣ -** яке аз бахшҳои босуръат рушдёбандаи соҳаи сайёҳӣ маҳсуб меёбад. Онро баъзан сайёҳии решавӣ низ меноманд, зеро чун маъмулан сайёҳоне, ки бо макони сайёҳӣ иртиботи аҷдодӣ доранд ва ба кишвари аҷдоди худ мераванд, бо мақсади алоқамандӣ бо гузаштаи худ ва пайравӣ аз аҷдодони худ хизмат мекунанд [65, с. 34].

**16. Сайёҳии айлоқ (айлоқ-тур)** - як намуди нисбатан нави сайёҳӣ буда, номи он аз калимаи қирғизии «ҷайлоо (ҷайло-тур)» гирифта шуда, маънояш марғзори кӯҳӣ, чарогоҳи кӯҳӣ мебошад. Фаъолияти он бо сафар ба минтақаҳои дурдаст ва душворгузар, хеле ақибмондаи тамаддуни муосир, ки дар ин минтақаҳо аксар вақт қувваи барқ ва алоқаи мобилӣ мавҷуд нест, алоқаманд аст. Дар рафти ин сайёҳат сайёҳон бо таъриху фарҳанги мардумӣ, бозиҳои миллии ба монанди аспсаворӣ ва дигар ҳунарҳои мардумии ба мисли бофтани лавозимоти миллии рӯзгор, пухтани таомҳои маҳаллӣ ва ғайраҳо шинос мешаванд [151, с. 96].

### 1.3. Равандҳои мухталифи ташаккулёбии соҳа дар мавзеъҳои кӯҳӣ

Бо рушди тамаддуни ҷаҳонӣ, тамоюли устувори талабот ба маконҳои анъанавии сайёҳӣ тамошои кишварҳо ва минтақаҳои дорои мероси бузурги фарҳангию таърихӣ ва иқтидори этнофарҳангӣ мушоҳида мешаванд. Дар бозори ҷаҳонии сайёҳӣ кишварҳое, ки аз ҷозибаҳои таърихию фарҳангӣ аз қабили ёдгориҳои таърихӣ, фарҳангӣ, меъморӣ, ашёи таърихӣ, падидаҳои фарҳангии моддӣ ва маънавӣ, ки дар

раванди рушди таърихӣ ба вуҷуд омадаанд, бештар ҷолиби диққат мебошанд [84, с. 96-99].

Таҳлили мушкилот нишон медиҳад, ки дар миқёси ҷаҳонӣ сатҳи рушди ин намуди сайёҳӣ нобаробар тақсим шудааст. Бо дарназардошти талаботи зиёд ба ин намуди фаъолияти сайёҳӣ, инчунин, манфиатҳои баланди иҷтимоию иқтисодии он, ҳукуматҳои аксари давлатҳои дорои мероси бойи таърихию фарҳангӣ онро ҳамчун самти афзалиятноки рушди иҷтимоию иқтисодӣ эътироф кардаанд. Барои монеъ нашудан ба инкишофи рушди он, талаботҳои гуногунро роҳандозӣ менамоянд, аз ҷумла: имтиёзҳои андоз, соддагардонии иҷозатнома барои роҳандозии фаъолияти сайёҳӣ, соддагардонии низоми раводид ва сарҳадӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои сармоягузорӣ дар ин ҷода, афзоиши маблағҳои буҷетӣ барои рушди инфрасохтор, таблиғ дар давлатҳои хориҷӣ, бозорҳо, таълим, тадқиқоти илмӣ ва ғайра мебошанд [6].

Тавре ки таҳлили таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, барои ба роҳ мондани самаранокии соҳаи сайёҳӣ самти рақобатпазир, камхарҷ ва боэътимод, ин истифодаи равиши кластерӣ мебошад (инҳо гурӯҳҳои аз ҷиҳати географӣ мутамарказшуда, ширкатҳои бо ҳам алоқаманд, таъминкунандагони махсус, провайдерҳои хизматрасонӣ ва фирмаҳо мебошанд, инчунин, ташкилотҳое, ки бо фаъолияти онҳо рақобат, вале ҳамзамон ҳамкорӣ мекунанд) [173, с. 50; 174, с. 138].

Ба сабаби дилбастагии баланди мардуми тоҷик ба гузаштагону таърихи худ, расму ойинҳои марбут ба зиёрати маконҳои муқаддасу таърихӣ ва муносибати эҳтиёткоронаи онҳо, муҳиммияти ҳаёти фарҳангӣ, бодиққат ва эҳтиромона муносибат ба анъана ва дастовардҳои маънавии ниёгон, ки то имрӯз дар қаламрави ҷумҳурӣ ҳифз мешаванд, омили муҳимми рушди босамари сайёҳии таърихию фарҳангӣ ҳисобида шавад. Аз ин рӯ, солҳои охир аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ ва роҳбарияти вилоят барои рушди соҳаи сайёҳӣ, нигоҳ доштани ҷолибияти он дар бозори байналмилалии сайёҳӣ ва зиёд намудани рафтуомади сайёҳон дар ҷумҳурӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир

карда мешавад. Бо ин мақсад, ҳамасола лоиҳаҳо ва барномаҳои гуногуни сайёҳӣ амалӣ карда мешаванд, ки ҷиҳати ҷалби сармояи иловагӣ барои рушди инфрасохтори сайёҳӣ пешбинӣ шудаанд. Аммо, сарфи назар аз иқтидори ғании сайёҳии минтақа, шабакаи сайёҳии вилоят дар ин самт ба қадри кофӣ инкишоф наёфтааст, то ки хизматрасонии босифати сайёҳӣ ва ҷалби шумораи зиёди сайёҳонро ба минтақа роҳандозӣ кунад.

Мушкилоте, ки ба рушди сайёҳии таърихию фарҳангӣ таъсири манфӣ мерасонанд, зиёданд. Ба инҳо дохил мешаванд: рушди нокифояи иқтидори сайёҳии таърихию минтақавии фарҳангӣ; истифодаи нокифояи объектҳои таърихию фарҳангӣ ба мақсадҳои сайёҳӣ; номукаммалии заминаи меъёрию ҳуқуқӣ дар соҳаи истифода ва ҳифзи объектҳои таърихию фарҳангӣ; шумораи нокифояи иншооти бехатарӣ; инфрасохтори рушднаёфта, набудани фазои мусоиди сармоягузорӣ, сифати пасти хизматрасонӣ, мавқеъгирии шуҳрати минтақаҳои кӯҳсор.

Минтақаҳои Тоҷикистон, аз он ҷумла, ВМКБ ҳамчун минтақаи сайёҳӣ дар бозори байналмилалии сайёҳӣ бо чунин мушкилоти зиёди экологӣ низ дучор омадаанд, ки ба нигоҳдории объектҳои таърихию фарҳангии минтақа таъсири манфӣ мерасонанд. Аз ҷумла, танзими суст инкишофёфтаи сайёҳии рекреатионӣ дар асоси объектҳои таърихию, фарҳангии минтақаҳо низ ба ин омил дохил мешаванд [121, с. 75].

Барои ҷалби теъдоди зиёди сайёҳон рушди шабакаи сайёҳӣ ва рекреатсионӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ, рушди мавзеъҳои таърихию фарҳангӣ, бунёди иншооти нави инфрасохторӣ мутобиқи талаботи имрӯзаи бозори байналмилалӣ, инфрасохтори муосири соҳаи сайёҳӣ диққати махсус дода мешавад (беҳтар намудани иншоотҳои ҷойгиркунонии сайёҳон, муассисаҳои хуроки умумӣ, беҳтар намудани сифати роҳҳои нақлиёт, алоқа байни объектҳои манфиатдор бо маркази вилоят ва ҷумҳурӣ), инчунин, беҳатар ва беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ барои сайёҳон амри зарурист.

Аҳаммияти тараққӣ додани ин намуди соҳаи сайёҳӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ВМКБ ниҳоят муҳим мебошад. Аз як тараф, рушди он метавонад ба қонеъ гардонидани ниёзҳои таърихию фарҳангӣ ва умуман талаботи  сайёҳон мусоидат намуда, инчунин, ба ошноии наздиктари халқҳо ва минбаъд тақвият додани ҳамкории байнифарҳангии онҳо мусоидат менамояд. Аз тарафи дигар, рушди босамари сайёҳии таърихию фарҳангӣ метавонад воситаи муҳимми таъсиррасонӣ ба иқтисодиёти давлат, рушди он дар миқёси минтақавию маҳаллӣ, давлатӣ ва байнидавлатӣ шавад. Дар баробари ин, бо назардошти ин қобилият ва имкониятҳои мусбати сайёҳии  таърихию фарҳангӣ таъсири устувори онро ба соҳаҳои асосии ҳаёти ҷамъиятӣ – таърих, фарҳанг, иқтисод, сиёсати байнимиллӣ ва иҷтимоӣ мушоҳида кардан мумкин нест.

Шароити рушди сайёҳии таърихию фарҳангӣ ҷанбаи ҳудудӣ дорад. Инро бо он шарҳ медиҳад, ки ташаккул ва рушди сайёҳӣ ба истифодаи захираҳои маҳаллии минтақаи муайян асос меёбад. Аз ин рӯ, дар кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон сиёсати давлатӣ дар соҳаи сайёҳӣ дар доираи барномаҳои рушди иқтисодии минтақавӣ амалӣ гардида, ба он нигаронида шудааст, ки рушди соҳаи сайёҳӣ ба эҳёи иқтисодии кишварҳои ақибмонда мусоидат намояд.

Ҷанбаҳои назариявии ин ҳодиса ба таври зайл шарҳ дода мешаванд. Ҳангоми татбиқи бастаи сайёҳӣ сайёҳ аз як қатор хизматрасоние истифода мебарад, ки дар минтақаи муайяне, ки дар он ҷо ҷозибаҳои таърихию фарҳангӣ ҷойгиранд ва чорабинии сайёҳӣ баргузор мегардад, ба ӯ пешниҳод карда мешавад. Бо ташаккул ва рушди сайёҳӣ дар ин минтақа шароит ва захираҳои гуногуни ҷолибу хидматрасонӣ барои сайёҳон тадриҷан ташаккул меёбанд. Вақте, ки сайёҳон ба минтақа ташриф меоранд ва маҳсулоти сайёҳӣ фурӯхта мешавад, сайёҳ вобаста ба мақсади сафараш маҷмуи муайяни маҳсулот ва хидматҳоро интихоб мекунад. Баъдан ӯ маҳсулот ва хидматҳои гуногунеро, ки ба ӯ пешниҳод карда мешавад, муқоиса мекунад ва аз

онҳо чизҳоеро интихоб мекунад, ки хоҳиши ӯро қонеъ мекунанд. Дар ин ҷо рақобат оғоз мешавад, ки омили ҳавасмандкунандаи рушди сайёҳии рақобатпазир мегардад. Дар натиҷаи чунин рақобат ин минтақа тадриҷан ба маркази рушди сайёҳӣ табдил меёбад [27, с. 202].

Вазъи имрӯзаи сайёҳӣ, бахусус, сайёҳии таърихию фарҳангӣ ва сатҳи рушди онро дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон таҳлил намуда, онҳоро шартан чунин гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст [160, с. 238]:

- кишварҳое, ки сайёҳиро фаъолона инкишоф медиҳанд;

- минтақаҳое, ки дар онҳо сайёҳӣ суст инкишоф меёбад.

Вобаста аз ин коршиносони Созмони ҷаҳонии сайёҳӣ (WTO) 6 макроминтақаҳои асосии сайёҳии ҷаҳонро ҷудо намудаанд:

1. Аврупо - кишварҳои ғарбӣ, шимолӣ, ҷанубӣ, марказӣ ва шарқӣ, аз ҷумла, баҳри Миёназамини Шарқӣ (Исроил, Кипр, Туркия) мебошад.

2. Америка — мамлакатҳои Америкаи Шимолӣ, Ҷанубӣ ва Марказӣ, штатҳои ҷазиравӣ ва манотиқи баҳри Қариб.

3. Осиё ва Уқёнуси Ором – кишварҳои Осиёи Шарқӣ ва Ҷанубу Шарқӣ, Австралия ва Океания.

4. Африка - Миср, Либия, Тунис, Алҷазоир, Марокаш, Республикаи Африкаи Ҷанубӣ, Мадагаскар.

5. Шарқи Наздик ва Миёна — мамлакатҳои Осиёи Ғарбӣ ва Ҷанубу Ғарбӣ.

6. Осиёи Ҷанубӣ – Ҳиндустон, Непал, Покистон, Шри-Ланка [16, с. 98].

Мувофиқи маълумоти Ташкилоти байналхалқии сайёҳӣ (WTTC), бахши сайёҳӣ дар саросари ҷаҳон 10,4% ММД (Маҷмаи маҳсулоти дохилӣ)-и ҷаҳонро ташкил медиҳад. Дар баробари ин, давлатҳое, низ мавҷуданд, ки дар онҳо ин нишондианда хеле зиёд аст (расми 1.1).




**Расми 1.1.** Ҳиссаи сайёҳӣ дар ММД-и кишварҳои ҷаҳон, %. [**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси адабиётҳои истифодашуда 13, с.51; 15, с.27; 16, с.84]




**Расми 1.2**. Ҳиссаи сайёҳӣ дар ММД-и кишваҳои ҷаҳон бо сайёҳии суст тараққикарда, %, **Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси адабиётҳои истифодашуда [13, с.53; 15, с.29; 16, с.85].

Тавре ки аз маълумоти расми 1.1 дида мешавад, Малдив аз ҳама мамлакати ба сайёҳӣ эҳтиёҷдоштагӣ ба шумор меравад, ки ҳиссаи соҳаи сайёҳӣ дар маҷмаи маҳсулоти дохилӣ (ММД)-и кишвар дар соли 2017 39,6 фоизро ташкил дод. Дар ИМА ин нишондиҳанда боз ҳам пастар мебошад – 2,6% [16, с.99].

Дар баробари ин мамлакатҳои мавҷуданд, дар онҳо сайёҳӣ барои иқтисодиёти миллӣ нақши пешбарандаро намебозад. Ба ин гурӯҳ ҷумҳуриҳои Конго, Папуа Гвинеяи Нав, Узбекистон, Молдавия, Суринам ва Габон дохил мешаванд [64, с. 103].

Аз маълумотҳои дар расми 1.2 нишондодашуда бармеояд, ки нишондиҳандаи аз ҳама пастарин дар масоили саҳми сайёҳӣ дар байни дигар мамлакатҳо барои Ҷумҳурии демократии Конго хос аст (0,66%).

Дар ин раддабандӣ Ҷумҳурии Демократии Конго дар байни кишварҳои ҷаҳон (0,66%) саҳми аз ҳама пасти сайёҳиро дорад, ҳарчанд маълумот дар бораи баъзе давлатҳо, аз қабили Афғонистон, набояд ба ин дохил карда шавад. Масалан, дар Русия, тибқи арзёбии WTTC, саҳми сайёҳӣ дар ММД дар соли 2017 1,24% (1,1 трлн руб) ва саҳми умумии сайёҳӣ дар ММД Русия дар соли 2017 4,4 трлн руб -ро (4,8 фоизи ММД) ташкил додааст).

Соли 2019 саҳми сайёҳӣ дар ММД дар Тоҷикистон 2,2 фоиз ва дар баробари соҳаҳое, ки нуқтаҳои хидматрасонии сайёҳӣ доранд, 10,4 фоизро ташкил дод. Ба иттилои собиқ раиси Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Тоҷикистон Ширин Амонзода, дар соли 2019 теъдоди сайёҳоне, ки ба Тоҷикистон ташриф оварданд, 1 миллиону 257 ҳазору 300 нафарро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2018 21,6 фоиз (ё 219,7 ҳазор нафар) зиёд буд. Сайёҳони 146 мамлакати чаҳон аз мавзеъҳои сайёҳии Тоҷикистон дидан карданд. Дар ҷои аввал сайёҳон аз ҷумҳурии ҳамсояи Узбакистон – 853 ҳазору 634 нафар, дар ҷои дуюм – шаҳрвандони Федератсияи Русия – 212 ҳазор, дар ҷои сеюм – Қирғизистон – 116 ҳазор нафар қарор доранд. Теъдоди боқимондаи сайёҳон мамлакатҳои Қазоқистон, Афғонистон, Чин, Туркия, Аморати Муттаҳидаи Араб, Олмон ва Ҳиндустонро дар бар мегиранд [30, с. 87; 104, с. 156; 122, с. 151].

Бо дарназардошти Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Тоҷикистон, дар соли 2019 даромади сайёҳӣ ба иқтисоди Тоҷикистон аз ҳисоби фурӯши чиптаҳо 267,5 миллион доллар ва аз пешниҳоди хизматҳои гардишгарӣ 403 миллиону 760 ҳазор сомониро ташкил намуд [146].

Дар баробари ин, барои муайян намудани дурнамои рушди сайёҳии таърихию фарҳангӣ дар минтақаи алоҳида зарур аст, ки мувофиқати базаи моддию техникии сайёҳӣ, ҳаҷми захираҳои сайёҳӣ ва иқтисодӣ арзёбии дуруст дошта бошад.

Тибқи талаботи муосири Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ минтақаи сайёҳӣ – ин минтақа ё ҳудудест, ки дар он шабакаи васеи иншоот ва

хизматрасониҳои махсус мавҷуд аст, ки барои ташкили сайёҳат, фароғат, раванди таълим ё барқароркунӣ заруранд [112, с. 218; 124, с. 101].

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, ҳар як мавзеъ барои минтақаи мустақили сайёҳӣ шудан бояд тамоми шароити будубош, ҷойгиршавӣ, ғизо ва фаъолияти сайёҳӣ дошта бошад. Ҳар як маҳсулоти сайёҳӣ аз як қатор ҷойҳои истеъмоли хизматрасониҳои сайёҳӣ иборат аст, ки ҳар кадоми онҳо намуди муайяни фаъолиятро ифода мекунанд. Мутаносибан, бо зиёд шудани шумораи чунин ҷойҳои истеъмоли хизматрасониҳои сайёҳӣ, ҷолибияти бозори он босуръат меафзояд. Бо ташкили самараноки ин фаъолият ва фароҳам овардани шароити мувофиқ барои амалисозии он, ин минтақаро метавон ба минтақаи сайёҳӣ мансуб кард, зеро он як маҳсулоти ягонаи сайёҳӣ ва воҳиди рақобатпазир аст, ки ҳамчун воҳиди тиҷоратии стратегӣ идора карда мешавад.

Бо афзоиши гардиши сайёҳон ба як минтақаи сайёҳӣ, дастгоҳи истеҳсолии тамоми минтақа ба кор шуруъ мекунад, ки дар чунин хизматрасониҳое истеҳсол карда мешавад, ки ба онҳо сайёҳон талабот доранд. Фаъолияти дастгоҳи истеҳсолӣ дар шакли занҷири хизматрасонӣ сурат мегирад, ки аз нуқтаи назари истеъмолкунанда хидмати мукаммалро ифода мекунад ва ба ҷузъҳои алоҳида ва равандҳо қисман ҷудо намешавад [105, с. 81; 107, с. 215]. Ҳангоми истифода аз унсурҳои гуногуни хизматрасонӣ, сайёҳон хидмат ва сифати онро дар маҷмуъ ба маҷмаа ишора мекунанд. Фаъолияти самараноки ҳамаи ин унсурҳои хизматрасонӣ минтақаи сайёҳиро ба рушди ояндадор равона мекунад. Мақсади стратегии ҳамаи ин фаъолият ба таъмини рақобатпазирии соҳаи сайёҳии минтақа дар муддати тулонӣ нигаронида шудааст, зеро татбиқи маҷмуи захираҳои сайёҳӣ аз як навъ система, маҷмуи унсурҳои ба ҳам алоқаманд иборат аст. Бо ташкил ва рушди самараноки чунин низом, маҷмуи унсурҳои ба ҳам алоқаманд ҷолибият ва симои минтақаи сайёҳӣ зиёд шуда, теъдоди сайёҳон аз ҷойҳои дигар ва давомнокии миёнаи буду боши онҳо дар минтақа зиёд мешавад [108, с. 79; 110, с. 67].

Бояд гуфт, ки ин амал фаҳмо аст, чун ки сайёҳон на танҳо барои дидани ҷойҳои тамошобоб, балки барои машғул шудан ба фаъолиятҳои гуногун ниёзи бештар доранд. Ин дар ниҳояти кор ба афзоиши даромади сайёҳӣ, ҳаллу фасли мушкилотҳои бо кор таъмин намудани аҳолӣ ва умуман ба тараққиёти иҷтимоию иқтисодии минтақа таъсири калон мерасонад.

Ҳамин тариқ, масъалаи ба роҳ мондани фаъолияти самараноки сайёҳӣ ва ба маркази сайёҳӣ табдил додани минтақа, бо роҳи ташаккул ва рушди маҷмуи маҳсулоти сайёҳӣ таъмин гардида, устувории он аз сифат ва татбиқи самараноки маҳсулоти сайёҳӣ вобаста аст.

Барои ба маркази сайёҳӣ табдил додани минтақа ва баланд бардоштани ҷолибияти он дар бозори байналмилалии сайёҳӣ зарур аст, ки модели сохтории зеринро бо дарназардошти ҳама ҷузъҳои он ҳамзамон таъмин намуд.

Инҳо дар бар мегиранд:

1. Мавҷудияти мавзеъҳои таърихию фарҳангии минтақа, ки махсус барои мақсадҳои сайёҳӣ таъсис дода шудаанд, ҳамчун унсурҳои асосии он (объектҳо, иншоот ва ғ.) мебошанд.

2. Унсурҳои дуюмдараҷа инҳоро дар бар мегиранд: системаи хизматрасонии меҳмонхонаҳо; озуқаворӣ ва системаи наклиёт. Он, инчунин, соҳаи тамошобоб ва фароғатиро дар бар мегирад: системаи чакана; хизмати гидҳо, системаи ташкили хизматҳои иловагӣ ва ғайра).

3. Унсури сеюми ин қисмат системаи ташкил, банақшагирӣ ва идоракунии фаъолияти сайёҳиро дар бар мегирад. Ин унсур, инчунин, системаи иттилоотӣ, ташкили таблиғот ва маркетингро дар бар мегирад.

4. Унсури чорум ҷузъи зерсистемаи талаботи фаъолияти сайёҳӣ мебошад. Ба онҳо фирмаҳои сайёҳӣ, ташкилотчиёни сайёҳатҳои сайёҳӣ; сайёҳони инфиродӣ; ташкилотчиёни экскурсияҳои якрӯза ва ғайра [63, с. 80].

Танҳо бо назардошти фароҳам овардани шароити мувофиқ ва ба роҳ мондани ҳамкории зичи чор зерсистемаи номбурда метавон

фаъолияти пурсамари соҳаро ба роҳ монд ва ба бозори ҷаҳонии сайёҳӣ ҳамчун минтақаи рақобатпазири сайёҳӣ ворид шавад.

Дар баробари ин, бо ақидаи B.A. Porter, аз ҷумлаи омилҳое, ки ба самаранокии ташкили фаъолияти сайёҳӣ таъсири мустақим доштанд ва барои ба даст овардани афзалиятҳои рақобатӣ дар бозори байналмилалии сайёҳӣ дар самти сайёҳии таърихю фарҳангӣ инҳоро метавон ҷудо кард:

Мероси таърихию фарҳангии минтақа – шумораи объектҳо, сохтори онҳо, дараҷаи мусоид будани онҳо барои сайёҳӣ;

Шумора ва тахассуси кормандони бахши сайёҳӣ;

Захираи дониш – ҳаҷми иттилооти илмӣ, таълимӣ, иҷтимоию иктисодӣ, техникӣ, ҳуқуқӣ ва бозориро дар бар мегирад, ки ба бандубаст ва сифати маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳӣ таъсир мерасонад, инчунин, барои ташкили маҳсулоту бастаҳои нави рақобатпазири сайёҳӣ замина ба вуҷуд меорад;

Манбаи молиявӣ – ҳаҷми сармоягузорие, ки метавонад барои рушди соҳаи сайёҳӣ ҷалб карда шавад. Аз ин ҷиҳат, дараҷаи захираи дохилӣ дар хоҷагии халқ ва принсипҳои тақсимкунии ресурсҳои дохилии капитал аҳаммияти калон доранд;

Инфрасохтор – микдор, сифат, дараҷаи рушд ва арзиши иншооти инфраструктураро дар бар мегирад. Ба ин, инчунин, системаи нақлиёт, алоқа, молиявӣ, системаҳои таъминоти ҳаёт (об, энергия, гармӣ, иншооти табобатӣ ва ғайра), инчунин, соҳаи иҷтимоӣ дохил мешаванд [173, с. 49-68].

Ҳамаи мушкилоти дар боло зикршуда бо ҳам алоқаманд ва вобаста буда, ба рушди устувори сайёҳӣ дар оянда таъсири бевосита мерасонанд. Татбиқи ин вазифаҳо таҳияи стратегияи оптималии рушди ин соҳаи сайёҳӣ бо назорати ҳадди аксар давлат, хусусияти пешгирикунанда дошта, ба рушди минбаъдаи соҳаи сайёҳӣ роҳ надиҳад. Ҳаллу фасли моҳиронаи мушкилот имкон медиҳад, ки ҷасурона пешгӯӣ кунем, ки дар ояндаи наздик бо назардошти ҳалли ин мушкилот ин бахши сайёҳии

тоҷик имконияти васеъи бо маҳсулоти нодири сайёҳии худ ба бозори байналмилалӣ ворид шудан пайдо мекунад.

## 1.4. Сайёҳии таърихию фарҳангӣ ҳамчун стратегияи рушди иқтисодӣ дар минтақаҳои кӯҳии мамлакат

Ҳадафи стратегии ҳар як давлат ва минтақа рушди босуръати бахшҳои иқтисодиёти он мебошад, ки сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии онро баланд мебардорад.

Дар солҳои истиклолияти кишварамон бо шарофати Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баҳри пешрафти мамлакат ба рушди соҳаи сайёҳӣ аҳаммияти аввалиндараҷа зоҳир менамояд, зеро он дорои неруи баландӣ иқтисоди буда, ба талаботи моддию маънавии аҳолӣ, қонеъ гардонидани талаботҳои роҷеъ ба беҳбуди некуаҳволии ҷомеъа алоқаманд буда, яке аз самтҳои асосии  иқтисодёти давлат ба шумор меравад [6].

Маҳз ҳамин вазъият аҳаммияти босуръат афзояндаи соҳаи сайёҳӣ ва бахшҳои алоҳидаи онро ҳам дар миқёси миллӣ ва ҳам дар миқёси минтақавӣ пайдо мекунад.

Сайёҳии таърихию фарҳангӣ на танҳо ҳамчун яке аз намудҳои сайёҳӣ, балки ҳамчун стратегияи содиротии рушди соҳаи фарҳангии кишвар ва минтақа дар робитаи зич бо рушди ҳудуди он ҳисоб кардан мумкин аст [148, с. 12]. Фаъолияти сайёҳии таърихию фарҳангӣ ба сатҳи рушди ҷомеъаи маҳаллӣ, сатҳи некуаҳволии фарҳангии он ва тарзи зиндагии аҳолии маҳаллӣ зич алоқаманд аст. Рушди сайёҳии таърихию фарҳангӣ дар баробари мавҷудияти мероси ғании таърихию фарҳангӣ иштироки фаъолонаи аҳолии маҳаллиро дар ҳаёти фарҳангии минтақа тақозо мекунад ва зарур аст, ки фаъолияти ин намуди сайёҳӣ дар ноҳия ба роҳ монда шавад. Тавре ки он ба афзоиши қаноатмандӣ аз сифати зиндагии ҳам сокинон ва ҳам сайёҳон мусоидат мекунад [168, с. 55].

Бо дарназардошти чунин шароит, рушди сайёҳии таърихию фарҳангӣ дар ҳар як қаламрав бояд ҳамчун стратегияи баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии он ва рушди минтақа ҳамчун маркази таърихию фарҳангӣ хизмат кунад. Барои татбиқи он бояд аҳолии маҳаллӣ на танҳо ҳамчун иштирокчии фаъоли бозори фарҳангӣ, на ҳамчун истеъмолкунандагони хизматрасонии фарҳангӣ, балки ҳамчун истеҳсолкунандагон, миёнаравҳо ва коршиносон низ ҷалб карда шавад [170, с. 312-326]. Масалан, ҷалби мардум ба чорабиниҳои фарҳангӣ, аз қабили ҷашнвораҳои санъат, мусиқӣ, бозиҳои миллӣ ва ғайра, ё ҷалби мардум ба татбиқи лоиҳаҳои фарҳангии маҳаллӣ, ки на танҳо метавонад ба созмондиҳандагони он даромади назаррас расонад, балки як самти хеле муҳим дар татбиқи сиёсати фарҳангии минтақа ва дар маҷмуъ кишвар мегардад ва ба ин васила, ин фаъолиятро дарозмуддат пойдору устувортар мегардонад [174, с. 131].

Бисёре аз муҳаққиқон [56; 98; 99; 100; 106; 111; 120; 143; 144; 171; 172] дар пажуҳишҳои худ аҳаммияти менеҷментро барои рушди бомуваффақияти соҳаи фарҳанг ва сайёҳӣ таъкид мекунанд. Интихоби стратегияи мушаххаси рушди сайёҳии фарҳангӣ як раванди хеле мураккаб буда, баъзан сабаби бархӯрди манфиатҳои иштирокчиёни гуногуни муносибатҳои иқтисодӣ мегардад. Бинобар ин, ҳатто дар марказҳои бузурги таърихию фарҳангӣ ҳангоми ба роҳ мондани фаъолияти сайёҳӣ онҳо хеле кам ба назар мерасанд. Стратегияҳои рушди сайёҳии худро бо асбобҳои мушаххаси идоракунӣ алоқаманд мекунанд.

Масъалаи проблеманоки рушди устувори сайёҳии фарҳангӣ дар саросари ҷаҳон ҷустуҷӯи мувозинати манфиатҳои иштирокчиёни бозор мебошад. Муваффақияти рушди ин фаъолият ба муҳити институтсионалӣ ва имконоти мавҷудаи муносибатҳо вобаста аст. Таҷриба нишон медиҳад, ки дар он минтақаҳое, ки робита бо шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар шаклҳои гуногун ба роҳ монда шудааст, онҳо дар ин самт муваффақтарин мебошанд [169, с. 8; 170, с. 315].

Дар банақшагирии стратегӣ унсури муҳимми минтақаи мушаххас доштани иттилооти дақиқ дар бораи мувофиқати заминаи моддию техникии сайёҳӣ ба бузургии захираҳои сайёҳӣ, инчунин, талабот ба ин маҳсулоти сайёҳӣ мебошад [96, с. 16]. Масалан, агар барои як минтақаи муайян ёдгории бостонӣ то андозае таваҷҷуҳ дошта бошад, аммо дар миқёси байналмилалӣ дар қиёс бо қимати дигар ёдгориҳои меъморӣ он барои сайёҳон чандон ҷолиб набошад. Дар ин сурат, дар ин минтақа ҷудо кардани маблағи калон бесамар мегардад. Ба ҳамин тариқ, дар ноҳияҳою мамлакатҳои ҳамсоя мавҷуд будани захирахои якхеларо муқоиса кардан ва ба назар гирифтан лозим аст.

Оғози таҳияи стратегияи сайёҳии таърихию фарҳангӣ даврае мебошад, ки масъалаи имкони истифодаи объектҳои таърихию фарҳангии минтақа дар рушди сайёҳӣ ва ба даст овардани фоидаи иқтисодӣ аз ин фаъолият баррасӣ мешавад [67, с. 46]. Ҳалли ин мушкилот пешрафти минбаъдаро барои рушд, такмил ё навсозии низоми оптималии менеҷмент ва маркетинг барои минтақа бо вазифаҳои васеътари эҳёи минтақа фароҳам меорад. [22, с. 115].

Қадами навбатӣ дар тартиб додани стратегияи тараққиёти саноати таъриху фарҳанг мебошад. Ин барои табдил додани минтақа ба маркази ҷаҳонии сайёҳии таърихию фарҳангӣ ислоҳоти мувофиқ ва сармоягузории зарурирo тақозо мекунад [149, с.154]. Вазифаҳои афзалиятноки татбиқи стратегияи мазкур бо иштироки аҳолии маҳаллӣ дар рушди ин соҳаи сайёҳӣ ба сифати мушовирон ё субъектҳои фаъол ва ҷалби сармоягузорӣ вобастаанд.

Бояд қайд кард, ки баъзе ҳолатҳоро дар муддати тулонӣ назорат кардан мумкин нест. Ин ба рушду тағйирёбии шаҳр, ноҳия ва ё кишвар вобаста аст, ки ба тағйироти ҷиддӣ бо сабаби тағйирот дар бозори амвол ва омадани шарикони нав, аз ҷумла, сармоягузорони хориҷӣ оварда мерасонад. Ҳамаи ин ба дараҷаи хизматрасонии сайёҳӣ таъсироти бевосита мерасонад [139, с.31; 119, с.108]. Дар баробари ин, дар бозори хизматрасонӣ шумораи зиёди бозингарон пайдо мешаванд, ки ногузир

боиси бархӯрди манфиатҳо мегардад, ки асосан бо мушкилоти ҳифз ва рушди ҳудудҳо алоқаманданд. Чунин муноқишаҳо дар сатҳҳои гуногун рух медиҳанд [140, с.97-98].

Мақомоти давлатии ҷумҳурӣ ва вилоятӣ (дар соҳаи идора ва назорати объектҳои моддии мероси таърихию фарҳангӣ);

- идораҳои гуногун, комитетҳои дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва вилоятии ҳокимияти давлатӣ. Масалан, низоъҳои зуд-зуд байни маъмурияти шаҳрдории маркази таблиғотӣ оид ба ҷойгиркунии рекламаи беруна дар маркази шаҳр;

- бахшҳои давлатӣ ва хусусии иқтисодиёт;

- бозори маҳаллии сайёҳӣ ва операторони байналмилалӣ;

- аҳолӣ ва мақомоти маҳаллӣ;

- дар дохили ҷомеъаи маҳаллӣ;

- байни сокинони маҳаллӣ ва сайёҳон.

Барои рушди устувори саноат равиши интегралӣ (байнисоҳавӣ) зарур аст, зеро сайёҳии таърихию фарҳангӣ ба манфиатҳои доираи васеи иштирокчиён таъсир мерасонад. Унсури зарурии идоракунии соҳа мониторинги доимии вазъият дар бозори хизматрасониҳои сайёҳӣ, инчунин, таҳлили рафтори истеъмолкунандагон мебошад. Чунин кор на танҳо бо мақсади таҳлили хароҷот ва фоидаи гузаронидани чорабиниҳо, балки барои омӯхтани рафтори истеъмолкунандагон, баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ, муайян намудани минтақаҳои нави сайёҳӣ, хатсайрҳо ва ғайра аҳаммияти калон дорад [114, с.92].

Омили асосии ҷолиби рушди устувори сайёҳии таърихию фарҳангӣ ҷалби аҳолии маҳаллӣ ба татбиқи барномаҳои сайёҳӣ мебошад. Гап дар сари он аст, ки омадани сайёҳон ва татбиқи барномаҳои сайёҳӣ ҳамеша боиси тағйирот дар ҷомеаҳои маҳаллӣ, муҳити зист ва муҳити онҳо мегардад. Дар ин маврид мафҳуми устувории сайёҳӣ бо муносибати одамон ба ин дигаргуниҳо зич алоқаманд аст ва дар сурате, ки ин тағйироти нав ба манфиатҳои аҳолии маҳаллӣ нигаронида шуда, маъмулан аз ҷониби ҷомеаҳои маҳаллӣ дарк карда мешаванд, чунин

фаъолиятҳо метавонанд устувор дониста шаванд. Ин гуна ҳамкориро аз таҷрибаи шаҳри Белевил (Фаронса) мисол овардан мумкин аст, ки дар ин шаҳр мардуми маҳаллӣ дар татбиқи маҳсулоти сайёҳӣ фаъолона иштирок мекунанд, онҳо ҳамчун гид дар ҳамроҳии сайёҳон фаъолона иштирок меварзиданд. Барои ин ҳатто барномаҳои махсуси сайёҳӣ тартиб дода шудаанд, ки дар онҳо аҳолии маҳаллӣ ба гузаронидани чорабиниҳои экскурсионӣ ҷалб карда мешавад [48, с.81].

Бо назардошти гуфтаҳои боло метавон қайд намуд, ки ҷустуҷӯи созиш байни манфиатҳои аҳолии маҳаллӣ ва сайёҳон, сатҳи фаъолияти аҳолии маҳаллӣ дар истеъмоли молҳои фарҳангӣ, аз ҷумла, бо фаъолияти сайёҳӣ, ташкили идоракунии самарабахш, афзоиши шавқу ҳаваси аҳолии маҳаллӣ ба истеъмоли неъматҳои маданӣ вазифаи муҳимми стратегӣ, дар ҳалли проблемаҳои тараққиёти устувори сайёҳии таърихию фарҳангӣ мебошад. Инчунин, бояд гуфт, ки раванди фаъолияти таъриху фарҳанг тавассути призмаи сайёҳӣ ва ҳамзамон зарурати рушди сайёҳӣ ҳамчун як соҳаи иқтисодиёт ба рушди пажуҳишҳои илмии осори таърихию фарҳангӣ минтака ва иқтидори он барои рушди сайёҳӣ ва дар самти дарки назариявии падидаи худи сайёҳӣ барои рушди ҷанбаҳои таърихию фарҳангии кишвар такон медиҳад.

## Хулосаи боби якум

Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ нишон дод, ки рушди босамари соҳаи сайёҳӣ яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти иқтисодии муосир ва истеҳсоли хизматрасоние мебошад, ки ба талаботи аҳолӣ ҷавобгӯ мебошад [103, с-193]. Аз ин рӯ давлат дар тараққӣ додани роҳҳои рушди сайёҳӣ, умуман, саноати сайёҳӣ ва самтҳои алоҳидаи он манфиатдор аст.

Ба шарофати пурғановатии иқтидори сайёҳии таърихию фарҳангӣ, ки метавонад ба сайёҳон маҷмуи зиёди объектҳои сайёҳии таърихию фарҳангӣ, аз ҷумла, ёдгориҳои меъморӣ, ҷойҳои тамошобоби таърихӣ ва фарҳангиро фароҳам оварад, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, ВМКБ хеле зиёд мебошанд. Дар минтақа ва берун аз он ҳар сол маъруфияти бештар пайдо мекунад. Аммо, мутаассифона, қисми асосии ҳудуди сайёҳии Бадахшон то ҳол барои сайёҳон дастнорас боқӣ мондааст, зеро қонунгузории меъёрии ба қадри кофӣ таҳия нашуда, ки мамнуъият ва маҳдудиятҳои давлатиро барои сафари сайёҳон дар ҳудудҳои алоҳида пешбинӣ мекунад, инфрасохтори сустинкишофёфтаи сайёҳӣ дар баъзе ноҳияҳои сайёҳии минтақа ташкили суст, доираи танги хизматрасонӣ, ки талаботи гуногуни сайёҳони муосирро қонеъ карда наметавонад, имкони фароҳам овардани тамоми шароит барои истироҳати бароҳати сайёҳон ва шиносоӣ бо барномаи фарҳангӣ ва таъмини босифати таърихию фарҳангӣ халал мерасонад.

Аз баррасии маводи адабии дар боло зикршуда бармеояд, ки муҳимтарин паҳлуи рушди сайёҳии таърихию фарҳангӣ дар манотиқи кӯҳистони Тоҷикистон фароҳам овардани фазои мушаххасе мебошад, ки дар он фаъолиятҳои сайёҳӣ сурат мегирад. Аммо бояд гуфт, ки барои таъсири самарабахши ин намуди фаъолият ба иқтисодиёти маҳаллӣ ва муҳити иҷтимоии минтақа зарур аст, ки марказҳои сайёҳӣ дар робитаи мустақим бо иқтисодиёти маҳаллӣ ташкил ва фаъолият кунанд. Сохтмон ва ба кор андохтани онҳо аз ҳисоби сарфи захираҳои меҳнатии маҳаллӣ, қисман истифода бурдани масолеҳи маҳаллӣ, ва дар фурӯши маҳсулоти саноатӣ, маҳсулоти хоҷагии қишлоқи маҳаллӣ барои хуроки сайёҳон ва

сайёҳати онҳо истифода мешуд. Ҳамчунин, бояд гуфт, ки барои ворид шудан ба бозорҳои байналмилалии сайёҳӣ ва муаррифии маҳсулоти сайёҳии маҳаллӣ ҳамчун моли рақобатпазир дар баробари мавҷуд будани захираҳои таърихию фарҳангӣ, омода намудани маҳсулоти сайёҳии соҳибтахассус ва моҳирона татбиқи он ҷанбаи муҳим ба шумор меравад. Ин ҷалби кадрҳои соҳибихтисос, сармояи зарурӣ ва инфрасохтори мувофиқро талаб мекунад; мавҷудияти соҳаҳои ёрирасон; стратегияи салоҳиятноки рушди фаъолияти сайёҳӣ ва хусусияти рақобат дар бозори сайёҳии дохилӣ ва байналмилалӣ.

Ҳамин тариқ, барои муайян кардани сабабҳое, ки ба рушди соҳа халал мерасонанд, таҳлилоти ҳамаҷониба, мавҷудият ва ҳолати системаи мавҷудаи идоракунии фаъолият дар ин бахши сайёҳӣ гузаронидан лозим аст.

# БОБИ 2. ТАҲЛИЛ ВА БАҲОДИИ ДАРАҶАИ ИСТИФОДАБАРИИ САРВАТҲОИ ТАЪРИХИЮ ФАРҲАНГИИ МИНТАҚА ВА ДУРНАМОИ РУШДИ ОН

## 2.1. Объектҳои табиию таърихӣ-фарҳангии минтақа ва иқтидори онҳо

Соҳаи сайёҳи дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз замонҳои дар ҳайҳати Иттиҳоди Шӯравӣ оғоз ёфта дар давраи истиқлолияти давлатӣ соҳаи мазкур бо сурҳати баланд рушд ёфта, он сол то сол аҳмияти бетар касб менамояд.

Минтақаи сайёҳии Бадахшони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташакулёбии сайёҳӣ яке аз ҳудудҳои табии нодири Осиёи Марказӣ ва ҷаҳон ба ҳисоб рафта, бо фоизи рекордии объектҳои таърихию фарҳангӣ маълуму машҳур мебошад. Дар ин минтақа ёдгориҳои табиии дорои зебоии нотакрор ва арзиши илмӣ, объектҳои таърихию фарҳангӣ на танҳо аз нигоҳи илм арзишманданд, балки барои рушди соҳаи сайёҳӣ, бахусус, сайёҳии таърихию фарҳангӣ ҳамчун сарват қиммати баланд доранд. Зимнан, маҳсулоте, ки соҳаи сайёҳии тоҷик дар бозори ҷаҳонии сайёҳӣ пешниҳод мекунад, иқтидори хеле ночизи объектҳои фарҳангию таърихиро фаро гирифта, аксари маҳсулоти сайёҳӣ бо сифати паст дар бозори байналхалқӣ на онқадар рақобатпазир мегардад. Бояд гуфт, ки истифодаи миқдори зиёди ин маҳсулот дар бозорҳои сайёҳии ҷаҳонӣ тасодуфӣ мебошад.

Аз ин лиҳоз, барои баланд бардоштани фоиданокии иқтисодии объектҳои таърихию фарҳангӣ дар баробари масъалаҳои васеъ истифода бурдани онҳо ба масъалаҳои консерватсия, реконструксия ва нав кардани ин объектҳо низ диққати калон додан лозим аст.

Бояд гуфт, ки сарватҳои таърихию фарҳангӣ на танҳо ашёи ҷолиби сунъӣ (биноҳо, иншоот, роҳҳо ва ғ.), балки арзишҳои маънавии мардум (анъанаҳо, расму оинҳо ва ғ.), ки захираҳои иттилоотӣ ва бадеиро ифода мекунанд, дар бар мегиранд. Чунин захираҳо дар айни замон яке аз объектҳои ҷолибтарини сайёҳӣ ва яке аз шаклҳои ҷолиби фароғати

муосири сайёҳон маҳсуб меёбанд, ки доир ба онҳо олимони зиёди соҳа маълумтҳоро ҷамоварӣ, намудаанд [9; 31; 63; 85; 161; 164]. Мувофиқи пешгӯии Созмони байналхалқии сайёҳӣ (СБС), ҳиссаи сайёҳии таърихию фарҳангӣ то соли 2030 25% нишондиҳандаҳои умумии сайёҳии ҷаҳониро ташкил хоҳад дод [154, с.161]. Бояд гуфт, ки ин намуди фаъолияти сайёҳӣ дар баробари арзишҳои иҷтимоию иқтисодӣ, инчунин, дар густариши андешаҳои умумӣ, бахусус, дар бораи таърих ва хусусиятҳои этнофарҳангии халқҳои гуногуни сокини минтақа нақши муҳим дорад. Иқтидори таърихию фарҳангии минтақаи сайёҳии Бадахшон бо нотакрорӣ, тафовути табиии минтақавӣ, инчунин, шароити гуногуни ташаккул ва рушди ҷузъи иҷтимоии иқтидори сайёҳӣ дар арафаи ҷаҳонӣ маълуму машҳур аст. Ин яке аз минтақаҳои нодири табиист, ки дар ҳудуди он объектҳои ғайриоддии геологӣ, гидрологӣ, физикию географӣ ва биологӣ арзи вуҷуд доранд. Сарватҳои мазкур дорои на танҳо аҳаммияти иҷтимоиву иқтисодии баланд, балки аҳаммияти калони фарҳангию иқтисодиро ҳам доростанд. Ба қатори онҳо ёдгориҳои таърихӣ, археологӣ ва фарҳангии воқеъ дар ҳудуди он, ашёҳои этнография, ҳунарҳои мардумӣ, хусусиятҳои фарҳангии тарзи зиндагонӣ ва урфу одатҳои мардуми маҳаллӣ, анъана ва расму оинҳо, либосҳои миллӣ, таомҳои анъанавӣ, ҷашнҳои миллӣ, бозиҳои варзишӣ ва ғайра дохил мешаванд, ки барои инкишофи сайёҳии фарҳангӣ ва мутаносибан тараққиёти иҷтимоиву иқтисодии вилоят ва умуман ҷумҳурӣ захираи пурқимат шуда метавонад.

Бояд гуфт, ки қаламрави ВМКБ минтақаест, ки аз замонҳои қадим Осиёи Хурдро бо Осиёи амиқи Миёна ва Ҷанубу Шарқ мепайвандад. Аз ин қаламрав яке аз муҳимтарин ва серодамтарин масирҳои қадим ва асрҳои миёна – Роҳи бузурги абрешим мегузашт. Ин роҳ ба ҳаёти иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии халқҳое, ки дар ин роҳ зиндагӣ мекунанд, таъсири калон расонд. Аз паси он корвонҳои тиҷоратӣ, ки молҳои гуногун меоварданд, дастовардҳои фарҳангӣ ва иқтисодии мардуми қадимро паҳн мекарданд ва ҳоҷиён ба ҷойҳои муқаддас низ бо он

ҳаракат мекарданд [155, с.27]. Масалан, лоҷварди бадахшонӣ дар бозори аксари мамлакатҳои Шарқ, Миср, Юнон ва Рим шуҳрат дошт. Лоҷвардрдро бо корвонҳо ба Бобулистон ва Ҳиндустон мебурданд. Дар музеи Эрмитажи Санкт-Питербург ҳоло ҳам чанд зарфи нафиси лоҷвардӣ то имрӯз нигоҳ дошта шудааст [55, с.152].

Имрӯз, ки пас аз як аср баста шудани хатти Бадахшонии Шоҳроҳи бузурги абрешим, ин хатсайр аз нав кушода шуда, дар шароити нав мувофиқи стандарти байналмилалӣ ва талаботи муосири бозори байналмилалии сайёҳӣ ба фаъолият шуруъ кард. Ин роҳ боз ҳудуди минтақаи сайёҳии Бадахшон ва тамоми Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба шабакаи Роҳи бузурги абрешим пайваст намуд. Имрӯз тавассути он ба масофаи зиёда аз 700 километр хатсайрҳои мунтазами сайёҳон аз Чин ва кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ба кишварҳои аврупоӣ ва ғарбӣ мегузаранд ва ҳамин тавр, минтақаи сайёҳии Бадахшон имкони бузург пайдо кард, ки ба фазои сайёҳии сатҳи ҷаҳонӣ ворид шавад ва сайёҳон аз кишварҳо ва қитъаҳои гуногуни ҷаҳон ҷалб карда шаванд. Мавқеи таърихию географии минтақаи сайёҳии Бадахшон дар системаи Роҳи бузурги абрешим барои рушди ҳам сайёҳии дохилӣ ва ҳам турҳои таълимии байналмилалӣ шароити мусоид фароҳам меорад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади рушди босамари соҳаи сайёҳии мамлакат, ки сазовори муаррифии имкониятҳои сайёҳии ҷумҳурӣ ва фарҳанги миллӣ дар арсаи байналмилалӣ буда, инчунин, ҷалби сармоя ба рушд ва нумуи инфрасохтори сайёҳӣ, эълон намудани соли «2018 рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», солҳои 2019-2021 «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ». Дар татбиқи ин Паём барномаҳои рушди сайёҳӣ ҳам дар сатҳи минтақавӣ ва ҳам дар сатҳи давлатӣ таҳия шуданд. Барои рушди инфрасохтори соҳа маблағҳои калони молиявӣ ҷудо карда шуда, санадҳои сершумори қонунгузорӣ қабул гардиданд, ки ҳам ба ҷорӣ намудани фаъолияти сайёҳӣ ва ҳам ба ҳудуди ҷумҳурӣ омадани сайёҳон мусоидат мекунанд. Бе ягон муболиға

гуфтан мумкин аст, ки дар солҳои охир корҳои назаррас ба ҷо оварда шуданд, базаҳои сершумори сайёҳӣ ва майдонҳои истироҳат ба вучуд оварда шуданд, шумораи сайёҳон дар ҷумҳурӣ хеле афзуд. Мутаассифона, солҳои охир, бино бар паҳншавии вируси хатарноки Ковид-19 ва номуътадил гаштани вазъи сиёсии ҷаҳонӣ, шумораи сайёҳон на танҳо ба кишвари мо, балки дар саросари ҷаҳон хеле кам гардид. Вале мо бо камоли боварӣ пешгӯӣ карда метавонем, ки саноати сайёҳии ҷумҳурӣ тараққӣ хоҳад кард ваояндаи калон дорад.

Тавре ки тадқиқоти мо нишон дод, дар айни замон сайёҳии таърихию фарҳангӣ дар баробари намудҳои ояндадори сайёҳӣ, аз қабили сайёҳии экологӣ, варзишӣ, тиҷоратӣ ва солимгардонӣ ба қатори панҷ намуди ояндадори соҳаи сайёҳӣ дохил мешавад.

Объектҳои таърихию фарҳангии воқеъ дар ҳудуди минтақаи сайёҳии Бадахшон ҳамчун заминаи арзишманди рушди соҳаи сайёҳӣ таваҷҷуҳи зиёд доранд. Дар ин ҳудуд фоизи рекордии мавзеъҳои таърихию фарҳангӣ, ки аз ҷиҳати зебоӣ ва арзиши илмӣ беназир мебошанд, захираи пурарзиш барои рушди сайёҳии таърихию фарҳангӣ мебошанд.

Сайёҳии таърихию фарҳангӣ метавон ба чунин категорияҳо мансуб кард, ки ҷузъҳои этникӣ, таърихӣ, забонӣ ва фарҳангиро ифода мекунад [54, с.83]. Дар ҷараёни сайёҳии таърихию фарҳангӣ сайёҳон ба объектҳои фарҳангӣ, таърихӣ ва этнография рафта, бо зиндагӣ, анъана ва фарҳанги миллат, осори мардумӣ ва махсусан, ҳунарҳои мардумони ҳозира ё қаблан дар як маҳал ҳудуди муайян зиндагӣ мекунанд, шинос мешаванд. Ошноӣ бо мавзеъҳои этнофарҳангӣ ва таърихӣ, бо анъанаҳои мардум, тарзи зиндагӣ ва рӯзгордорӣ, мероси этнофарҳангӣ, расму оинҳо, фарҳангу эҷодиёти он амалӣ карда мешавад. Чунин дониш ба сайёҳон имкон медиҳад, ки дар бораи гуногунии халқҳо ва фарҳангҳои этникии онҳо, ки ҳуввияти хосси худро доранд, тасаввуроти возеҳ ва ҳамаҷониба ташаккул диҳанд. Ин намуди фаъолияти сайёҳӣ сайёҳатҳоро ба маҳалҳои аҳолинишини муташаккил, ки хусусиятҳои фарҳанги анъанавӣ,

зиндагӣ ва тарзи зиндагии мардумро нигоҳ доштаанд, инчунин, шиносоӣ бо осорхонаҳои ҳаёти мардумро дар бар мегирад. Он ба сайёҳон имкон медиҳад, ки аз мавзеъҳои фарҳангӣ ва таърихие, ки дар як лаҳзаи таърихӣ вуҷуд доранд ва то имрӯз хусусияти зиндагӣ ва фарҳанги анъанавии худро нигоҳ доштаанд, дидан кунанд. Дар ҷараёни ин сафарҳои сайёҳӣ сайёҳон имкон пайдо мекунанд, ки ашёҳои ба ягон фарҳанг ё даврони таърихӣ тааллуқдоштаро шахсан бубинанд ва ламс кунанд, дар бораи ҳадафи он маълумоти пурра гиранд ва ҳамбастагии фарҳанги ин халқро бо фарҳанги мардуми дигар эҳсос кунанд, аз кору пайкори он маълумот гиранд ва мақсади рамзӣ, гоҳе ҳатто даст ба он даст зада, даст доштани фарҳанги ин мардумро эҳсос кунанд. Ҳангоми ташкили ин намуди сайёҳӣ сайёҳон, инчунин, имкон пайдо мекунанд, ки бо осорхонаҳои рӯзгор шинос шаванд, ки одатан осорхонаҳои этнофарҳангӣ мебошанд, ки дар онҳо намунаҳои ашёи анъанавии рӯзгор ва намунаҳои меъмории халқҳои гуногуни аҳолӣ мавҷуданд. Чунин сайёҳатҳо на танҳо бо вақтхушӣ ҷолибанд, балки барои ҳифзи анъана ва фарҳанги мардум мусоидат намуда, эҳсоси ватандӯстиро бедор мекунанд ва ҷаҳонбинии сайёҳонро васеъ мекунанд.

Хусусияти Минтақаи сайёҳии Бадахшони ҳамчун объекти инкишофи сайёҳии таърихию фарҳангӣ дар он аст, ки пеш аз ҳама барои халқиятҳои дар ҳудуди ин минтақа хусусиятҳои зиёде хос аст, ки на танҳо сайёҳон, балки олимонро низ ба худ ҷалб мекунанд. Пеш аз ҳама, инҳо ҷамоатҳои зиёди қавмии хурд (бартангҳо, вахониҳо, риниҳо, ишкошимиҳо, рӯшониҳо, язғуломиҳо, шуғниҳо ва ғ.) мебошанд, ки дар ҳудуди он зиндагӣ мекунанд, дар ҳаёти ҳаррӯза бо забонҳои худ гап мезананд ва ҳар яке аз ин гурӯҳҳо бо забони хоси худ, хусусиятҳои хоси фарҳанг, анъана ва расму оинҳои ба худ фарқ мекунад.

Имрӯз дар тавсеаи аҳаммияти ҷузъи таърихию фарҳангии сайёҳӣ давлат таваҷҷуҳи зиёд пайдо карда, тарғибу ташвиқи таъриху фарҳанги миллии онҳоро дар шароити тамоюли баробарсозии баъзе хусусиятҳо, фарҳангҳои миллӣ, ки дар ҷараёни ҷаҳонишавӣ зуҳур кардааст, вазифаи

муҳимми сиёсати давлатӣ қабул кардааст [3]. Аз ин лиҳоз, имрӯз шарти асосии рушди ин намуди фаъолияти сайёҳӣ дар навбати аввал баланд бардоштани иқтидори таърихию фарҳангии минтақа, сатҳи ташкили дастрасии ҳамаи хоҳишмандон ба онҳо ва инчунин, роҳати ҳаррӯзаи сайёҳон маҳсуб меёбад.

Ба объектҳои ин намуди соҳаи сайёҳӣ ҳам мероси фарҳангӣ ва ҳам таърихӣ (ҳудудҳои таърихӣ, иншоот ва маҷмааҳои меъморӣ, кофтуковҳои бостоншиносӣ, осорхонаҳои бадеӣ ва таърихӣ, ҳунарҳои мардумӣ, идҳо, расму ойинҳои хонаводагӣ, намоиши дастаҳои фолклорӣ ва фарҳанги асосан бадеӣ), ва ҳам тарзи зиндагонии аҳолӣ, таомҳо, либосҳои миллӣ, хусусиятҳои меҳмоннавозӣ ва ғайра воқеии имрӯза дохил мешаванд.

Ҳамин тариқ, мероси ғании таърихию фарҳангии вилоят яке аз омилҳои асосии таъсиргузор ба иқтидори сайёҳии минтақа мебошад. Вобаста ба ин, барои ба роҳ мондани фаъолияти самараноки сайёҳӣ ҷалби эҳтимолии мавзеъҳои таърихию фарҳангии минтақа, инчунин, имкониятҳои воқеии онҳоро барои рушди бозор дар оянда муайян кардан зарур аст.

Дар ташкили ҳудудии сайёҳӣ ва фаъолияти рекреатсионӣ мавқеи ҷузъиётҳои таърихию табиӣ мавқеи асосиро ишғол менамоянд. Объектҳои таърихию фарҳангии минтақаи сайёҳии Бадахшон ба таври зерин гурӯҳбандӣ карда мешаванд:

**1. Ёдгориҳои геоморфологии табиат -** инҳо пеш аз ҳама ёдгориҳои геоландшафтии Помири Ғарбию Шарқӣ, чарогоҳҳои баландкӯҳӣ Мурғоб, ҳавзаи кӯлҳо, қаторкӯҳҳо, сангҳои рӯизаминӣ, харсангҳо, дараҳо, шаршараҳо, водиҳои дарёҳо, кӯлҳо, ғорҳои зеризаминӣ, ғорҳои релефи замин, ки муарифкунандаи сайёҳии кӯҳистон мебошанд, дар бар мегиранд. Ба қатори инҳо дохил мешаванд: «Хайма-санг» (Чатирташ), пайкараҳои сангӣ, рисолаи «Ҷамантал», ғори «Мататаш», ғори «Салактош», ғори «Мин», кӯлҳои Пангазбел, кӯлҳои Птупский, Такир Париён (Қизилкӯл), сангҳои бетартиб “Ҷингила” ва “Пешонии гӯсфанд”,

Поликунҷаҳои яхбаста, Релефи эрозӣ, санги “Занбуруӯғи сангӣ”, фигураҳои сангин, Санги “Фил”, санги “Аждар” (шайтони санг), ғори “Сард”, қуллаи Исмоили Сомонӣ (собиқ куллаи Коммунизм) 7495 м, қуллаи Ленин 7134 м.

**2. Объектҳои глятсиологӣ ва гидрогеологӣ:** - инҳо пиряхи Федченко, Хирсон, Наъл, Пиряхи Шимолии Оқбайтал; кӯлҳои нодир, чашмаҳои маъданӣ, дигар ҷойҳои фаъоли обҳои зеризаминӣ ва рӯизаминӣ: шаршараи Матраун, Шаршараи Қалъаи Ҳусейн, шаршараи Овчуг, кӯли Сарез, кӯли Ҷамшед (Яшилкӯл), кӯли Ховаркӯл (Қаракӯл), кӯлҳои Рангкул (кӯли рангҳо) ва Шӯркӯл (Шоркӯл) (ҳарду кӯл бо канал ба ҳам пайваст мешаванд), кӯли Сосиққкӯл (Кӯли пӯсида), кӯли Намакоб (Тузкӯл), кӯли Ревахшиён (Оққкӯл), кӯли Турумтайкӯл, кӯли Чашмаи Зоркӯл, чашмаи Шоҳдара, чашмаи Гармчашма, чашмаи Бахмир, чашмаҳои Ҷелондӣ, чашмаи Иссиқбулоқ, чашмаи “Питуп” ва ғайра.

**3. Объектҳои литологӣ ва палеонтологӣ** (объектҳое, ки сангшудаанд, осори сангшудаи манзараҳои рӯи замин): мавҷҳои сангшуда, дарахтони сангшуда, қабатҳо бо боқимондаҳои конулярия, қабатҳо бо боқимондаҳои палеодиктиҳо.

**4. Объектҳои петрографӣ-минералогӣ ва петрологӣ** (конҳои сангҳои нодир ва қиматбаҳо, сангҳо, ҷойҳои зуҳуроти маъданҳои муосир): қабатҳои боқимондаҳои палеодиктӣ, Лоҷвардара, Зорбулоқ, Дур, Ҷартиработ, Бозтере, “Балгин”, Дафтари Дастар (ҷисмҳои рагшакл, ки аз сангҳои магмавӣ иборатанд), лавҳаҳои “Курашакл”, лавҳаҳои “Ресмоншакл” [135, с.43].

**5. Объектҳои тектоникӣ** (рехта ва канда шудани қабатҳои харсангҳо, гунбазҳои намак, осори зилзилаҳои сахт): сарбанди Усой, сарбанди Яшилкӯл, Чартим, сарбанди Пшарт.

**6. Объектхои космогенӣ** (ҷисмҳои нодире, ки бо афтидани метеоритҳо алоқаманданд, ҷисмҳои калони кайҳонӣ): кратери Мурғоб, кратери Аличур.

**7. Объектҳои таърихию геологӣ -** инҳо боқимондаҳои маъданҳои кӯҳӣ, маъданҳои маълум: Кӯҳи лаъл (куҳи лал, кӯҳи ёқут), Сарёб, Сасиқ, Техарв, Хуф мебошанд.

**8. Объектҳои ботаникӣ:** Тракти Пшарти Ғарбӣ, наздикии деҳаи Питфонж, боқимондаи Хирендара.

Тибқи маълумоти расмии раёсати фарҳанги ВМКБ, то имрӯз дар қаламрави Тоҷикистон 2000 ёдгории таърихӣ мавҷуд аст, ки 433-тоаш дар ҳудуди ВМКБ ҷойгир аст (Ҷадвали 2.1).

**Ҷадвали 2.1.**

Феҳристи ёдгориҳои таърихӣ дар ВМКБ ки дар Раёсати Фарҳанги ВМКБ номнавис шудаанд.

| № | Номи шаҳру ноҳияҳо | Ёдгориҳои бостонӣ | Ёдгориҳои меъморӣ | Ёдгориҳои монументалӣ | Ҷамъ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Шаҳри Хоруғ | 6 | 1 | 9 | 16 |
| 2 | Ноҳияи Ванҷ | 46 | - | - | 46 |
| 3 | Ноҳияи Дарвоз | 36 | 2 | - | 38 |
| 4 | Ноҳияи Ишкошим | 100 | 3 | - | 103 |
| 5 | Ноҳияи Мурғоб | 289 | 1 | - | 290 |
| 6 | Ноҳияи Роштқалъа | 73 | 4 | - | 77 |
| 7 | Ноҳияи Рушон | 58 | 3 | - | 61 |
| 8 | Ноҳияи Шуғнон | 70 | - | - | 70 |
| 9 | **Ҷамъ:** | **678** | **14** | **9** | **701** |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти истофодашуда [146, с.84].

Аз ҷадвали 2.1 бар меояд, ки дар қаламрави минтақаи кӯҳистони Бадахшон шумораи зиёди ёдгориҳои таърихӣ ҷой доранд ва онҳо захираи бойи сайёҳии таърихию фарҳангӣ ба ҳисоб мераванд. Аз бисёр мавзеъҳои таърихӣ то имрӯз 35 қалъаи хурду калон боқӣ мондааст, ки дар давраи аз ҳазораи 2 пеш аз милод то асри 19 мелод сохта шудаанд. Дар феҳристи ҷойҳои таърихӣ, ҳамчунин, даҳҳо макони муқаддас ва ёдгориҳои замонавӣ ҷой дода шудаанд. Ҳамаи онҳо ба арзишҳои моддию маънавии аз ҷониби ҷомеа эътирофшуда дахл доранд, ки ҷомеа барои нигоҳ доштани ҳувияти иҷтимоию этникӣ ва ба наслҳои оянда мерос нигоҳ дошта мешавад.

Бисёре аз ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ, инчунин, ёдгориҳои мавҷуда, ки бо эътиқоду ривоятҳои мардумӣ фаро гирифта шудаанд,

заминаи муҳимми таърихӣ доранд, аз ин рӯ, барои сайёҳии фарҳангӣ, маърифатӣ ва илмӣ тавааҷҷӯҳи зиёд доранд [72, с.59].

Бо дарназардошти аҳамияти таърихӣ ва фарҳангӣ барои ҷомеаи ҷаҳонӣ чанде аз бузургтарин иншооти мероси таърихию фарҳангии ВМКБ ба рӯйхати мероси ҷаҳонии табиӣ ва фарҳангии ЮНЕСКО дохил карда шуданд. Инҳо шаҳраки Бозордараи ноҳияи Мурғоб, қалъаи Ямчун ва қалъаи Қаҳқаҳаи ноҳияи Ишкошим, Боғи миллии Тоҷикистон, ки 80% ҳудуди он дар ҳудуди ВМКБ «Кӯҳҳои Помир» ҷойгир аст, мебошанд [86, с.56].

Танзими ҳуқуқии ёдгориҳои мероси таърихию фарҳангӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифз ва истифодаи мероси таърихию фарҳангӣ» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг», ки соли 2009 қабул шудааст, амалӣ карда мешавад. Дар кумитаи фарҳангии вилоят боз қонунҳои дигари ҳукумат дар ин масъала мавҷуданд, ки самаранок иҷроиши ин сиёсати давлатро ҳифз карда истодаанд.

Ташаккул ва рушди сайёҳии таърихию фарҳангӣ як масъалаи мураккаб аст, бинобар ин, он муносибати марҳилавӣ талаб мекунад. Вобаста ба ин, масъалаи самаранок ба роҳ мондани кор оид ба рушди ин намуди сайёҳӣ дар шароити Минтақаи сайёҳии Бадахшон бояд аз таҳияи асосҳои назариявии омӯзиши сайёҳии таърихию фарҳангӣ ҳамчун як шакли фароғат, таҳлили сайёҳӣ, нақши манфиатҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва маърифатии мардум ҳамчун ангеза барои андешидани тадбирҳои зарурии ташкилӣ оид ба рушди сайёҳӣ ва ҳифзи мероси этнофарҳангӣ ва таърихии минтақа, оғоз шавад. Фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди ин намуди сайёҳӣ обрӯи Минтақаи сайёҳии Бадахшонро барои сайёҳони боздид ҷолибтар намуда, беҳтар намудани реҷаи фароғату сафар, ба даст овардани лаззати мусоид аз боздиди мавзеъҳои нодири таърихию фарҳангӣ, суръат бахшидан ба рушди иҷтимоиро афзун карда, бо роҳи кам кардани бекорӣ дар минтақа аҳволи аҳолиро муътадил мегардонад.

## 2.2. Хусусиятҳои мухталифи географии таърихию фарҳангӣ ҳамчун омили ҷалби фаъолияти сайёҳӣ

Рушди сайёҳӣ аз бисёр ҷиҳат ба хусусияти мероси таърихию фарҳангии минтақаи сайёҳӣ вобаста аст. Аз ин лиҳоз, сатҳи мероси таърихию фарҳангии минтақаи кӯҳистонии Тоҷикистон метавонад омили муҳимми ҷалб ва рушди соҳаи сайёҳӣ ва ба ин васила, эҷоди симои мусоиди минтақаи сайёҳии Бадахшон ҳамчун як минтақаи сайёҳӣ дар бозори байналмилалии хизматрасонӣ бошад.

Вобаста ба ин мавзеъ маводҳои зиёди хаттӣ мавҷуданд, аз ҷумла: Қарори Совети Вазирони ССР барои омӯхтани бойгариҳои табии "Экспедитсияи колективии Помир" (соли 1932); Оғози сайёҳии кӯҳнавардӣ, сайру гашт бо савораи асп (соли 1932); Муайян намудани гузаргоҳҳои мушкилгузари кӯҳӣ, ҳуҷҷатҳо оиди ташкили сайёҳии савораи асп ба масофаи 1800 км аз шаҳри Хоруғ ба шаҳри Тошканд.
Дар соли 1935 6 нафар сайёҳони тоҷик тавассути дучархасаворӣ аз шаҳри Душанбе (онвақта Сталинобод), ба Узбекистон, Туркманистон, Озарбойҷон, Гурҷистон бо қисми шимоли Қафқоз, Москва хатсайри махсуси сайёҳиро ташкил намуданд, ки он 6200 км масоҳатро ташкил дода онро сайёҳони тоҷик дар тайи 42 рӯз тай намудаанд.

Баъди ин воқеа дар соли 1936 дар ҷумҳурӣ сараёсати марказии сайру сайёҳат тасис дода шуд. Таҳти роҳбарии муассисаи мазкур 6 хатсайри нави сайёҳӣ таъсис дода шуд, ки мавзеҳои гуногуни минтақаҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравиро дар бар гирифта тавассути он ҳарсола теъдоди муайяни сайёҳон фаъолияти сайёҳӣ менамуданд.

Дар асоси омӯзиши илмӣ ва таҳлилии маводҳои адабиётӣ оиди мушкилотҳои мусоидаткунанда барои рушди сайёҳии таърихию фарҳангӣ мо ба хулосае омадем, ки дар рушди сайёҳии минтақавии кӯҳӣ омилҳои табиию фарҳангӣ, омилҳои этникӣ, мадданию техникӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ мавқеъи асосиро ишғол менамоянд ва боиси рушди равияҳои сайёҳии маҳаллию байналхалқӣ мегардад.

Минтақаи кӯҳистони Бадахшон аз ҷониби олимону ҷомеъашиносон ҳамчун осорхонаи зиндаи таърихӣ эътироф шудааст. Дар ҳудуди  вилоят якчанд халқиятҳои майда, гурӯҳҳои хурди этникии тоҷикони асили кӯҳистон ҳаёт ба сар мебаранд, ки аз лиҳози забон, дину оин, анъанаю урфу одат, симою афту башара, хусусиятҳои хосси равонӣ на ин ки аз дигар халқҳои ҳамсояи худ, балки аз ҳамдигар низ тафовут доранд. Бинобар ин, мавриди омӯзиш қарор додани ин халқиятҳо, ҳифз кардани хусусиятҳои хосси ин халқиятҳо, ба ҷаҳониён муаррифӣ кардани онҳо ҳамчун тоҷикони асил, ҷалб кардани сайёҳон ба фарҳангӣ волои онҳо ва дар заминаи фарҳанги онҳо рушд додани соҳаи сайёҳии таърихию фарҳангӣ дар минтақаи сайёҳии Бадахшон айни мудааост.

Қабл аз он, ки оид ба хусусиятҳои хосси таърихию - этникии сокинони минтақаи сайёҳии Бадахшон, нақши ёдгориҳои таърихӣ ва меросӣ фарҳангию этнографии сокинони минтақа дар рушди сайёҳии таърихию фарҳангӣ сухан ронем, мехостам, ки ба таърихи мухтасари минтақа руҷуъ намоям. Зеро ки дар асоси баррасӣ кардани таърихи мухтасари минтақаи сайёҳии Бадахшон этногенезия, таърихи этникии халқиятҳои Бадахшон, хусусиятҳои хосси этникию этнографии онҳо, нақши ёдгориҳои таърихию этнографӣ дар рушди сайёҳии таърихию фарҳангӣ боз ҳам беҳтар, возеҳу равшан муайян мегардад [97, с.5]. Ҳамчунин, масъалаҳоеро, ки дар ин боб мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор додаем, ҳар яки онҳо ҷузъи таърихананд ва бевосита маъсулу натиҷаи таърихи ин минтақа ҳастанд, ки барои ҷалби сайёҳон муҳим ва заруранд.

Бостоншиносон ва муаррихон собит намудаанд, ки дар ҳудуди минтақаи сайёҳии Бадахшон ҳанӯз аз давраи асри санг аҳолӣ сокин будааст. Аз тарафи бостоншиносон дар 60-мавзеи бостонии Помири Шарқӣ 1300 нусха -маснуоти асри санг бозёфт шудааст [40, с.55].

Қадимтарин нишонаи асри санг дар Помири Шарқӣ дар Мурғоб бо номи бошишгоҳи “Ошхона” ёфт шудааст, ки таърихи 10 - ҳазорсола дорад ва аз ин бошишгоҳ зиёда аз 10 ҳазор маснуотҳои асри санг ёфт

шудаанд. Бошишгоҳи мазкур чор қабати фарҳангӣ дорад ва дар баландии 4200 метр ҷойгир шудааст, ки яке аз қадимтарин бошишгоҳ дар баландтарин нуқтаи дунё ба шумор меравад [41, с.71].

Ҳамчунин, бостоншиносон бисёр ёдгориҳои дигари таърихиро ёфтаанд, ки ба давраҳои гуногуни таърихӣ мутааллиқ буда, қимати баланди сайёҳӣ доранд. Масалан, дар мағораи Шахта, ки дар бостоншиносӣ бо номи Грот Шахта маъруф аст, дар рӯйи санг бо ранги сурх расмҳое кашидаанд, ки онҳо қадимтарин тасвирҳои рӯи санг дар Осиёи Миёна мебошанд. Ин расмҳо дар баландтарин нуқтаи дунё 4200 метр аз сатҳи баҳр ба мерос монда, бостоншиносону муаррихон онҳоро ба давраҳои аввали неолит ё худ мезолит нисбат медиҳанд» [29, с.38-39]. Яъне, ин ёдгориҳо ба ҳазорсолаҳои VIII - V то эраи мо тааллуқ доранд ва таърихи 10-7 ҳазорсола доранд [59, с.83].

Қимати зиёдро барои рушди соҳаи сайёҳӣ - қабрҳою қурғонҳои зиёд, бозёфтҳои зиёди археологӣ, петроглифҳои Помири Шарқӣ, петроглифҳои Лангари ноҳияи Ишкошим, петроглифҳои Вибистдараи ноҳияи Шуғнон ва ғайра, ки аз ҳазорсолаи I-пеш аз мелод, аниқтараш аз асрҳои VIII-II пеш аз мелод, ки дар он вақт дар ҳудуди ҳозира ВМКБ яке аз қабилаҳои сакҳо-скифҳо (сакҳои ҳаумаварга) ҳаёт ба сар бурда, дар этногенезия ва таърихи этникии сокинони ВМКБ нақши калон бозидаанд, ки дар бораи захираҳои таърихӣ олимони зиёде маълумотҳо руйи қоғаз овардаанд [17; 20; 21; 24; 25; 51; 90], доранд. Азбаски сакҳо бо сакҳои Осиёи Марказӣ ва скифу-сарматҳои халқҳои славянию халқҳои Кавказ робитаи зичи таърихию-этногенезӣ доранд, барои ҷалб кардани ин халқҳо ба ҳайси сайёҳ ба ВМКБ ва муаррифи кардани ёдгориҳои давраи сакҳо ба онҳо аҳаммияти хосса дорад. Дар оянда байни ин халқҳо робитаҳои дигари фарҳангиро боз ҳам равнақу ривоҷ додан мумкин аст.

Дар асрҳои II-IV мелодӣ Бадахшон дар ҳайати давлати пуриқтидори Кушониён қарор гирифтааст. Кушониён дар таърихи Бадахшон нақши калон бозидаанд. Олимон муайян кардаанд, ки калонтарин қалъаҳои Бадахшон қалъаҳои Қаҳқаҳа, Ямчун ва баъзе

қалъаҳои дигар маҳз дар давраи Юнону Бохтар ва Кушониён сохта шудаанд. А.Н. Бернштам навиштааст, ки қалъаҳои Вахон, бахусус, Ратм, қалъаҳои Шохдараи боло (масалан, қалъаи Ҷавшангоз), қалъаҳои Ғунд (масалан, Ванқалъа) маҳз ба хотири аз ҳуҷуми сакҳои кӯчманчӣ худро муҳофизат кардан оғози бунёдашон ба давраи Юнону Бохтар рост меояду дар давраи Кушониён сохтмонашон ба авҷи аъло расидааст. Чунки дар аҳди Кушониён «Роҳи Абрешим» ба дараҷаи баланди тараққиёти худ расидааст. Аз он ҷумла, дар ин давра роҳҳои Абрешимии Вахону Шуғнон низ фаъол будаанд. Дар ибтидо роҳи асосии абрешим тавассути даштҳои калони шарқу шимол гузаштааст, ки даштҳои Помир (Мурғоби имрӯза) низ аз ҷумлаи онҳо буданд. Ташкил намудани хатсайрҳо бо роҳҳои зерин, низ барои рушди ин намуди сайёҳӣ хело таваҷҷуҳовар мебошад [73, с.54].

Нақши муҳимро дар рушди сайёҳии таърихию фарҳангии минтақа – сайёҳат тавассути Роҳи бузурги абрешимӣ дорад. Чи тавре, ки аз тадқиқотҳои баъзе олимон ва донишмандон бармеояд, аз ҳудуди Бадахшон дар замонҳои қадим ду роҳи бузурги тиҷоратӣ мегузаштанд. Яке роҳи бузурги абрешиму дигаре роҳи лоҷуворд. Ҳар дуи ин роҳ таърихи зиёда аз 5 то 3 ҳазорсола доранд. Роҳи Абрешим, ки дар шаҳри Дунхуани Чин ба ду қисм тақсим мешуд: яке аз шимол ба воситаи Қошғар ба Хуҷанду Уротеппа Самарқанду Бухоро ва Марв; дигаре аз ҷануб бо роҳи Ёрқанду Хутан низ ба Марв расида, сӯи кишварҳои абарқудрати Шарқу Ғарб равона мегашт [60, с.176]. Чуноне, ки аз таърихи пайдоиш ва рушди «Роҳи Абрешим» бармеояд, дар асрҳои миёна кишварҳои зиёди Шарқу Ғарб бо ин роҳ таърихи муштарак доштанд, бинобар ин, Роҳҳои кӯҳии абрешими Помирро барои сайёҳони ин кишварҳо ҳар чи бештар тарғибу ташвиқ кардан лозим аст.

Дар Бадахшон то кунун, қариб ки дар ҳар як деҳа зиёратгоҳҳои зиёди хурду калон боқӣ мондаанд, ки ҳамчун ёдгориҳои таърихӣ-фарҳангӣ барои ҷалби сайёҳон аҳамияти калон доранд. Аз ин лиҳоз,

зарурият на танҳо аз нигоҳи таърихию фарҳангӣ, балки –сайёҳӣ тадқиқи онҳо зарурият дорад.

То кунун дар ҳудуди минтақаи сайёҳии Бадахшон аз давраи Ҳукумати подшоҳии Русия ба гуфти мардуми маҳаллӣ «давраи Николай» як қатор ёдгориҳои таърихӣ-фарҳангӣ (аз қабили дидбонгоҳи Шоҷони н. Мурғоб, калисои хурд дар ш. Хоруғ ва ғ.) боқӣ мондаанд. Ҳамчунин, дар миёни мардум бисёр хотираҳо, қиссаҳои таърихӣ оид ба муносибатҳои байниҳамдигарии сарҳадбонони рус бо аҳолии маҳаллӣ боқӣ мондаанд. Бинобар ин, агар шуду масъала ҳар чӣ бештар дар дирар давлатҳо бахусус Русия тарғибу ташвиқ шавад, сайёҳони зиёди ин кишварро ба ин минтақаи Тоҷикистон ҷалб кардан мумкин аст.

Хуллас дар тули таърихи дуру дароз ба шарофати мавқеъ ва муҳити географии минтақаи сайёҳии Бадахшон бисёре аз хусусиятҳои хосси забонӣ, этникӣ, унсурҳои ҳаёти маънавӣ-маишӣ ва фарҳангии сокинони ин минтақа то замони мо беосеб маҳфуз монданд. Бесабаб нест, ки аксарияти олимони соҳаҳои гуногуни ҷомеашиносӣ ва табиатшиносӣ Кӯҳистони Бадахшонро ҳамчун «Осорхонаи зинда» муаррифӣ мекунанд. Ҳақиқатан ҳам минтақаи сайёҳии Бадахшон на фақат бо табиати бойу рангини худ, балки бо гуногунфарҳангии худ барои сайёҳон ва ҷаҳониён хеле ҷолиб аст.

Аз ин хотир, хусусиятҳои хосси таърихию фарҳангии сокинони минтақаи сайёҳии Бадахшон, омили ҷалб ва рушди сайёҳии таърихию фарҳангӣ буда, аз нуқтаи назари таъриху этнография хеле бой мебошад.

Яке аз хусусиятҳои хосси таърихию фарҳангии сокинони минтақаи сайёҳии Бадахшон, ки омили ҷалб ва рушди сайёҳии таърихию фарҳангӣ аст, ин гуногунзабонии сокинони ин минтақа аст. Дар ВМКБ аз лиҳози фарқиятҳои забонӣ ва лаҳҷавӣ қариб, ки ҳар як ноҳия (Дарвоз, Ванҷ, Рӯшон, Шуғнон, Ишкошим, Роштқалъа, Мурғоб) ва баъзан водиҳо (Язғулом, Бартанг, Хуф, Ғорон,) то ҳатто деҳаҳои алоҳида (Рошорв, Рин, Сумҷин, Ямг) забону лаҳҷаҳои хосси худро доранд. Масалан, сокинони ноҳияҳои Ванҷу Дарвоз, водии Ғорони ноҳияи Ишкошим ва сокинони

деҳаи Ямг бо забони форсӣ-дарӣ-тоҷикӣ гап мезананд, дар шакли талаффуз ва лаҳҷаи онҳо фарқиятҳои зиёд дида мешавад [152, с.168].

Муҳаққиқон муайян кардаанд, ки дар ноҳияи Ванҷ забони қадими ванҷӣ роиҷ будааст, ки яке аз шохаҳои забонҳо шарқии эронӣ будааст.

Забони шуғнонӣ аз калонтарин ва серистеъмолтарин дар байни забонҳои дигари помирӣ ба ҳисоб меравад. Қисми зиёди аҳолии Бадахшон бо ин забон гуфтугӯ мекунанд. Забонҳои шуғнонӣ ва дигар забонҳои помирӣ дер боз таваҷҷуҳи олимону сайёҳонро ба худ ҷалб кардааст.

Забонҳои помирӣ бисёр хусусиятҳои хосси таърихию-фарҳангии сокинони маҳаллиро дар худ ҳифз кардаанд. Бинобар ин, ин забонҳо барои ҷалб кардани сайёҳон ба минтақаи сайёҳии Бадахшон мусоидат мекунанд. Бисёр мутахассисони забоншиносӣ, этнолингвистҳо аз кишварҳои хориҷ ба Помир омада, забонҳои маҳаллиро мавриди омӯзиш қарор медиҳанд [57, с.8].

Хусусиятҳои хосси дигари таърихию фарҳангии сокинони минтақаи сайёҳии Бадахшон, ки омили ҷалб ва рушди сайёҳии таърихию фарҳангӣ аст, ин гуногунфарҳангии ин минтақа мебошад. Ҳар як ноҳия, водӣ ва ҳатто як деҳа метавонад ҳамчун объекти таърихӣ-фарҳангӣ-этнографӣ барои ҷалби сайёҳӣ ва рушди сайёҳии таърихию фарҳангӣ бошад. Ҳар як ноҳияи Бадахшон бо хусусиятҳои хосси фарҳангиаш аз ҳамдигар фарқ доранд. Аз сабаби дар пунбасти коммуникатсионӣ (изолятсияи)-и дуру дароз мондан, дар тули таърих сокинони ин ё он дара хусусиятҳои хосси этникии худро пайдо кардаанд. Масалан, дар дараи Язғулом язғуломиҳо, дар дараи Бартанг бартангиҳо ва рошорвиҳо, дар дараи Хуф хуфиҳо, дар дараи Апхарв риниҳо (ишкошимиҳо), дар дараи Шоҳдара шохдарагиҳо, дар Биҷондара сокинони Дарморахт, ва ғайраҳо хусусиятҳои хосси худро (аз қабили тарзи гуфтор, рафтор, дар иҷрои баъзе расму оинҳо, ҷиҳатҳои равонӣ) доранд. Баъзе аз ин сокинон ҳатто забонҳо ва шеваҳои алоҳида пайдо кардаанд. Масалан, муҳаққиқон Д.И. Эделман ва В.С. Соколова муайян

кардаанд, ки забони язғуломӣ аз забонҳои гурӯҳи шуғнонию рӯшонӣ ва забонҳои мунҷонию ишкошимӣ ба вуҷуд омадааст. В.С. Соколова исбот намудааст, ки забони язғуломӣ тақрибан дар ибтидои ҳазорсолаи аввали милодӣ аз забонҳои шуғнонию рӯшонӣ ҷудо шудааст [57, с.17].

Ҳамчунин, аз сабаби дар иҳотаи кӯҳҳои сарбафалак дар ҳар як дараю водӣ дар муддати дарози таърихӣ мондани ҳар як халқиятҳои майдаи Помир сабаби боқӣ мондани қадимтарин расму оинҳо гаштааст. Дар миёни халқиятҳои Помир то кунун нишонаҳои қадимтарини дину оинҳо парастиши хуршед (*хир, хур*) ва дигар ҷирмҳои осмонӣ, парастиши оташ, хок, об, бод (яъне чор нахустасос), парастиши дарахт, тасаввуротҳои анимистӣ, фетишизм, магия (сеҳру ҷоду), қисман тотемизм, дида мешавад.

Яке аз қадимтарин оинҳо оини меҳрпарастӣ ё парастиши нуру равшании Хуршед ба шумор меравад, ки то кунун дар аксарияти ноҳияҳои минтақаи сайёҳии Бадахшон дар шаклҳои гуногун нишонаҳои он боқӣ мондааст.

Як худи ҷашни Наврӯз дар ҳар як ноҳия, хусусиятҳои фарққунандаи худро дорад, ки барои сайёҳон хело диққатҷалбкунанда мебошад. Ҳоло ин хусуситяҳои фарққунандаро олимон фолклоршиносон ва мардумшиносон мавриди омӯзиш қарор додаанд. Аз тадқиқотҳои ин олимон бармеояд, ки бисёр расму оинҳои Наврӯзӣ аз байн рафтаанд. Бинобар ин, барои эҳё кардани онҳо ва дар оянда дар шакли намоишҳо, фестивалҳо ва ё карнавал нишон додани онҳо ба сайёҳони хориҷӣ аҳаммияти хосса дорад:

-таваҷҷуҳи сайёҳони зиёдро ҷалб менамояд ва мутаносибан ҳар чи бештар сокинони маҳаллиро ба кор ҷалб менамояд;

-таъриху фарҳанги ҷашн намоиш дода мешавад;

-дар робита бо намоиш додани расму оинҳои Наврӯзӣ, ҳунарҳои мардумӣ ба намоиш гузошта мешаванд;

-сурудҳои халқӣ, мусиқии анъанавӣ рақсу намоишҳои саънавӣ ба намош гузошта шуда, бо ин онҳо ҳифз шуда соҳаи санъат рушд меёбанд;

-бозиҳо ва мусобиқаҳои анъанавию муосир ташкил карда мешаванд.

Ҳамаи ин чорабиниҳо, аз як тараф, агар шуду тавақҷуҳи шумораи зиёдро ба худ ҷалб намуда, қисмати зиёди аҳолиро бо кор таъмин намояд, аз тарафи дигар, омили муҳими нигоҳдошту рушди сарватҳои таърихию фарҳангии минтақаи сайёҳии Бадахшон хоҳад гашт.

## 2.3. Ҷойгиршавӣ ва тавсироти ёдгориҳои таърихи антропологии минтақаи сайёҳии Бадахшон

Минтақаи сайёҳии Бадахшон яке аз минтақаҳои кӯҳӣ-таърихиест, ки ҳамчун осорхонаи зиндаи таърих, аз худ то кунун осори зиёди таърихиро боқӣ гузоштааст [74, с.39]. Ин минтақа аз ҷиҳати ёдгориҳои таърихӣ, амсоли ғорҳою бошишгоҳҳои давраи асри сангу биринҷ ва давраҳои баъдина, қалъаҳою дидбонгоҳҳои қаблазисломию баъд аз он, ёдгориҳои “Роҳи абрешим”, работу-корвонсаройҳо, бозорҳо, зиёратгоҳҳои қаблазисломӣ (аз қабили оташкадаҳо, дайри муғон ё буддоӣ), мазору остонҳои исломӣ-асримиёнагӣ, петроглифҳо аз аҳди биринҷ то охири асрҳои миёна, ёдгориҳои эпиграфии исломӣ ва дигар шаклу намуди ёдгориҳои таърихӣ, дар қисматҳои дунё машҳур аст.

Бостоншиносон ва муаррихон собит намудаанд, ки дар ҳудуди минтақаи сайёҳии Бадахшон ҳанӯз аз давраи асри санг аҳолӣ сокин будааст. Қадимтарин нишонаи асри санг дар Помири Шарқӣ дар Мурғоб бо номи бошишгоҳи “Ошхона” ёфт шудааст, ки таърихи 10-ҳазорсола дорад. Ҳамчунин, бостоншиносон бисёр ёдгориҳои дигари таърихӣ ёфтаанд, ки ба давраҳои гуногуни таърихи мутааликанд [83, с.87]. Яке аз онҳо тасвирҳои рӯйи санги Грот Шахта мебошад, ки ҳар сол садҳо сайёҳони дохилию хориҷӣ ба тамошои он ташриф меоваранд.

Дар мағораи Шахта дар рӯйи санг бо ранги сурх расмҳое кашидаанд, ки онҳо қадимтарин тасвирҳои рӯи санг дар Осиёи Миёна, дар баландтарии 4200 метр аз сатҳи баҳр ҷой гирифтааст, ба шумор мераванд. Ин ғор дар масофаи 40 км дар тарафи ҷанубу-ғарбии маркази ноҳияи Мурғоб ҷойгир аст. Ғор даромадгоҳи кушод дошта, дохили он

хушк ва рӯяш ба тарафи офтоббаро, яъне, ба шарқ мебошад. Паҳноии он дар даромадгоҳ 7,5 метр ва чуқурии он 6 метр мебошад. Ғор дар натиҷаи кафиши тектоникӣ ба вуҷуд омадааст. Дар калпи ғор 7- расм аст, 4-тои он каму беш то замони мо боқӣ мондаанд. Ин тасвирҳо дар сатҳи девори ҷанубии нимғора дар баландии 1,6-2 метр аз сатҳи замин кашида шуда, ҳамаи онҳо бо рангии табии сурх тасвир шудаанд [83, с.92]. Доир ба ин тасвирҳо Б. Ғафуров чунин навиштааст: «Тасвири одамони ба зери қаноти мурғон паноҳбурда, гурозҳо ва хирсҳо хеле хуб намоён аст. Ҳайвонҳо дар лаҳзаи захмӣ шудан аз тири шикорчиён тасвир шудаанд. Бино ба сабки нигориши ин суртаҳо, қазоват кардан мумкин аст, ки онҳо ба давраҳои аввали неолит ё худ мезолит муносибат доранд» [60, с.38-39]. Дар асл бошад, дақиқтар дар тасвирҳо нақши як одам бо ниқоби шутурмурғ як хуки ваҳширо шикор карданӣ аст. Дар баробараш хирс ва қутос тасвир ёфтаанд, ки дар бадани яке аз қутосҳо ду пайкони найза ва дар дигар тасвирҳо ҳам пайкони найзаҳо ба баданашон расидааст. Муҳаққиқон ин тасвирҳоро ба сеҳри шикорчигӣ ташбеҳ медиҳанд. Андозаи калонтарини тасвирҳо 85 см буда, бо баъзе нишонаҳо ба давраи палеолит низ шабоҳат доранд. Мавзеи мазкур хело диданибоб буда, дар сурати муҳаё намудани оддитарин шароити ташрифи сайёҳон, ва реклама, он ба мавзеи аҷоиби сайёӣ табдил хоҳад ёфт. Дар гирду атрофи ин ёдгорӣ намояндаҳои гуногуни флораю (гиёҳҳои гуногуни шифоҳбахш) фауна (теъдоди зиёди бузи кӯҳӣ, гӯспанди кӯҳӣ, суғур, гург, хирс) дида мешаванд. Ҳатто дар худи мағораи шахта мумиёи дар ҳолати таббиӣ мавҷуд буда, он низ омили муҳимтарини ҷалби сайёҳон маҳсуб мeёбад.

Тасвирҳои мағораи Шахта бори нахуст соли 1958 аз тарафи экспедитсияи бостоншиносон бо сардори бостоншиноси маъруф В.А. Ранов ёфта шуданд ва мавриди омӯзиш қарор дода шуданд. Дар натиҷа муайян шудааст, ки тасвирҳои мағораи Шахта мансуб ба маданияти неолити охир, ба ҳазорсолаҳои VIII-V то эраи мо тааллуқ доранд ва таърихи 10-7 ҳазорсола доранд. Чунин тасвирҳо аз санъати волои

одамони давраи асри санг ва тасаввуротҳои қадимтарини онҳо шаҳодат медиҳанд [11, с.56].

Дар айни ҳол ин мавзеъ барои сайёҳон дастнорас мебошад, зеро аз мавҷудияти оддитарин шароитҳо барои ташкили сайру гашт ва истироҳати сайёҳон маҳрум аст. Қобили қайд аст, ки ин гуна ёдгориҳо барои ҷалб намудани сайёҳон, рушд додани соҳаи сайёҳии таърихию фарҳангӣ хело манфиатнок мебошанд ва он барои рушди самараноки худ дастгирии давлатиро талаб менамояд.

Яке аз ёдгориҳои калонтарини таърихӣ-фарҳангӣ дар ҳудуди ин минтақа қалъаҳо ба шумор мераванд. Дар минтақаи сайёҳии Бадахшон қалъаҳои зиёд боқӣ мондаанд, ки калонтарини онҳо қалъаи Карон дар н. Дарвоз, Қаҳқаҳа ва Ямчун дар н. Ишкошим мебошанд. Ғайр аз ин, дар ноҳияҳои минтақаи сайёҳии Бадахшон боз қалъаҳои зиёд боқӣ мондаанд, ки маҳз ба тамошои онҳо ҳар сола шумораи зиёди сайёҳон ташриф меоранд [167, с.142]. Дар байни сайёҳон ва тамошобинон қалъаҳои мавҷуда таасуротҳои гуногунро ба амал мебиёранд.

Бовуҷуди мушкилотҳои мавҷуда бостоншиносон тамоми қалъаҳои Помирро аз рӯи вазифа ва аҳаммияташон шартан ба ду қисм ҷудо кардаанд. Якум «марказӣ» - яъне қалаъаҳои бузурги мустаҳками муҳофизатии аҳаммияти стратегидошта. Дуюм «музофотӣ» - ки барои муҳофизати маҳал хизмат мекарданд». Ба қалъаҳои қисми якум, қалъаҳои калони Вахон, Ямчун ва Қаҳқаҳа шомиланд [94, с.151].

Аз ин лиҳоз бо мақсади самаранок истифодабарии ин объектҳои муҳими таърихи бо мақсади рушди фаъолияти сайёҳӣ ва рекреатсия зарур шуморидем, ки барои намуна таърихи мухтасар ва аҳаммияти таърихию-сайёҳии се-чор қалъаро баррасӣ намоем.

**Қалъаи Қаҳқаҳа** – дар ноҳияи Ишкошим ҷойгир буда аз маркази ВМКБ шаҳри Хоруғ дар масофаи 115 км, аз маркази ноҳияи Ишкошим - дар масофаи 15 км дар самти ҷанубу шарқӣ дар баландии 2642 метр аз сатҳи баҳр воқеъ буда, мавқеи ҷойгиршавиаш чунин аст: Ш 36, 681, 39% Ш 071, 75 755 %.

Дар адабиёт бори нахуст оид ба ин қалъа соли 1838 олими аврупоӣ Ҷон Вуд хабар додааст. Баъдтар ин қалъа аз тарафи тадқиқотчиёни зиёд, аз ҷумла, Т.Е. Гордон (1873-1874), Олуфсен (1898-1899), Б.В. Станкевич (1900), А.А. Бобринской (1901), Н.Л. Корженевский (1903), А. Стейн (1915), А.Н. Бернштам (1947), А.Д. Бобоев (1958, 1960, 1961, 1962), А.Н. Зелинский (1962), М.А. Бубнова (1976, 1983) тадқик шудааст [40; 51; 83]. Дар натиҷа муайян гаштааст, ки ин қалъа дар асрҳои III пеш аз милод сохта шуда то асрҳои X-XI аниқтараш то интишорёбии дини ислом дар Бадахшон фаъолият доштааст [69, с.83;]. Сохтмони ин қалъа дар давраи давлати Юнону Бохтар оғоз ёфтааст.

Қаҳқаҳа яке аз калонтарин қалъаҳои минтақаи сайёҳии Бадахшон ба шумор меравад. Қалъа дар болои шахи калону баланд сохта шудаааст. Аз ин баландӣ манзараи зебои деҳаҳои гирду атрофи қалъа Вахони ҳар ду соҳил (Тоҷикистону Афғонистон) дида мешавад [167, с.142]. Аз ин хотир, баландии қалъа яке аз ҷойҳои қулайи тамошобоб барои сайёҳон мебошад. Дар ин нуқта метавонем намудҳои зиёди сайёҳиро аз қабили сайёҳии маърифатӣ, сайёҳии таърихию фарҳангӣ, сайёҳии этникӣ, сайёҳии зиёратӣ ва ғайраро ба роҳ монда минтақаи кӯҳистони Бадахшони Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар арсаи байналмилали муарифи намоем.

Ҳадафи сохтмони ин қалъа дар болои шахи баланд якчанд сабаб доштааст:

- **якум** қалъа бо мақсади мудофиа аз душман сохта шудааст. Ин қалъа яке аз калонтарин қалъаҳои мудофиавӣ ба шумор мерафт. Аз ин хотир, аз ҳар ду тарафи даромадгоҳ ба дараи Вахону Ишкошим қалъаҳою дидбонгоҳҳо сохта шудаанд. Ҳамчунин, дар дараҳое, ки ба Вахону Ишкошим пайваст мешуданду роҳҳои рафтуомад доштанд низ тӯпхонаҳою қалъаҳо месохтанд. Вобаста ба он ки ин қалъаҳою тӯпхона дар ҷойи мувофиқ (дар болои шахҳо ё теппаҳои баланд) сохта шудаанд, А. Д. Бобоев менависад; ба фикрам, онҳо барои қалъаҳои калони Ямчун ва Қаҳқаҳа ҳамчун дидбонгоҳҳо хизмат мекарданд [167, с.44]. Ин

қалъаҳою тӯпхонаҳо шабона тавассути оташ, рӯзона бо дуди сиёҳу ғавс аз омадани душман огоҳ месохтанд. Бахусус, аз тарафи ғарб дар рӯ ба рӯи қалъаи Қаҳқаҳа қалъачаи дидбонгоҳии Абхарв дар теппаи кӯҳии деҳаи Нуд будааст, ки аз омадани душман нозирони қалъаи Қаҳқаҳаро огоҳ кардаастанд. Ҳамчунин қалъаҳои хурд ҳуҷумҳои нахусти душманонро бар дӯши худ мегирифтанду ба қалъаҳои калони Қаҳқаҳа ва Ямчун имконият медоданд, ки барои муҳофизаташ қувва ҷамъ кунанд ва худро мудофиа намоянд. Масалан, қалъаи Ратм аз тарафи Шарқ аз самти Помири Шарқӣ, ки хатари ҳуҷуми кӯчманчиён, буд дар сари роҳи Харгӯши сохта шудааст. Қалъаи Рин аз тарафи Ғарб, қалъаи Абрешим аз даромадгоҳи воддии Шохдара сохта шудаанд.

Қалъаи Қаҳқаҳа ҳамчун қалъаи мудофиавӣ дар ҷойи ниҳоят қулайи стратегӣ сохта шудааст [18, с.99].

- **дуюм** қалъа дар ҷойи бехавфу хатаре сохта шудааст, ки аз офатҳои табби (селу тарма ва сангчарх) эмин мемонад;

**- сеюм** баландии қалъа барои назорат кардани рафтуомади одамон ва бахусус, барои назорат кардани корвонҳои «Роҳи Абрешим» хело қуллай буд, зеро ки аз баландии қалъа водии фарохдомани Вахон ҳамчун болои кафи даст, хуб намоён мебошад [115, с.134]. А.Н. Зелинский, дар бораи роҳҳои қадими Помир маълумот дода навиштааст яке аз роҳҳои ассосии корвонгузар ба воситаи Вахон мегузашт ва аз қалъаи Қаҳқаҳа онро назорат мекарданд. Ба ғайр аз ин, қалъа дар ҷое бунёд гардидааст, ки дар рӯ ба рӯи он аз тарафи Афғонистони кунунӣ аз тарафи Ҳиндукуш даромадгоҳ, яъне, роҳи кӯҳӣ мавҷуд буд, ки бо Ҳиндустон пайваст мешуд. Бинобар ин, қалъаи Қаҳқаҳа на фақат тамоми водии дарёи Панҷро назорат мекард, балки вай роҳеро, ки аз Ҳиндустон ба воситаи Ҳиндукуш ба Ишкошиму Вахон мебаромад ва сипас ба Помири Шарқию Чин мерафт назорат ва ба танзим медаровард [116, с.99]. Бояд қайд намуд, ки дар замони ҳозира барои ташкили хатсайрҳои дохилии сайёҳӣ, бахусус сайёҳии таърихӣ ин мавзеъ хеле қулай мебошад. Талабот нисбати тамошои ин қалъа ва шунидани таърихи он хело зиёданд. Бинобар ин

ташкили хатсайрҳои сайёҳӣ бо ин роҳҳои қадима дар замони ҳозира аз манфиат холи нест.

Ҳамчунин қалъаи Қаҳқаҳаи н. Ишкошими ВМКБ бо қалъаи Қаҳқаҳаи Истаравшани вилояти Суғд аз лиҳози меъморӣ (архитекторӣ) хеле монанд аст, вале онҳоро дар муқоиса бо ҳам ягон кас мавриди омӯзиш қарор надодааст. Ҳамчунин, аз сабаби як хел ном доштани ин ду қалъа низ ҷолиб аст. Чаро онҳо як хел ном доранд? Пас таърихи муштараки инҳоро ҷӯё шудан ва робитаи таърихии онҳоро барқарор кардан даркор аст, ва дар оянда мумкин аст, ки як хатсайри махсуси сайёҳии дохилӣ, таърихию фарҳангӣ ташкил шавад. Сокинони минтақаи сайёҳии Бадахшон метавонанд ба тамошои қалъаҳои Хатлону Суғд раванд, сокинони ин ду вилоят метавонанд ёдгориҳои тааърихию фарҳангии минтақаро дидан намоянд.

Мақсади сохтмони чунин қалъаҳо дар Помири Ғарбӣ дар ибтидо гирифтани роҳи ҳаракати сакҳо аз Помири Шарқӣ ба Помири Ғарбӣ будааст. Сабаби пайдоишу бунёди қалъаҳои калонро дар Помири Ғарбӣ асосгузори археологияи Помир А.Н. Бернштам чунин маънидод кардааст: «Дар асри III то эраи мо замоне, ки таҳдиди воридшавии кӯчманчиёни Помири Шарқӣ ба Помири Ғарбӣ зиёд гашт, зироаткорони Помири Ғарбиро водор сохт, ки қалъаҳои муҳофизатӣ бунёд созанд [20, с.285].

Сохтмони қалъаи Қаҳқаҳа ва Ямчун дар давраи Кушониён ва Ҳайтолиён ба авҷи аъло расидааст. Дар давраи Кушониён ва Ҳайтолиён тавассути ин гуна қалъаҳо ҳаракати корвони «Роҳи Абрешим»-ро назорат мекардаанд. Чуноне ки муҳаққиқ А.Н. Зелинский оид ба гузаштани “Роҳи абрешим” аз худуди Вахон нигоштааст: «Роҳи абрешим аз Балх ба Вахон вуҷуд дошт. Аз Тошқурған ба Вахон бошад, се роҳи Абрешим дохил мешуданд, ки ду тояшон дар деҳаи Лангаркишт бо ҳам пайваст мешуданд. Як роҳ аз Лангар ба даромадгоҳи Сарҳади Вахон пайваст шуда, тавассути Сарҳади Вахон ба Помири Хурд ва Бруғели Покистон мебаромад. Роҳи дигар аз Лангар қад-қади соҳили дарё ба

поён за пеши қалъаи Қаҳқаҳа гузашта, ба Султони Ишкошим мебаромад, сипас аз онҷо ба Баҳораку Файзобод пайваст мешуд. Хулоса қалъаи Қаҳқаҳа дар назорат кардани Роҳи абрешим нақши калон бозидааст [116, с.113].

Барои ҷалби сайёҳон ва рушди сайёҳии таърихию фарҳангӣ ривоятҳое, ки доир ба ин қалъаҳо боқӣ мондаанд, аҳаммияти хосса доранд. Ривоятҳо ҳамчун як жанри нисбатан фаъоли насри шифоҳии фолклорӣ барои муайян кардани хусусияти иттилоотии сокинони маҳаллӣ хизмат мекунанд. Дар бештари ривоятҳо сухан дар бораи ҳамон мавзеъҳо ва шахсоне гуфта мешавад, ки онҳо дар назари мардум ғайри муқаррарӣ менамоянд. Мардум кӯшиш мекунад, таърихи гузаштагони худ ва арзишҳои иҷтимоию маънавии хешро донад ва арҷгузорӣ намояд. Аз ин хотир, ривоят як пораи таърихи шифоҳист, ки гӯянда онро бо эътимоду эҳтиром ва ифтихор ҳамчун маълумоти муҳимме ба дигарон нақл мекунад ва он ҳамчун сарчашмаи муътамади маълумот дар бораи ин ё он объект ё шахсият барои мардум арзиши калон дорад.

Бояд гуфт, ки доир ба қалъаи Қаҳқаҳа ҳокими ин қалъа, мақсади сохтмони он ва дигар хусусиятҳои он ривоятҳои зиёде мавҷуданд. Бинобар ин ҳангоми тартиб додани матни сайёҳат барои сайёҳон истифода намудани ривоятҳои мавҷуда хело муҳим ва барои рушди фаъолияти сайёҳӣ аҳамиятнок мебошад.

Дар минтақаи сайёҳии Бадахшон то ҳанӯз ҳатто сайёҳии дохилии таърихию фарҳангӣ дар хатсайри қалъаҳои минтақа ва умуман байни ноҳияҳо ташкил карда нашудааст.

Қалъаи Қаҳқаҳа мазор ва осорхонаи назди он як тамошоҷойи комплексии сайёҳӣ ба шумор меравад, ки дар оянда дар рушди сайёҳии таърихию фарҳангӣ нақши калон хоҳад бозид, зеро ки ин ёдгориҳо ёдгориҳои муҳимӣ фарҳангӣ-маърифатӣ ба шумор мераванд. Дар назди қалъаи Қаҳқаҳа аз тарафи шимол аниқтараш аз тарафи чапи роҳи мошингарди Хоруғ-Ишкошим дар даруни боғ зиёратгоҳи Шоҳи Мардон ва Осорхона аст [49, с.74; 72, с.42].

Бояд гуфт, ки ин Осорхонаро сокинони деҳаи Намадгут ва деҳаҳои гирду атрофи он дар шакли ҳашарчигӣ солҳои 90-уми қарни гузашта дар шакли хонаи урфии Бадахшони сохтаанд. Ин хона хеле хуб бо услуби хосси маҳаллӣ нақшу нигор ва кандакорӣ карда шудааст. Дар осорхона асбобу анҷоми рӯзгори қадимии сокинони маҳал, бозёфтҳои бостонӣ, сангҳои қиматбаҳо ва ғайра ҷамъоварӣ ва ба намоиш гузошта шудаанд. Дар ин осорхона зиёда аз 500 нигора маҳфуз аст. Дар осорхона қисме аз нигораҳо бозёфтҳои археологӣ мебошанд, ки бошандагони ин деҳа аз маҳаллӣ худ ёфтаанд. Қисми дигари нигораҳо, асбобу анҷоми рӯзгори қадими мардум нигораҳои этнографӣ мебошанд, аз қабили дастгоҳи гилембофӣ, дастгоҳи палосбофӣ, асбобу анҷоми шикорчиён, чорводорон, зироаткорон, ҳунармандон ва ғайра. Дар осорхона, ҳамчунин, либоси анъанавӣ ва ороишоти занона ба намоиш гузошта шудааст. Дар як гӯшаи осорхона таърихи қалъаи Қаҳқаҳа бо ба намоиш гузоштани аксҳои қалъа, таърихи деҳаи Намадгут, номгуйи ёдгориҳои таърихии деҳа, асбобҳои мусиқӣ ба намоиш гузошта шудаанд. Ҳар яки ин нигораҳо барои баланд бардоштани сатҳи фарҳангии маърифати мардум хизмат намуда, барои соҳаи сайёҳӣ қимати баланд доранд.

Таърихи қалъаи Қаҳқаҳа бо таърихи қалъаи Ямчун робитаи зич дорад. Бинобар ин, ҳангоми муаррифӣ кардани қалъаи Қаҳқаҳа барои сайёҳон бевосита ба таърихи қалъаи Ямчун онро вобаста мекунанд ва сайёҳон барои дидани қалъаи Ямчун мутаваҷҷеҳ мешаванд. Аз ин хотир, таърихи ин ду қалъаро дар ҳамбастагӣ бо ҳам ба сайёҳон баррасӣ кардан лозим аст [167, с.146]. Мо низ дар инҷо зарур шуморидем, ки таърихи ин ду қалъаи калонтарини ВМКБ-ро дар ҳамбастагӣ бо ҳам баррасӣ намоем.

**Қалъаи Ямчун** – дар баландии 3164 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир аст. Мавқеи ҷойгиршавиаш Ш 36, 97, 079 % Ш 072, 25 967 % тибқи тадқиқоти А. Стейн (соли 1915) даромадгоҳи қалъа , ки аз тарафи деҳаи Ямчун аст, дар нишемангоҳи кӯҳи дар баландии 2910 метр аз сатҳи баҳр оғоз ёфта,

миёнаи қалъа ба 3180 метр буда, нуқтаи баландтаринаш дар диж (цитадел) ба 3200 метр баробар будааст [115, с-121].

Ин қалъа дар қисмати шарқию шимолии ноҳияи Ишкошим дар масофаи 178 км аз маркази маъмурии ВМКБ шаҳри Хоруғ ва аз маркази ноҳияи Ишкошим дар масофаи 72 км қарор дорад. Вақте ки аз самти Хоруғ ба тарафи Ишкошим ҳаракат мекунанд, бо тамом шудани деҳаи Туғгоз ва даромад ба деҳаи Ямчун дар назди руди начандон калони Вичкут ба тарафи рости хамгашт гашта ба боло мебароянд. Дар инҷо нафақат қалъа, балки яке аз беҳтарин чашмаҳои шифоҳбахши Бадахшон чашмаи Биби Фотимаи Заҳро, истироҳатгоҳи тиббӣ, меҳмонхонаҳо арзи вуҷуд доранд. Сайёҳон дар ин ҷо имконияти ҳам аз чашма табобат гирифта истироҳат карданро доранд ва ҳамчунин, аз баландиҳои теппаи кӯҳии чашма ва бахусус, аз баландии қалъа манзараҳои зебои фароху васеъи Вахони ҳар ду соҳилро (Вахони Тоҷикистону Афғонистон)-ро тамошо кунанд. Вобаста ба обектҳои мавҷуда дар ин минтақа ба роҳ мондани сайёҳии таърихию фарҳангӣ, сайёҳии табобатӣ, сайёҳии маърифатӣ ва ғайраро аз манфиат холи нет.

Хуллас, ин як ҷойи зебо барои сайёҳон барои тамошои манзараи Вахон аст. Ҳамчунин, аз ин баландӣ тавассути дара то ба қуллаи кӯҳии ин ҷо баромадан мумкин аст, ва ин ҳудуд табиатипурасрори хоси худро дорад. Аз хамгашти деҳа то баромадан ба қалъа 7-8 км роҳи мошингард вуҷуд дорад, ки он ба талаботи замон ҷавобгӯ нест.

Қалъа аз се қисмати калон иборат аст. Қисмати якум аз ҳама поён каме болотар аз деҳаи Ямчун аз тарафи шимол дар бари кӯҳ ҷойгир аст. Аз онҷо дарвозаи даромад ба қалъа доштааст. Қисмати дуюм қисмати миёнаи қалъа, ки нишебии қалъаро дар бар гирифта, аз тарафи ҷануб ва ғарб девор карда шудаст. Масоҳати ин қисмати қалъа аз шимол ба ҷануб 450 метр ташкил мекунад. Деворҳояш дидбонгоҳҳою манораҳои гирдшакл дорад. Дар баробари ин қисмат, аз тарафи шарқ дар болои шахи баланди камоншакл қалъаи дигар сохта шудааст, ки он қалъаро қалъаи Зулхомор (ки гӯё хоҳари Қаҳқаҳа, Зангибор будааст) хеле

моҳирона сохта шудааст. Ҷолибияташ ин аст, ки онро чи хел дар болои шахи баланд айнан тибқи қолаби шах сохтаанд ва девор кардаанд. Ақли кас намерасад, ки онро чӣ хел девор кардаанд, ки ин яке аз ҷаззобияти хос барои сайёҳон ба шумор меравад.

Қисмати сеюми қалъаи Ямчун дар боло аст, ки шакли секунҷашакл дорад. Баъзеҳо онро диж (цитадел) (яъне, дар он ҷое, ки иқоматгоҳи ҳоким аст) меноманд.

Қалъа аз санг ва хишт сохта шудааст. Дар қисмати сеюмаш дар як ҷой баландии девор то 9 метр боқӣ мондааст. 9-то дидбонгоҳи доирашакл дорад. Қалъа дар ҷойе сохта шудааст, ки аз ду тарафи он ду рӯди кӯҳӣ мегузаранд: рӯди Вичкут ва рӯди Ямчун. Бо таъсири оби онҳо ва боду борон баландии табиие пайдо шудааст, ки нишебиҳои хеле калону чуқур дошта, ҳангоми ҳамла овардан аз ин тарафҳо ба қалъа баромадан тамоман ғайриимкон аст. Қалъа дар ҷойи ниҳоят қулайи стратегӣ сохта шуда яке аз калонтарин қалъаи фортификасионӣ (истеҳкомӣ) ба шумор меравад.

Аз лиҳози мавқеи географӣ, шаклу намуди сохтмони қалъа бармеояд, ки ин қалъа яке аз калонтарин қалъаҳои мудофиавӣ будааст. Муҳаққиқон муайян кардаанд, ки аз ҳар ду тарафи даромадгоҳ ба дараи Вахону Ишкошим қалъаҳою дидбонгоҳҳо сохта шудаанд. Ҳамчунин, дар дараҳое, ки ба Вахону Ишкошим пайваст мешуданду роҳҳои рафтуомад доштанд низ, тӯпхонаҳою қалъаҳо сохтаанд. Онҳо барои қалъаҳои калони Ямчун ва Қаҳқаҳа ҳамчун дидбонгоҳҳо хизмат мекарданд. Ин қалъаҳою тӯпхонаҳо шабона тавассути оташ, рӯзона бо дуди сиёҳу ғафс аз омадани душман нозирони қалъаи Ямчунро огоҳ месохтанд. Ҳамчунин, қалъаҳои хурд ҳуҷумҳои нахусти душманонро бар дӯши худ мегирифтанду ба қалъаҳои калони Қаҳқаҳа ва Ямчун имконият медоданд, ки барои муҳофизаташ қувва ҷамъ кунанд ва худро мудофиа намоянд.

Дар адабиёт бори нахуст оид ба ин қалъа соли 1838 олими аврупоӣ Ҷон Вуд хабар додааст [115, с.120]. Олими дигари аврупоӣ Т.Э. Гордон

соли 1877 аз он ёдоварӣ карда, дар асоси ривоятҳои мардумӣ онро ба оташпарастон (аниқтараш Замри оташпараст) нисбат додааст [31, с-20]. Нисбатан муфассал доир ба ин қалъа олимон А.А. Бобринской (1908), А.Н. Бернштам (1997), А.Д. Бабаев (1973), М.А. Бубнова (2008, 1997) ва дигар тадқиқотчиён [17; 21; 24; 25; 31; 90;] маълумот додаанд. А. Стейн ҳамчун нахустин бостоншиноси касбӣ аввалин шуда, нақшаи қалъаро хеле моҳирона ва дақиқ кашидааст, ки тамоми тадқиқотчиёни баъдина онро истифода бурдаанд [83, с.62]. А.Н. Бернштам аввалин шуда майдони умуми қалъа, шумораи бурҷҳои тирандозӣ, намуди бурҷҳо, андозаи девор ва роҳравҳои тирандозӣ, андозаи хиштҳоро мувофиқ ба талаботҳои археологӣ таҳқиқ намудааст [90, с.279].

Дар натиҷа муайян гаштааст, ки ин қалъа дар асрҳои III-пеш аз мелод сохта шуда, то асрҳои VI-VII ё шояд то асрҳои X-XI то интишорёбии дини ислом дар Бадахшон фаъолият доштааст. А. Н. Бернштам дар он ақида будааст, ки қалъаи Ямчун қабл аз Қаҳқаҳа сохта шудааст ва маркази Вахон будааст ва бунёди онро ба давраи Парфия мутааллиқ донистааст. Баръакс, А. Стейн бунёди ин қалъаро баъд аз Қаҳқаҳа мешуморад [51, с.223].

Сохтмони ин қалъа дар давраи давлати Юнону Бохтар оғоз ёфтааст. Мақсади сохтмонаш дар ибтидо гирифтани роҳи ҳаракати сакҳо аз Помири Шарқӣ ба Помири Ғарбӣ будааст. Баъдтар сохтмонаш дар давраи Кушониён ва Ҳайтолиён ба авҷи аъло расидааст. Дар давраи Кушониён ва Ҳайтолиён тавассути ин гуна қалъаҳо ҳаракати корвони «Роҳи Абрешим»-ро назорат мекарданд. Дар миёни сокинони н. Ишкошим то кунун ривоятҳое оид ба қалъаи Ямчун боқӣ мондаанд [49, с.71].

Бояд гуфт, ки ин ривоятҳо ҳам дар шакли шифоҳӣ ва ҳам дар мақолаҳо ва адабиётҳо дарҷ гаштаанд. Вале мутаасифона истифодаи онҳо дар соҳаи сайёҳӣ ва ҷалби сайёҳон то кунун пура ба роҳ монда нашудааст.

Қалъаи Ямчун ҳамчун калонтарин ёдгории таърихии Тоҷикистон дар баробари 7 ёдгории дигари маъруфи Тоҷикистон дар ЮНЕСКО ба сифати «Ёдгориҳои роҳи Абрешим» ба қайд гирифта шудааст. Соли 2016 дар ин қалъа гурӯҳи бостоншиносон бо роҳбарии академик Ю. Яъқубов ҳафриёт гузарондаанд. Дар бахши марказии қалъа дар диж дар натиҷаи поккорӣ як толор масоҳаташ 10 х 10 ва ду хона эъмор шуданд. Ин гурӯҳ муайян кардаанд, ки қалъа ҳамчун паногоҳ истифода бурда шудааст ва бо танаффус чанд бор маскуни одамон гардидааст. Қалъаи Ямчун ҳеҷ вақт ҷойи шоҳнишин набудааст ва он танҳо характери мудофиавӣ, ҳимоявӣ доштааст [77, с.74].

Аз тарафи ғарбии қалъа деҳаи Вичкут аст, ки як қисмати аҳолии он аз авлоди Мир Малик Буға ҳастанд. Малик Буға замоне дар водии Шохдара ҳоким будааст ва дар деҳаи Бидеҷи ин водӣ то кунун қалъае ба номи ӯ аст. Сипас, ӯ аз Шохдара ба пеши мири Вахон омадааст ва аз сабаби хизмати шоён ба мир кардан замини Вичкутро ба ӯ ва насли ӯ додаанд. Қисмати дигари аҳолии Вичкут аз деҳаҳои ҳамсояи Вахон дар инҷо сокин шудаанд. Поён аз қалъа деҳаи Ямчун аст. Аз тарафи ҷанубу ғарб деҳаи Туғгоз аст.

Сокинони деҳаи Туғгоз, Вичкут ва Ямчун вахӣ-вахонӣ ҳастанд ва ба мисли дигар сокинони Вахон таъриху фарҳанги бой доранд. Бисёр хусусиятҳои хосси фарҳангии худро дар шаклҳои гуногун ҳифз кардаанд. То кунун дар хонаҳои урфии онҳо асбобу анҷомҳои қадими рӯзгор (этнографӣ), китобҳою дастхатҳои бо алифбои форсӣ боқӣ мондаанд. Дар миёни сокинон мардони ҳунарманде ҳастанд, ки маҳсулотҳои гуногуни сайёҳӣ истеҳсол менамоянд, яъне, ба хонасозӣ, оҳангарӣ, кандакорӣ, сабадбофӣ, тайёр кардани асбсобҳои гуногуни рӯзгор машғуланд. Ҳунарҳои занона аз қабили тоқидӯзӣ, ҷӯроббофӣ, сабадча (сиптак)-бофӣ, муҳрабофӣ, гулдӯзӣ дар миёни сокинони ин деҳаҳо маъмул аст. Шахсони алоҳида ҳунари овозхонӣ, сарояндагӣ, рубобнавозӣ ва навохтани дигар созҳоӣ мусиқӣ анъанавӣ доранд. Рақсҳои хуби анъанавӣ иҷро мекунанд. Либосу ороишоти хосси

анъанавӣ доранд. Занони деҳа таомҳои гуногуни анъанавӣ, ки аз лиҳози экологӣ тоза ҳастанд, тайёр кардан метавонанд.

Чуноне ки дар боло зикр намудем, дар баробари қалъаҳои калони минтақаи Бадахшон, инчунин, як қатор қалъаҳое низ ҳастанд, ки онҳоро қалъаҳои музофотӣ (маҳаллӣ) меноманд. Таърихи пайдоиш сохтмон ва вазифаҳои ин қалъаҳо низ бо қалъаҳои калони ВМКБ Ямчун ва Қаҳқаҳа робита доранд. Бинобар ин, дар баробари қалъаҳои калон, қалъаҳои хурди музофотӣ низ барои ҷалби сайёҳ ва рушди сайёҳии таърихию фарҳангӣ аҳаммияти калон доранд. Дар Бадахшон қалъаҳои музофотӣ хеле зиёд ҳастанд. Вале дар рисолаи мазкур банда барои намуна фақат таърихи мухтасари ду қалъаи музофотӣ Абрешимқалъаи н. Ишкошим ва Кофирқалъаи Сучони н. Шуғнонро баррасӣ карда шуданд, зеро онҳо барои рушди фаъолияти сайёҳӣ нақши хеле калон бозӣ намуда тартиб додани онҳо ба маҳсулоти пурқиммати сайёҳӣ имруз яке аз вазифаҳои муҳими на танҳо кормандони масҳули соҳа, балки роҳбарияти вилояту ноҳияҳо ва ҷумҳурӣ маҳсуб меёбад.

**Абрешимқалъа** яке аз ёдгориҳои таърихии деҳаи Зонги н. Ишкошим мебошад. Доир ба ин қалъа олимони зиёди машҳур маълумот додаанд.

Яке аз вазифаҳои муҳимми таърихнигорону бостоншиносон ва кишваршиносони муосир ин аниқ муайян кардани санаи бунёди Абрешимқалъа ва аз фаъолият бозмондани он аст. Кишваршинос А. Қурбоншоев навиштааст, ки ин қалъа дар асрҳои II-I пеш аз мелод дар замони Зардуштиҳо сохта шудааст ва такя бар ривоятҳо такя мекунад. [49, с.78].

Диққати махсусро барои сайёҳон зарфи аз гил сохташуда, зарфчаҳоюю тағорачаҳои аз дохили Абрешимқалъа ёфташуда, ки таҳти аломати савол (?), яъне, тахминан ба давраҳои асримиёнагӣ мутааллиқ донистаанд, доранд. М.А. Бубнова Абрешимқалъаро ба асрҳои IX-XII мансуб дониста, дар харитаи ёдгориҳои таърихии ВМКБ

Абрешимқалъаро бо номи маҳаллаи истеҳкомӣ (таҳти №17) ба ёдгориҳои таърихии асрҳои IX-XV мутааллиқ донистааст [17, с.99].

Мавқеъи географии Абрешимқалъа дар тарафи чапи дарёи оби Диргив (*вхн.* мумкин аз калимаи даргов гирифта шуда, яъне, даромадгоҳи рӯди кӯҳии Зонг) (шохоби рости дарёи Панҷ) дар баландии теппае (2900 метр аз сатҳи баҳр), дар шимолу ғарб, ки аз се тарафаш роҳи гузар надорад, дар шохаи кӯҳии силсилакӯҳи Вахон воқеъ буда, масоҳати 1200-1300 метри квадратиро ишғол мекунад. Аз роҳи чапи мошингардии Хоруғ - Лангар дар масофаи зиёда аз 3 (се) километр дар баландӣ ҷойгир аст. Масоҳати 1200-1300 метри квадратиро ишғол кардааст. Масоҳати қалъа ба монанди мунҳариф (трапетсия) сохта шуда, дарозии тарафи ҷанубии қалъа 60 метр, тарафи шимолӣ 56 метр ва паноҳии тарафи ғарбии қалъа 30 метр, паҳноии тарафи шарқӣ 22 метро ташкил дода, масоҳати 1508 метри квадратиро ишғол кардааст.

Тибқи маълумотҳои шифоҳии сокини деҳаи Зонг Ширинбеков М. ҳокимони Абрешимқалъа барои бо оби ошомиданӣ таъмин намудани бошандагони ин қалъа диққати махсус дода, аз рӯди кӯҳие, ки аз бари қалъа гузашта буд, истифода намебурданд. Дусад метр поёнтар аз тарафи рости қалъа чашмае дорои оби мусаффое воқеъ будааст. Аз қалъа то ба ин чашма роҳи зеризаминӣ (обдузд) сохта шудааст, ки осори боқимондаи ин иншоот то давраи мо омада расидааст. Мутаассифона, аниқ маълум нест, ки дар давраи кадом ҳокимон ин «обдузд» сохта шудааст. Бунёд ёфтани қалъаро чуноне ки дар боло қайд кардем, муҳаққиқон аз давраи Кушониён ва фаъолияти онро то миёнаи асрҳои миёна маҳсуб медонанд [49, с.134]. Аз сабабе, ки дар Абрешимқалъа ягон намуди иншооти обтаъминкунӣ вуҷуд надоштааст, чашмаи поёни қалъа ягона манбаи обтаъминкунии Абрешимқалъа ба ҳисоб мерафтааст. Ин роҳи зеризаминӣ дар давраи ҷангу набардҳо ягона роҳи махфӣ барои обгирӣ ва дигар мақсадҳо истифода бурда мешудааст. Мутаасифона, истифодаи ин обект дар шароити ҳозира ҳамчун маҳсули сайёҳӣ, махсусан сайёҳии байналхалқӣ ба мақсад мувофиқ нест, зеро ягон

шароит барои ташкил ва гузаронидани хатсайрҳои сайёҳи дар ин ҷо мавҷуд набуда, баъзе аз хатсайрҳои барои сайёҳон пешниҳодшуда барои ташкили сайёҳати сайёҳон хатарнок мебошад.

Дар бораи намуди зоҳирии Абрешимкалъаро таърихнигори маҳаллӣ А. Қурбоншоев чунин навиштааст: «Бинои қалъа чоркунҷа буда, аз 50 ҳуҷра ва деворҳои харобшуда (дар баъзе ҷойҳояш ҳанӯз 3-4 метр баландӣ боқӣ мондааст) иборат будааст. Қисме аз деворҳо аз сангҳои суфта бе истифодабарии лой чинда шудааст. Қисми дигари он, махсусан деворҳои баланд аз даруну берун лойкорӣ шудаанд, ки то ҳанӯз ҳам боқӣ мондаанд. Дар гирду атрофи қалъа ва даруни он қабрҳои аз ҳад зиёд вайроншуда мавҷуданд, ки шояд ба кадом ҷанге марбут бошанд» [49, с.68]

Шаклан деворҳо хеле борикан‌д (то 80 см), баландиашон то 3,1 метр. Дар қисмати болоии онҳо сӯрохиҳо боқӣ мондаанд, ки ба тиркашҳо монанд ҳастанд. Андозаи деворҳои берунӣ: девори ҷанубӣ -44 м, шимолӣ -32,5 м, ғарбӣ -25,5 м, шарқӣ (якҷоя бо бинои чоркунҷашакл дар пешаш) - 17,8 м. Ҳавлии қалъа аз хонаҳои истиқоматии хурду калон иборат аст. Деворҳои дохилӣ нимметрӣ ғафсӣ доранд, баландиашон аз ним метр то дувуним метр аст [18, с.78].

Қалъаҳои мазкур дар ҷойи мувофиқ (дар болои шаххо ё теппаҳои баланд) сохта шуда, ба фикри бостоншиносон баъзе аз ин қалъаҳо фақат барои горнизони хурд (барои як чанд посбон) сохта шудаанд. Масалан, қалъаи Рин, ки аз ду-се ҳуҷра иборат будааст, ба ин намуд дохил мешавад. Баъзе қалъаҳо, баръакс, барои посбонҳои зиёд сохта шудаанд, масалан, қалъаи Ратм ва Абрешим, ки аз хуҷраҳои зиёд иборат будаанд [17, с-80]. Дар асл то кунун доир ба ном, вазифа ва санаи бунёди ин қалъаҳо як хулосаи аниқ надоранд ва ин ёдгориҳои муҳимми таърихӣ дар оянда низ таҳқиқталаб мебошанд. Вале барои ҷалби сайёҳон, рушд додани сайёҳии таърихию фарҳангӣ қалъаи Абрешимро бо таърихи «Роҳи абрешим» ҳатман алоқаманд кардан лозим аст ва он самараи сайёҳиро дар минтақаи сайёҳии Бадахшон зиёд мегардонад.

Яке аз қалъаҳои дигари «Музофотӣ» Кофарқалъаи Сучони н.Шуғнон мебошад, ки он низ дар маркази таваҷҷуҳи сайёҳони дохилу хориҷи кишвар қарор доранд.

Чуноне ки дар боло зикр намудем яке аз сабабҳои бунёди қалъаҳо ва корвонсаройҳо, ин албатта, гузаштани роҳи бузурги абрешим аз ҳудуди Помири Ғарбӣ буд. Чуноне ки муҳаққиқ А.Н. Зеленский нигоштааст: «Ба воситаи Шуғнон роҳи асосӣ аз Шарқ (Сариқул) ба Ғарб (Балх) мегузашт, ки он яке аз шохаи роҳҳои корвонгузари ВМКБ буд» [116, с.99-119].

Мувофиқи ақидаи бостоншиносон Кофарқалъаи Сучони ноҳияи Шуғнон ҳамчун қалъаи муҳофизатӣ (дар даромадгоҳи водии Ғунд аз поён) ва назоратии корвони тиҷоратӣ арзи вуҷуд дошт. Ин қалъа дорои манораю дидбонгоҳҳои зиёд буда, дар ҷойи ниҳоят қулайи барои қалъасозӣ дар болои хоросанги баланде сохта шудааст, ки тамоми гирду атроф аз болои он назорат кардан мумкин аст. Ҳамчунин, ҳангоми аз дур намоён шудани лашкар посбонони қалъа оташ афрӯхта, бо дуди он дигар дидбонгоҳҳою қалъаҳоро аз омадани душман огоҳ мекарданд. Дар вақтҳои муқаррарӣ аз мавзеи кӯҳи Нидо мардумро барои ҷамъомадҳо, гузаронидани ҷашну бозиҳои анъанавӣ нидо (даъват) мекарданд [93, с.87].

Тибқи маълумотҳои шифоҳӣ, замоне ки Кофарқалъаи Сучон мавқеашро аз даст дод, теъдоди аҳолии Сучон кам шудааст ва азбаски Сучон дар роҳи корвонгузар воқеъ буд, бисёр вақтҳо душманони раҳгузар аҳолиро ба асорат гирифта чун ғулом мефурӯхтанд. Барои ҳамин аҳолии маҳаллӣ ҳангоми киштукор ва ҳосилғундорӣ ягон касро ҳамчун назоратчии роҳ болои харсанги қалъа таъйин мекарданду дигарон ба киштукор машғул мешуданд. Аз тарафи деҳа баромадан ба Кофарқалъа аз сабаби шахи бисёр калону баланд доштанаш тамоман ғайриимкон аст. Ривоятҳое ҳастанд, ки сокинони Боғев барои дифои худ дар ин қалъа сукунат доштанд ва ба воситаи нил (қубури аз маҳсулоти чӯбӣ) аз кӯҳи муқобилаш – Шивдара обро ба қалъа пайваст мекардаанд.

**Дидбонгоҳҳо.** Дар баробари қалъаҳои хурду калон мавқеи муҳимро барои сайёҳон дидбонгоҳҳои ВМКБ, ки дар миёни мардум бо номи қалъачаҳо ва тӯпхонаҳо боқӣ мондаанд, доранд. Албатта, дар тамоми ҳудуди минтақаи сайёҳии Бадахшон тӯпхонаҳо хеле зиёданд, зеро ки онҳоро дар ҳар води аз даромадгоҳи водӣ сар карда, то баромадагоҳаш дар баландиҳо сохта мешуданд. Масалан, дар дараҳои Шоҳдара, Ғунд, Ишкошиму Вахон дар ҷойҳои намоён тӯпхона ё қалъа месохтанду ҳангоми хатар таҳдид кардан, ҳамдигарро рӯзона бо дуди ғафсу, шабона бо оташ огоҳ мекарданд.

Тӯпхона дар шакли на он қадар калони хоначаҳои чоркунҷашакл одатан 2м х 2м ё аз он калонтар сохта мешавад. Дар деворҳои тӯпхона бо сангҳо тирезачаҳо (тиркашҳо) месозанд, ки тавассути ин тиркашҳо назорат мекарданду ҳангоми зарурият ба воситаи онҳо бо камон ё *пилтасан* (камони пилтагӣ) тир мекушоданд.

Дар деҳаи Зонги ноҳияи Ишкошим дидбонгоҳе боқӣ мондааст, ки сокинони маҳаллӣ онро Хамчқалъа меноманд, ба он хотир ки ин қалъа аз рӯи мавқеи географиашон дар назди «хамчи» (*вхн.*) (пастхамӣ (*тоҷ.*) ҷойгир аст. Бостоншинос М.А. Бубнова бошад, онро манора - дидбонгоҳ (тӯпхона) номидааст ва навиштааст, ки тӯпхона 500 м. болотар аз маҳалли истеҳкомдор (Абрешимқалъа) ҷойгир аст [90, с.280].

Бояд зикр кард, ки Абрешимқалъа, Хамчқалъа (тӯпхона) ва маҳаллаи истеҳкомии Дирчубғаш – Қрчабуқ дар теппаи баланди кӯҳӣ ҷойгиранд, ки аз онҳо тамоми водии фарохдомани Вахон ҳамчун болои кафи даст, хуб намоён мебошад [115, с.132]. Бинобар ин, мавзеъ барои сайёҳон як ҷойи ниҳоят хуби тамошобоб ба шумор меравад, гачанде, шароит барои ташкили фаъолияти самараноки сайёҳӣ тамоман номувофиқ мебошад.

**Маъбади буддоӣ дар Вранг.** Дар баробари қалъаҳою тӯпхонаҳо дар ВМКБ якчанд намуди ёдгориҳои таърихӣ то кунун боқӣ мондаанд, ки онҳо хусусиятҳои хосси этноконфессиалии сокинони қадими маҳаллиро таҷассум намуда, барои сайёҳон хело таваҷҷӯҳовар мебошанд. Аҳоли

сокинони минтақаи сайёҳии Бадахшон гарчанде, ки алҳол пурра мусулмонанд, вале дар ҳудуди ин минтақа ба мисли дигар минтақаҳои Тоҷикистон то кунун ёдгориҳое боқӣ мондаанд, ки ба дигар дину оинҳо мансубанд. Яке аз чунин ёдгориҳо маъбади Будоии деҳаи Вранги н. Ишкошим мебошад. Ин маъбад барои ҷалби сайёҳӣ ва аз ҷумла, рушди яке аз соҳаҳои он соҳаи таърихию фарҳангӣ хеле муҳим аст, зеро ки ҷанбаи аслии пайдоиши он марбут ба фарҳанг аст.

Маъбади Буддоӣ дар баландии 2805 метр аз сатҳи баҳр ҷой гирифта аз тарафи қаторкӯҳҳои Шоҳдара дар самти шимолу шарқ воқеъ гаштааст. Аз маркази шаҳри Хоруғ дар масофаи 190 км ва аз маркази ноҳия 80 км қарор дорад. Агар аз тарафи Хоруғ ё маркази ноҳия ба Вранг ҳаракат кунанд, баъди гузаштан аз мактаби миёнаи деҳаи Вранг дарҳол дар хамгашти якум ба тарафи чап гашта, то 150-200 метр бо роҳи мошингард ҳаракат карда, ба таги теппаи маъбади Буддоӣ мерасанд. Барои баромадан ба баландии теппа роҳи борики пиёдагарди кӯҳӣ дар масоҳати 80-100 метр аст [115, с.120-141].

Шакли меъмории ин дайр хеле ҷоллиби диққат аст. Вай аз панҷ имирати чоркунҷашакл, ки болои ҳамдигар мисли зинапояҳо сохта шудаанд, иборат аст. Маъбад дар баландӣ ҷойгир буда, аз деҳа намоён аст. Аз назди дайр бошад, тамоми деҳа ва деҳаҳои гирду атрофи он, ҳам аз ин тарафи дарё ва ҳам аз он тарафи дарё (Афғонистон) намоён ҳастанд. Ин як ҷойи хеле қулай барои тамошо манзараи зебои Вахон буда, ҳангоми ба ин диёр ташриф овардани сайёҳон, онҳо ҳатман ба ин мавзеъ баромада, аз тамошое табиати водӣ лаҳзат мебаранд.

Поён аз маъбад аз тарафи ғарбӣ дар нишебӣ 11-то паногоҳи табиӣ мавҷуданд, ки бостоншинос М.А. Бубнова онҳоро «келҳо» ном бурдааст [24, с.64]. Мардуми маҳаллӣ ин ёдгориҳоро ба сокинони сиёҳпӯш (дорандагони либоси сиёҳ) нисбат дода чунин шунидаанд, ки дар ин паноҳгоҳҳо дар он давра шахсоне, ки ба гӯронидани мурдагон сару кор доштаанд, зистаанд, зеро тибқи анъана онҳо бояд аз мардум ҷудо зиндагӣ кунанд. Баъзеҳо ҳатто бар он муътақиданд, ки дар ин ғорҳо

зиёраткунандагони буддоие, ки ба зиёрати ин дайр меомаданд, мезистанд. Бо зинапоя (ступ) сохтани дайр, барои тоату ибодат ва парастиш истифода бурдани ғору мағораҳо аз фарҳанги Ҳиндуҳо ба мардуми Осиёи Миёна интиқол ёфтааст [136, с.56]. Маъбади Буддоӣ бо вуҷуди қиммати баланди таърихӣ ва илмӣ доштанаш, барои рушди соҳаи сайёҳӣ низ объекти хело таваҷҷӯҳовар ба шумор меравад. Лекин ташкили самараноки фаъолияти сайёҳӣ дар ин ҷо, бо вуҷуди мавҷуд набудани шароити мувофиқи сайёҳаткунӣ ва истироҳат, дар айни замон номумкин аст ва ин масъала низ ҳамчун мушкилотҳои аввалиндараҷа бояд ки зери диққати роҳбарияти вилояту ҷумҳурӣ қарор доштa бошад. Дар сурати омода намудани хатсайрҳои ба талаботи мавҷуда ҷавобгӯ, матни ҷолибкунандаи объектҳои хатсайр барои сайёҳон, ва оқилона ба роҳ мондани фаъолияти сайёҳӣ, ин хатсайр яке аз объектҳои таваҷҷӯҳовар маҳсуб хоҳад шуд.

**Оташкадаҳо.** Дар баробари дайри Буддоӣ дар ҳудуди минтақаи сайёҳии Бадахшон ёдгориҳои марбут ба дину оини қадими мардуми ВМКБ боқӣ мондаанд, ки аз гуногунфарҳангии ин минтақа шаҳодат дода барои ҷалби сайёҳон ва рушди соҳаи сайёҳии таърихию фарҳангӣ базаи хеле муҳим ба шумор мераванд. Яке аз чунин ёдгориҳо оташкадаҳо мебошанд.

Оташкадаҳо барои ҷалб кардани сайёҳон аз кишварҳои Эрон, Ҳиндустон, Озарбойҷон, Роусия (оташкадаи Аркаим) ва ғайра, ки замони пеш оташпараст будаанд ва оташкадаҳои зиёд дар кишварҳояшон боқӣ мондааст, аҳаммият доранд. Барои омӯзиши онҳо шакли сайёҳии илмӣ ва генеологӣ ташкил кардан мумкин аст. Масалан, дар дохили Кофарқалъаи Боғев оташкадаҳое сохта шудаанд, ки то кунун зердеворҳои онҳо боқӣ мондаанд. Оиди шаклу намуд, сохт, ҳаҷми Кофарқалъа ва оташкадаҳои он бостоншиносон А.Н. Бернштам, М.А. Бубнова, тадқиқот бурдаанду муҳаққиқон А. Шохуморов ва Т.С. Қаландаров маълумотҳои иловагӣ додаанд [44, с.148].

Як хусусияти хоси фарққунандаи оташкадаҳои Шуғнон аз дигар оташкадаҳо дар он аст, ки онҳо дар шакли доира сохта шудаанд. Муҳаққиқ А. Шохуморов сабаби доирашакл сохтани онҳоро шарҳу тавзеҳ додаст. Ӯ қайд намудааст, ки оташкадаҳои Шуғнон кушод сохта шудаанд ва болопӯш дар худ надоштаанд. Ҳангоми сохтани оташкадаҳои Шуғнон расму ойини қадими маҳаллӣ ва таҷрибаи сохтмони оташкадаҳои Шарқи Наздик ва Миёна дар назар дошта шудааст [73, с.66-84].

Дар баробари оташкадаи Боғеви ноҳияи Шуғнон, боз як шакли дигари оташкада дар деҳаи Зонги ноҳияи Ишкошим мавҷуд будааст. Ин оташкада аз тарафи бостоншинос М. А. Бубнова пурра кофтуков ва тадқиқ шудааст. Оташкадаи Зонг дар китоби М.А. Бубнова таҳти рақами 270 бо унвони Занг II ба қайд гирифта шудааст. Оташкада дар канори теппаи кӯҳӣ дар пастхамии начандон калон, 500 метр болотар аз манораи дидбонгоҳи Хамчқалъа ҷойгир будааст. Ин ёдгорӣ аз се қисм иборат будааст. Оташкада дар шакли ҳавлии чоркунҷа (13,2 х 13,5) бо санг гирдогирд девор шудааст. Даромадгоҳ аз тарафи ғарб дошта, дар қисмати шарқии ҳавлӣ чоҳ (диаметраш 0,6-0,7 м, чуқуриаш 0,4 см) доштааст, ки даромадгоҳаш бо сангҳо маҳкам карда шудааст. Оташкада салибшакл будааст ва дарозиаш дар ин самт 5,5-6,5 м. буда, даромадгоҳаш аз тарафи ҳавлӣ ба воситаи раҳрав ба тарафи шимолу шарқии салиб будааст, ки бо зинапоя ба анҷом расидааст. Дар дохили ҳар як иморати салибшакл суфаҳои бо гил андова кардашуда (паҳноии суфаҳо 1,2-1,6 м, баландӣ 50 см) сохта шудаанд. Дар қисмати шимолу ғарбии салиб суфаҳои дузинагӣ мавҷуд будаанд, ки аз паҳлуҳояшон сангҳо гузоштаанд ва бо гил андова кардаанд. Паҳноии ҳар як суфа 0,5 м. Дар пеши зинаи поёнӣ поймонак сохта шудааст, ки дар мобайнаш оташдони нимдоира (0,21х0,40 м) будааст. Даромадгоҳи оташдон бо сандуқи росткунҷашакл (0,4х1,2 м) пайваст будааст. Девори он аз дохил бо варақсангҳо бино ёфта, аз беруни он, аз тарафи шимолу ғарбии оташкада бинои истиқоматӣ сохта шудааст, ки суфаҳо ва оташдонҳо

дораду боз баъдтар иморати нав ба он илова кардаанд. Якчанд метр ҷанубтар аз оташкада қабрҳо мавҷуданд. Аз оташкада чунин бозёфтҳоро ёфтаанд: зарфҳои гилин, нӯгчаи кӯза, табақча (3-то). Дар зарфҳои гилин усули суфтакуниро истифода бурдаанд. Маснуоти оҳанин: пайкони сепараи нӯгаш оро додашуда, ки ба асрҳои VII - VIII таалуқ доранд.

Муҳаққиқон оташкадаи Зонг ва оташкадаи Боғеви ноҳияи Шуғнонро ба аввалҳои асрҳои миёна асрҳои V-VIII тааллуқ медонанд [40, с.95].

Оташкадаҳои Бадахшон низ таъриху мазмуни бойу пурғановат доранд, лекин то кунун чун ашъёи хом дар фаъолияти сайёҳӣ истифода бурда нашудаистодаанд. Бинобар ин аз лиҳози илмӣ, таърихӣ ва мардумӣ бояд ба омода намудани маҳсулоти сайёҳӣ дар базаи ашёи хоми мавҷуда тамоми қувваи имкониятҳо истифода бурда шаванд.

**Зиёратгоҳҳо** – низ ба қатори объектҳои ҷолиби сайёҳон дохил мешавад. Дар ҳудуди минтақаи сайёҳии Бадахшон теъдоди зиёди зиёратгоҳҳо, дар шакли мазору мақбараҳо, остонҳо, қадамгоҳҳо боқӣ мондаанд, ки ҳар яки онҳо барои ҷалби сайёҳӣ рушди сайёҳии таърихию фарҳангӣ ва маърифатӣ нақши калон доранд. Ҳар яки ин зиёратгоҳҳо таърихи худро доранд, бинобар ин, баррасӣ кардани таърихи ҳар яки ин зиёратгоҳҳо барои сайёҳон муҳим аст. Барои намуна таърихи мухтасари яке аз зиёратгоҳҳои Бадахшон Мазори Шоҳ Бурҳони Валӣ дар ҷамоати деҳоти Тусиёни ноҳияи Роштқалъа баррасӣ мекунам [83, с.72].

Шоҳ Бурҳони Валӣ яке аз орифони маъруфи динӣ будааст, ки бо як қатор мубаллиғони машҳури исломӣ дар асрҳои миёна аз Туси Эрон ба Бадахшон омада, дар деҳаи Тусиёни водии Шоҳдара макони истиқомат ихтиёр намудааст. Аз ин шахсияти таърихӣ оромгоҳе бо номи мазори Шоҳ Бурҳони Валӣ боқӣ мондааст.

Мазори Шоҳ Бурҳон ба мисли дигар зиёратгоҳҳои Бадахшон дар миёни аҳолӣ мақому манзалати хосса дошта, дар ҳаёти маънавии гузаштаи рӯзмарраи мардум нақши хеле калон бозида истодааст.

Мазори кунунии Шоҳ Бурҳон дар шакли пешвози хонаи бадахшонӣ сохта шуда, аз ду қисмат иборат аст.

Мутаасифона, доир ба ҳаёт ва шахсияти Шоҳ Бурҳони Валӣ ягон сарчашмаи муътамади хаттӣ, таърихӣ боқӣ намондааст. Тадқиқоти археологиро низ дар ин мазор анҷом надодаанд. То кунун доир ба Шоҳ Бурҳони Валӣ ривоятҳои зиёд дар шакли шифоҳию пароканда дар миёни мардуми водиҳои Шоҳдара, Вахон, Ғорон ва шаҳри Хоруғ боқӣ мондаанд.

Аз ин ривоятҳо бармеояд, ки Шоҳ Бурҳон баъди сайру сайёҳатҳо дар Шуғнон сокини деҳаи Тусиёни водии Шоҳдара мегардад ва аксарияти қадамгоҳҳою нишонаҳояш дар ҳамин водӣ боқӣ мондаанд. Ин нишонаҳо аз қабили чашма ва дарахти азимҷуссаи сафедор дар деҳаи Хичих, остон дар деҳаи Миденшарв, ҷӯйи новадор аз Чухт - остони Парзудҷ, нақши аждаҳор дар хоросанг дар Анҷин, санги афтода болои хок дар Видоҷ, ҷӯйбори Шоҳ Бурҳон дар Бароҷ, Остон ва Чашмаи Шоҳ Бурҳон дар Тингхон, оромгоҳ, чашма, ҷӯйбор ва остони Шоҳ Бурҳон дар Тусиён мебошанд [72, с.43].

**Паноҳгоҳи Дирч** низ яке аз объектҳои таърихии ҷолиби таваҷҷуҳи сайёҳон маҳсуб ёфта, он дар деҳаи Зонги н. Ишкошим аниқтараш дар мавзеи Дирч 3-4 км болотар дар мавзеи сахраи Дирч ғоре аст бо номи Тир (Тирбар), ки онро аҳолии маҳаллӣ ҳамчун паноҳгоҳ истифода кардаанд, воқеъ гаштааст. Тибқи баъзе маълумотҳо ин паноҳгоҳ барои паноҳ бурдан аз душмане, ки аз тарафи соҳили дарёи Панҷ меомаданд, қуллайтар будааст.

Албатта, паноҳгоҳи Тирбар дар назари мардуми маҳаллӣ як ҷойи муъҷизанок ва воҳиманок ба шумор меравад. Бинобар ин, сокинони маҳал, ки аксарияташон вориди он нашудаанд, нисбати он тасаввуротҳои фантастикӣ пайдо кардаанд. Масалан, Н. Ҷонбобоев навиштааст, тибқи ривоят ин ғор ду роҳи зеризаминӣ дорад, ки яке ба деҳаи Ҳисор (тахмин 6 км) мебарояду дигаре ба соҳили Панҷ (тахмин 5 км). [145, с.46] Бояд зикр кард, ки дар Бадахшон дар бисёр деҳаҳои дигар

низ ғорҳои табиие вуҷуд доранд, ки нисбати онҳо низ чунин тасаввуротҳо ҳастанд, ки гӯё онҳо панҳогоҳҳои зеризаминие мебошанд, ки масофаҳои калонро дар бар мегиранду дар ҷойҳои дур баромадгоҳ доранд. Мо ба се-чорто чунин ғорҳо дар н. Рошткалъа даромада будем, ки онҳо дар натиҷаи ҳодисаҳои таббиӣ дар зери хоросангҳои калони кӯҳӣ пайдо шудаанд ва аҳолии маҳаллӣ онҳоро ҳамчун паноҳгоҳи муввақатӣ аз душман истифода бурдаанд. Баромадгоҳ ба дигар ҷойҳо надоранд, фақат як даромадгоҳ доранду халос. Тибқи маълумоти сокинони маҳаллӣ паноҳгоҳи Дирч низ баромадгоҳҳо ба деҳаи Ҳисору соҳили дарёи Панҷ надорад. Бояд гуфт, ки дар базаи объектҳои сайёҳии мавҷуда имконияти ташкил ва самаранок ба роҳ мондани сайёҳии ғорҳо (ё худ спелео туризм) имконияти фароҳам мавҷуд мебошад.

Ҳамчунин, дар Бадахшон вобаста ба релефи кӯҳӣ дар баъзе ҷойҳое, ки хоросангҳо нестанд, дар натиҷаи вазиши боду бориши борон ғору мағораҳои таббиӣ пайдо шудаанд. Чунин ғорҳо дар зери теппаи дайри Буддоӣ дар Вранг, ба ҳамин монанд, ғорҳо дар деҳаҳои Сипонҷу Савноби н. Рӯшон (бо номи «Мобегим бавон») ва деҳаи Хандути вулусволии Вахони Афғонистон дида мешаванд. Хуллас, ин ғорҳои табииро сокинони маҳаллӣ ҳамчун паноҳгоҳи мувaққатӣ истифода бурдаанд. Барои ҳамин барои сайёҳон хело тааҷҷубовар мебошад.

Дар баробари ғорҳо дар бисёр мавзеҳои Бадахшон вобаста ба релефи кӯҳӣ бо таъсири омилҳои табиӣ дар камару теппаҳои кӯҳӣ сӯрохиҳои табии пайдо шудаанд, ки сокинони маҳаллӣ онҳоро ҳамчун паногоҳҳо истифода бурдаанд. Масалан, паноҳгоҳҳои деҳаи Вранг, ки дар назди теппаи дайри Будоӣ воқеъанд.

Чунин шакли паноҳгоҳҳо дар деҳаи Сипонҷ, деҳаи Савноби водии Бартанг ва ғайра дида мешаванд.

**Ёдгориҳои эпиграфӣ ва каллиграфии ВМКБ** низ дар солҳои охир таваҷҷуҳи ҳар чи бештари сайёҳонро ба худ ҷалб карда истодаанд. Дар асл эпиграфика ин мафҳуми калимаи юнонӣ буда, аз калимаи «эпиграф» гирифта шуда маънояш навиштаҷот мебошад ва он ҳамаи он

навиштаҳое, ки дар руйи ҷисмҳои сахт аз ҷумла сангҳо, оҳан, керамика ва ғайра сабт шудаандро меомӯзад. Дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик ёдгориҳои эпиграфӣ нақши калон бозидаанд. Масалан, навиштаҳои шоҳ Дорои 1 дар кӯҳи Бесутуни ки ба давраи Хахоманишиҳо рост меояд, яке аз сарчашмаҳои муҳимми хаттии таърихи халқҳои форсу тоҷик ба шумор меравад. Дар натиҷаи омӯзиши ёдгориҳои эпиграфикии Тоҷикистон бисёр саҳифаҳои норавшани таърихи халқи тоҷик ошкор гардиданд. Вале мутаасифона, ёдгориҳои эпиграфикии ВМКБ хеле кам омӯхта шудааст. Шояд яке аз сабабҳояш он буд, ки дар замони Шӯравӣ онҳоро низ ҳамчун ёдгориҳои динӣ маънидод мекарданд, чунки катибаҳо бо алифбои форсӣ навишта мешуданд, ва аксарияташон мазмуни динӣ доштанд. Доир ба ёдгориҳои эпиграфии ВМКБ фақат мақолаҳои илмии А.З. Розенфелд ва дигарон, А. Мухторов ва Н. Қосимов аз чоп баромадаанду халос. Ҳатто калонтарин ёдгориҳои эпиграфӣ ва калиграфии мавзеъи Сарои Баҳори н. Шуғнон дар адабиёти илмӣ ба қайд гирифта нашудаанд. Дар солҳои охир бошад, оиди ин ёдгориҳои муҳимми таърихию фарҳангӣ Э. Ҳоҷибеков ва У. Муҳаммадшерзодшоев маълумотҳо додаанд. Дар ҳудди ВМКБ 10-то ёдгориҳои эпиграфӣ дар деҳаи Шидзи ноҳияи Рӯшон, 4-то дар водии Поршиневи ноҳияи Шуғнон, ду то дар шаҳри Хоруғ ва дуто дар Вомари ноҳияи Рӯшон ба қайд гирифта шуданд. Мазмуну мундариҷаи ҳамаи ин ёдгориҳо гуногун буда, аз рӯйи мазмуну мундариҷа онҳоро ба гурӯҳҳо тақсим мекунанд [70; 128; 151; 145]:

**1.** Навиштаҳо бахшида ба оғоз ва анҷоми сохтмони ҷӯйборҳо, роҳҳо, оврингҳо, мазорҳо, ва ғ.

**2.** Навиштаҳо бахшида ба тақсими замин ва муносибатҳои заминдорӣ.

**3.** Навиштаҳои хотиравӣ, ки бештар мазмунӣ динӣ доранд.

Калонтарин ёдгориҳои эпиграфӣ ва каллиграфӣ дар мавзеи Сарои Баҳори водии Поршеневи н. Шуғнон ҳастанд. Тибқи қиссаҳои таърихӣ Сарои баҳор ду аср қабл аз ин ҳам як макони зебои сабзу хуррам ва

сердолу дарахте будааст. Онро мири Шуғнон Шоҳ Амирбек, ки ҳамчун мири бунёдгару адолатпарвар шуҳрат доштааст, обод кардаст. Ӯ бо кӯмаки мардум аз камари кӯҳ ҷӯй канда ба ин ҷо об овардааст.

Яке аз мавзеъҳое муҳимме, ки таваҷҷӯҳи сайёҳонро ба худ ҷалб намудааст, ин зиёратгоҳи маъруфи Бадахшон Чашмаи Носир мебошад, ки онро ба файласуф  ва шоири маъруфи асри 11-и форсу точик Носири Хусрави Кубодиёни марбут медонанд.

Дар назди ин чашма аз тарафи рост ду катибасанге ҳастанд, ки дар руйи онҳо шеъру рубоиҳо навишта шудааст.

Хуллас, ёдгориҳои эпиграфӣ дар ҷалб кардани сайёҳон ва рушд додани сайёҳии таърихию фарҳангӣ аҳаммияти калон доранд. Бахусус, агар ин ёдгориҳо дар назди марказҳои фарҳангӣ-маърифатӣ агар дар маҷмуъ ҷамъ шуда бошанд, боз ҳам беҳтар аст.

Остони Пури Шоҳ дар Гармчашма дар тарафи самти шарқӣ аз ҳавзҳои шиновarии маъруфи Гармчашма, 100-120 метр дуртар дар болои хоросанги калони чашма ҷойгир аст. Худи чашма низ аввал дар ҳамин ҷо пайдо шудааст, ки баъдтар оҳиста оҳиста дар ин ҷо хушк шудаасту поёнтар баромадааст. То кунун нақши ҷӯйаш дар санги хоро боқӣ мондааст. Дар он ҷое, ки нахуст чашма пайдо шудааст, онро ба зиёратгоҳ (остон) табдил додаанд. Гирдогирди зиёратгоҳ (тахминан 10 м х 10 м) бо санг девор кардаанд.

Дар камари санги хоро шикофии начандон калоне аст, ки онро аз поён девор карда дар болои девор сангҳои остон, ду чароғдон яке сангину дигаре оҳанин, шохҳои бузи кӯҳӣ ва латапораҳое, ки зиёраткунандагон ҳангоми зиёрат дар ҷӯби начандон калон бастаанд, гузоштаанд. Дар остон шаби ҷумъа чароғак дар мегиронанд. Дар рӯи санги на он қадари калони даврашакли остон (ки гӯё собуни Пури Шоҳ будааст) каме равған мерезанд ва онро зиёрат мекунанд, дар натиҷа ин санг ранги сиёҳ гирифтааст. Дар адабиёти илмӣ пайдоиши остонро мансуб ба охири асри XIX - ибтидои асри XX медонанд ва қайд

кардаанд, ки дар остон замони пеш панҷаи оҳанин дар шакли панҷаи даст барафрохта монда будаанд [21, с.69; 73, с.76; 83, с.68].

Тибқи маълумотҳои шифоҳӣ баъди кушта шудани аждаҳор ва пайдо шудани оби гарм дар инҷо барои маскан гирифтани одамон имконият пайдо шуд. Дар мавзеи Гармчашма нахустин сокинон маскун шуда дар натиҷа деҳаи Гармчашма пайдо мешавад. Нависандаи рус П. Лукнитский навиштааст, ки соли 1931 дар деҳаи Гармчашма ҳамагӣ 8 хонавода будаанд.

Азбаски сокинони деҳаҳои гирду атрофи Гармчашма мансуб ба мулки Ғорон ҳастанд, сокинони Ғорон бо баъзе хусусиятҳои хосси этнографиаш аз дигар сокинони Бадахшон фарқ доранд. Водии Ғорон ҳар ду соҳили дарёи Панҷро (Афғонистону Тоҷикистон)-ро фаро гирифтааст. Дар Тоҷикистон водии Ғорон аз деҳаи Андароб оғоз ёфта, то деҳаи Яхшволу Нуд фаро мегирад. Водии Ғорон бо санги қимматбаҳои лаъл (лаъли Бадахшон), ки дар кӯҳи Лаъли деҳаи Лаъли н. Ишкошими ВМКБ истихроҷ мегардад, дар тамоми дунё маъруф аст. Сокинони ин водӣ бо лаҳҷаҳои бадахшонии забони тоҷикӣ, ки ба гурӯҳи шеваҳои ҷануби шарқӣ дохил мешавад, гап мезананд [162, с.36].

Дар миёни сокинони Ғорон урфу одатҳои махсуси фарҳангӣ роиҷ ҳастанд: аз қабили сабки хоссаи сурудхонӣ, мадҳияхонӣ, пухтани таъомҳои анъанавӣ, ҳунарҳои мардумӣ, расму оинҳо марбут ба таваллуди кӯдак, маросими туй ва ғайра. Дар деҳаи Андароби Ғорон, ки 7 км поён аз Гармчашма дар хамгашти роҳи асосии мошингард ҷойгир аст, устои маъруфи созтарош Масайнов Масайн бо фарзандонаш шаклҳои гуногуни созҳои мусиқӣ (рубобҳо) - метарошад, ки хеле ҷолибанд.

Муносибати мардуми маҳаллӣ ба осори таърихӣ ва фарҳангӣ аз як тараф хуб аст, зеро ки онҳо пайдоиши Гармчашма ва остони онро ҳамчун як каромоту атои Худовандӣ, муҷизаи табиат шуморида, ба онҳо ҳамчун як ҷойи муқаддас зиёратгоҳ муносибат мекунанд. Дар дохили чашма ва гирду атрофи он аз содир кардани корҳои ношоям худдорӣ

мекунанд. Аз тарафи дигар, сокинони деҳа то кунун аз имкониятҳои табиии деҳа хуб истифода намебаранд. Оби гарми чашма беҳуда ба дарё рехта меравад. Ҳолати санитарӣ гигиении чашма ва хизматрасонӣ ба маризону ба сайёҳон (паст будани сифати таомпазӣ дар ошхонаҳо, хизмати сусти мағозаҳо, набудани оҷатхонаҳои замонавӣ ва ғайра) ба талабот ҷавобгӯ нест. Сокинони маҳалл нисбати ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангии маҳал дар ҳифзи онҳо, эҳё ва рушди ҳунарҳои мардумӣ баъзан беэътиноӣ зоҳир мекунанд. Тамошои чунин объектҳо дар байни бисёр гурӯҳҳои сайёҳон шавқмандони зиёд доранд. Аз ин лиҳоз ташкил намудани намудани чунин самтҳои сайёҳӣ, ба монанди сайёҳии рекреатсионӣ, таърихӣ, маърифатӣ, экологӣ, зиёратӣ ва ғайраҳо дар базаи чунин объектҳои ҷолиби таваҷҷӯҳ, самаранокии фаъолияти сайёҳӣ ва даромаднокии онро якчанд маротиба хоҳад афзуд.

**Санги тақвимии шамсӣ дар деҳаи Ямг -** дар масофаи 500-600 метр аз тарафи чапи роҳи мошингарди Хоруғ-Лангар дар самти шимолу ғарб дар баландии 2805 метр аз сатҳи бахр ҷойгир аст. Мавқеи ҷойгиршавиаш Ш 36, 982, 73 % Ш 072, 315 91 %

Деҳаи Ямг аз маркази шаҳри Хоруғ дар масофаи 160 км аз маркази ноҳия 60 км ҷойгир аст.

Ин санг аз тарафи донишманди маъруфи Бадахшон Мубораки Вахонӣ (1833-1903) барои муайян кардани фаросии иди Наврӯз гузошта шудааст. Санги тақвими суфӣ Мубораккадам аз чор нишонасанги пайи ҳам қатор иборат аст, ки ба тарафи офтобнишин дар масофаҳои гуногун гузошта шудаанд. Санги якум дар назди хонааш гузошта шудааст, ки он дар худ сӯрохӣ дорад ва «офтоббин» ном дорад

Усули истифодбарии санги тақвимӣ чунин будааст: «Бо наздик омадани ҷашни Наврӯз ҳангоми ғуруби офтоб дар назди санги «офтоббин» ба зону нишаста тавассути сӯрохиаш ба тарафи офтоб нигоҳ мекунанд. Ба воситаи сӯрохии ин санг ба сангҳои дуюм, ки дар шакли тирезача дар теппа монда шудаанд ва «ҳамалхона» ном доранд, назар меандозанд. Тавассути сӯрохии ин тирезача ба сангҳои сеюм «дарвоза»

(ки аз ду санги рост истода иборатанду 5 метр дуртар ҷойгиранд) ва чаҳорум, ки «чилласанг» ном дорад, дар масофаи 200 метр ҷойгир аст, нигоҳ мекунанд. Дар он фосилае, ки офтоб аз хатти рости шикофиҳои офтоббин, ҳамалхона ва дарвоза мегузарад, мефаҳманд, ки Наврӯз фаро расид». Бояд қайд кард, ки таҳлилҳои илмӣ дар хусуси расму оинҳои наврӯзӣ аз тарафи олимони зиёд амсоли А.Л. Грюнберг, И.М. Стеблин-Каменский, С. Матробиён, Б. Муҳиддинов, И. Писарчик, Г. Литвинский, М.С. Андреев, А.А. Половсев, Б. Лашкарбеков, М. Одинамамад, Ш. Юсуфбеков, А. Шоинбеков ва ғайраҳо ба роҳ гузошта шудаанд [83, с.69].

Дар Ямг, инчунин, дар баробари сангҳои тақвимӣ аз Мубораки Вахонӣ ёдгориҳои дигар аз қабили хонаи истиқоматӣ, чиллахона, осорхона боқӣ мондаанд. Барои ҷалби сайёҳ ва рушди соҳаи таърихӣ-фарҳангӣ осорхонаҳо низ нақши калон мебозанд.

Дар осорхонаи Мубораки Вахонӣ аксарияти осори ӯ, асбобу анҷоми рӯзгори қадимии сокинони Ямг, бозёфтҳои бостонӣ ва ғайра ҷамъоварӣ ва ба намоиш гузошта шудаанд. Дар ин осорхона зиёда аз 550 нигора маҳфуз аст. Осорхона аз якчанд қисмат иборат аст. Якум, чиллахона, ки дар онҷо Мубораки Вахонӣ чилланишинӣ кардааст, яъне, дар муддати 40 шабонарӯз тоату ибодат кардаст. Дуюм, пешвози хона, ки даромадгоҳ ва шифти он кандакорӣ шудааст ва катиба (навиштаҳо) дорад. Қисми сеюм даҳлез аст, дар инҷо қисме аз нигораҳо бозёфтҳои археологӣ ҳастанд, ки бошандагони ин деҳа аз маҳалли худ ёфтаанд. Қисми дигари нигораҳо, асбобу анҷоми рӯзгори қадими мардум нигораҳои этнографӣ мебошанд. Аз қабили дастгоҳӣ гилембофӣ, дастгоҳи палосбофӣ, асбобу анҷоми шикорчиён, чорводон, зироаткорон, ҳунармандон ва ғайра. Дар осорхона ҳамчунин либоси анъанавӣ ва ороишоти занона ба намоиш гузошта шудааст. Дар як гӯшаи осорхона китобу навиштаҳо, дастхатҳои хатти Мубораки Вахонӣ, ки бо хатти хеле зебо ва хоно навишта шудаанд, ба намоиш гузошта шудаанд. Дар ин гӯша, ҳамчунин, навиштаҳои Мубораки Вахонӣ оид ба солшуморӣ,

тақвими мардумӣ, тақвими Мубораки Вахонӣ ва ғайра ба намоиш гузошта шудаанд.

Қисмати асосии осорхонаро хонаи урфии Бадахшонӣ ташкил мекунад. Ин хона осорхона бо маҳорати хеле хуби архитекторӣ сохта шудааст. Азбаски хонаи урфии бадахшонӣ фалсафаи худро дорад ва ҳар як объекти он рамзу тамсил дорад, кормандони осорхона дар бораи фалсафа ва рамзҳои хонаи бадахшонӣ маълумотҳои нихоят ҷолиб медиҳанд. Хона хеле зебо кандакорӣ карда шудааст ва навиштаҷотҳои зиёде дар чорхонаю сутунҳои он мавҷуд аст. Хона хеле хуб бо маҳорати хосса нақшу нигор карда шудааст. Истифодабарии чунин объекти таърихию фарҳангӣ бо мақсади ҷалби сайёҳон хело таваҷҷуҳовар мебошад.

Ҳамин тариқ объектҳои таърихию фарҳангии минтақаи Бадахшон барои рушди самараноки фаъолияти сайёҳӣ базаи муносиб маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ оқилона истифодаи онҳо дар соҳаи сайёҳӣ ба мақсад мувофиқ мебошад. Барои истифодаи самараноки сарватҳои таърихию фарҳангӣ ва ҷалби сайёҳон шароитҳои зиёде дар минтақа фароҳам оварда шудааст, аммо он то ҳанӯз қонеъкунанда нест. Дар маҷмӯ бо мақсади оқилона ба роҳ мондани онҳо дар соҳаи сайёҳӣ зарур аст, ки қонуну қарорҳо ва стандартҳои мавҷудаи давлатӣ дар соҳаи сайёӣ ба таври қатъӣ танзим ва назорат карда шаванд.

## Хулосаи боби дуюм

Таҳлили мушкилот ва натиҷаи таҳқиқотҳои гузаронидашуда нишон медиҳад, ки минтақаи сайёҳии Бадахшон бо шумораи зиёди объектҳои ҷолиби таваҷҷӯҳи сайёҳии таърихию фарҳангӣ дар маркази диққати сайёҳон қарор дорад. Валекин аз ҷиҳати сифати пешниҳоди маҳсулоти сайёҳӣ, дараҷаи хизматрасонӣ ва инчунин, бо як қатор сабабҳои дигари ташкиливу омодагӣ ҳоло дар сатҳи паст қарор дорад. Яке аз сабабҳо он аст, ки дар ҳоли ҳозир ба бисёре аз мавзеъҳои таърихию фарҳангӣ таваҷҷуҳи сайёҳони хориҷӣ камранг аст ва мутаносибан, вилоят аз манбаи ҷиддии даромад маҳрум аст. Бар асари ин шароит бисёр иншооти фарҳангиву таърихӣ тахриб мешаванд. Дар байни омилҳои асосие, ки боиси харобшавии ин гуна объектҳо мегарданд, инҳо мебошанд: пиршавии табиӣ, ҷисмонӣ ва харобшавии объектҳои моддӣ, мероси фарҳангӣ, табиӣ, рафтани наслҳои одамон — барандагони аслии маданияти моддӣ ва ғайримоддӣ; зӯран нобуд кардани мероси этнофарҳангӣ ва таърихӣ, сиёсати нокифояи самаранок дар соҳаи мероси этнофарҳангӣ; афзоиши босуръати сайёҳии оммавӣ ва назорати паст, ки баъзан аз сатҳи иҷозатдодашуда зиёд мешавад; рушди нокифояи инфрасохтори сайёҳӣ ва базаи моддӣ дар ҳудуди объектҳои мероси фарҳангию таърихӣ, тиҷоратӣ гардонидани мероси фарҳангӣ ва ғайра.

Бояд гуфт, ки то имрӯз таъсири мусбати сайёҳӣ ба раванди эҳё ва ҳифзи мероси фарҳангӣ дар вилоят ночиз аст. Миқдори ками осори фарҳангу санъати касбӣ ва халқӣ ҳамчун объекти намоиши сайёҳон ба назар мерасанд, дар ҳоле ки қисми асосии онҳо то ҳол аз назари созмондиҳандагони сайёҳӣ ва сайёҳон дур мондааст. Дар ҳудуди вилоят истеҳсоли тӯҳфаҳои хотиравӣ, ки ранги миллӣ, фолклор, анъана ва зиндагии тоҷикони куҳистонро инъикос мекунад, хеле суст инкишоф ёфтааст.

Ташкили ин намуди фаъолият, аз як тараф, ба ҳифз ва шукуфоии ҳунарҳои мардумӣ ва бадеӣ мусоидат карда бошад, аз ҷониби дигар,

содироти маҳсулоти фарҳангӣ, ранг ва ҳувияти миллӣ, ки бо роҳи ба даст овардани онҳо сурат мегирад, аз ҷониби сайёҳон мусоидат мекунад. Таъсиси ин фаъолият метавонад ҳамчун як канали фаъоли таблиғотии осори фарҳангу ҳунари миллӣ тавассути сайёҳӣ ва ба ин васила, як роҳи хуби ҷалби сайёҳон ба минтақаи кӯҳистонии мо ва ғанӣ гардидани мероси таърихию фарҳангии он хидмат кунад.

Ҳамчунин, бояд гуфт, ки ба роҳ мондани рушди густурдаи сайёҳии фарҳангӣ ва таърихӣ дар ҳолати нигоҳ доштани вазъи мусоиди иҷтимоию экологии ин минтақа ва татбиқи принсипҳои рушди устувор имконпазир аст. Чунин бархӯрд барои ҳалли оптималии стратегияи худ нигоҳ доштан ва инкишоф додани шаклҳои аслии фарҳанг ва усулҳои анъанавии истифодабарии табиат, шуғлу ҳунар ва тарзи зиндагӣ ва зиндагии мардуми маҳаллиро тақозо мекунад.

Тибқи ҳисобҳои мо, дар сурати дуруст ба роҳ мондани чорабиниҳои сайёҳии таърихию фарҳангӣ минтақаи сайёҳии Бадахшон метавонад буҷаи худро пурра таъмин намуда, сатҳи зиндагии мардумро ба таври назаррас беҳтар созад. Аз таҳлили таҳқиқоти боло бармеояд, ки то ҳол дар ҷараёни татбиқи сайёҳии байналмилалӣ дар баробари сайёҳии анъанавии фарҳангию маърифатӣ зернамудҳои сайёҳии фарҳангии дар боло зикргардида ба вуҷуд омадаанд: сайёҳии фарҳангӣ-таърихӣ, фарҳангӣ-руйдодӣ, фарҳангӣ-археологӣ, фарҳангӣ-этнографӣ, фарҳангӣ-этникӣ, фарҳангӣ-динӣ, фарҳангӣ-антропологӣ, фарҳангӣ-экологӣ ва зернамудҳои дигар. Барои ташкил ва рушди босамари намудҳои номбаршудаи сайёҳӣ ҳудуди минтақаи сайёҳии Бадахшон захираи беназирро дорад. Истифодаи самараноки ин захира барои ташкили фаъолияти сайёҳию рекреатсионӣ метавонад ба ҷумҳурӣ даромади калони иқтисодӣ оварда, дар баробари ин, ба баланд шудани дараҷаи некуаҳволии аҳолии маҳаллӣ таъсири мусбат расонад [88, с.35].

Ҳамин тариқ, объектҳои мероси фарҳангӣ ва таърихии минтақа, меъмории бостонӣ, биноҳо, ашёҳои дорои тарҳи миллӣ як навъ бозори сайёҳии таърихию фарҳангиро ташкил медиҳанд. Аз ин рӯ, бо таҷдиди

муносиби объектҳои таъриху фарҳангии он воқеъ дар минтақа, бунёди шабакаи мувофиқи инфрасохтор мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ, иқтидори таърихию фарҳангӣ ва сайёҳӣ, на танҳо ба ташаккули этникӣ ва фарҳангӣ, худшиносии таърихию фарҳангӣ ва рушди дидгоҳҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, фалсафӣ, ахлоқӣ ва эстетикӣ нисбат ба минтақа мусоидат мекунад, балки имкон медиҳад, ки аҳаммияти онҳо барои самаранок ба роҳ мондани сайёҳии маърифатии таърихию фарҳангӣ хеле баланд гардад.

# БОБИ 3. СТРАТЕГИЯИ РУШДИ САЙЁҲИИ ТАЪРИХИЮ ФАРҲАНГӢ: МУШКИЛОТ, РОҲҲОИ ҲАЛ ВА МУКАМАЛГАРДОНИИ ОН

## 3.1 Ноҳиябандии сайёҳии ҳудуди минтақаи сайёҳии Бадахшон вобаста ба мавҷудияти захираҳои сайёҳии таърихию фарҳангӣ

Дар солҳои охир Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди сохаи сайёҳӣ таваҷҷуҳи махсус равона кардааст, ки дар байни самтҳои бешумори он сайёҳии таърихию фарҳангӣ яке аз соҳаҳои афзалиятнок маҳсуб дониста шудааст. Ин намуди соҳаи сайёҳӣ дар доираи васеъи намудҳои гуногуни соҳа бо асолат ва динамизми худ фарқ мекунад. Хусусияти ин намуди сайёҳӣ дар он аст, ки он аз ҷиҳати мазмуну шакл гуногун аст, зеро рӯйдодҳои гуногуни дорои хусусияти таърихӣ, фарҳангӣ, маърифатӣ, варзишӣ, этнографӣ, иқтисодӣ ва ғайраро дар бар мегирад.

Бо мақсади самаранок ба роҳ мондани ин намуди соҳаи сайёҳӣ ва истифодаи устувори захираҳои таърихию фарҳангии минтақаи сайёҳии Бадахшон амали аввалаи мо аз ноҳиябандии ҳудуди вилоят вобаста аз ҷойгиршавии объектҳои гуногуни дорои хусусияти таърихию фарҳангии ноҳиябандӣ оғоз гардид [89, с.62].

Ҳангоми ноҳиябандӣ кунондани ҳудуди минтақаи сайёҳии Бадахшон таҳқиқотамонро аз арзёбӣ ва таҳлили захираҳои таърихию фарҳангии он шуруъ намудем. Таҳқиқоти ҳар як ноҳия бо назардошти аҳаммияти табиию рекреатсионӣ ва таърихию фарҳангӣ анҷом дода шуд. Таҳлили захираҳои сайёҳии таърихию фарҳангӣ дар ин замина имкон медиҳад, ки захираҳои сайёҳии минтақа самаранок, бо сарфи камтари вақт ва маблағ дар муҳлати кӯтоҳтарин, боздид аз объектҳои таваҷҷуҳи иқтидори сайёҳии таърихию фарҳангӣ гузаронида дода шаванд. Ҳамчун ташкили тадбирҳои муҳофизат ва барқарор намудани онҳо таҳрезӣ гардид.

Ҳудуди минтақаи сайёҳии Бадахшон бо фазои таърихию этникӣ-фарҳангии худ, бо мавқеъи экологӣ ва географиаиаш, мавҷудияти мавзеъ дар водиҳои мухталифи кӯҳистон, дурӣ, дастнорасӣ ва дигар шароитҳои ба худ хос, ки барои сайёҳони хориҷи кишвар хело ҷолиб мебошад, фарқ мекунад [52, с.65]. Чи хеле, ки тадқиқотҳо нишон доданд, ҳамаи ин омилҳо ба хусусиятҳои забонӣ, этникӣ, самтҳои анъанавии истифодаи табиат, тарзи зиндагонӣ ва дигар хусусиятҳои таърихӣ ва фарҳангии минтақа таъсири калон расонидаанд. Дар раванди сайру сайёҳат ба ин мавзеи афсонавӣ сайёҳон, инчунин, имконият пайдо мекунанд, ки бо дастовардҳои аҷдодони тоҷикони кӯҳистон, бо маҳорату малакаи онҳо ва чӣ тавр онро ба тақвимҳои «маънӣ»-и худ ба манзара ворид карда буданд, амали моҳиронаи онҳо нисбати мутобиқат ба шароити қаҳратуни баландкӯҳ шиносоӣ пайдо намоянд. Таваҷҷуҳи махсусро паноҳгоҳҳои кӯҳие, ки тоҷикони кӯҳистон ҳангоми ҳамла ва дигар ҳолатҳои фавқулода барои муҳофизати худ истифода мекарданд, ба худ ҷалб мекунад. Маҳз чунин макону мавзъеҳо ба хатсайрҳои фаромӯшнашавандаи сайёҳӣ табдил ёфта метавонанд.

Асолати вижагиҳои таърихӣ ва фарҳангии халқҳои Бадахшон на танҳо ёдгориҳои табиат, бостоншиносӣ, таърих ва меъмории минтақаро дар бар мегирад, балки ҷозибаҳои фарҳангии ин минтақаро дар ҷашну маросимҳое, ки дар ҳудуди он баргузор мегарданд, инъикос менамоянд. Чандин сол аст, ки аз ҷиҳати мазмуну мундариҷаи худ, идҳо ва фестивалҳо, эҷодиёти ҳаваскорони бадеӣ, барномаҳои ансамблҳои суруди халқӣ, хор, фолклор, хореография, коллективҳои театрӣ, оркестрҳои асбобҳои халқӣ ва нафасӣ, студияҳои бадеӣ ва ҳунармандӣ, мазмунҳои тоза касб карданд. Намоиши ҳамаи ин сарватҳо дар заминаи манзараҳои кӯҳистон заминаҳои бошукӯҳи табиӣ шакл гирифта, асоси захираҳои сайёҳии таърихию фарҳангиро ташкил медиҳанд, ки дорои хусусиятҳои минтақавӣ мебошанд.

Ҳамзамон, маҳбубияти афзояндаи сайёҳии таърихию фарҳангӣ ва ҷолибияти ҳудуди минтақаи сайёҳии Бадахшон барои муаррифии ин навъи сайёҳӣ дар бозори ҷаҳонии сайёҳӣ замина мегузорад, ки ба пешниҳодҳои илмӣ асоснок карда мешавад.

Бояд ёдовар шуд, ки ноҳиябандии сайёҳии ҳудуди минтақаи сайёҳии Бадахшон вобаста ба мавҷудият ва захираи неруи таърихию фарҳангии ноҳияҳои алоҳидаи он мувофиқ будани мавзеъ ва вобаста ба дараҷаи мураккабии сафар сурат мегирад. Чунин шакли таснифот имкон медиҳад, ки "нуқтаҳои афзоиш" дар худуд ё объектҳои асосие, ки ноҳияҳои минтақаро дар бозори хизматрасонии сайёҳӣ муаррифӣ карда, имкони рушди ин навъи сайёҳиро дар минтақа муайян созанд.

Бо дарназардошти ҳолатҳои дар боло зикршуда, мо тамоми қаламрави минтақаи сайёҳии Бадахшонро ба 4 ноҳияи сайёҳӣ ҷудо кардем ва дар дохили онҳо зерноҳияҳои алоҳида муайян карда шуданд (Ҷадвали 3.1).

**Ҷадвали 3.1.**

Ноҳиябандии қаламрави минтақаи сайёҳии Бадахшон

| № | *Ноҳияҳои сайёҳӣ* | *Зерноҳияҳои сайёҳӣ* | *Таъиноти равияҳои сайёҳӣ* |
|---|---|---|---|
| **1** | Шимолу Ғарбӣ | 1. Дарвоз<br>2. Ванҷ | Таърихӣ-фарҳангӣ, маърифатӣ-таълимӣ, кӯҳнавардӣ, варзишӣ, агротуризм, экотуризм, пиёдагардӣ, шикорӣ, |
| **2** | Марказӣ | 1. Рӯшон<br>2. Бартанг<br>3. Хуф<br>4. Шуғнон<br>5. Раштқалъа | Таърихӣ-фарҳангӣ, этнографӣ, агротуризм, рекреатсионӣ-тандурустӣ, илмӣ, геологӣ, сайди моҳӣ, варзишӣ, эксикурсияҳои зоологӣ ва ботаникӣ |
| **3** | Ҷанубӣ | **1.** Ғорон<br>**2.** Ишкашим<br>**3.** Вахон | Таърихӣ-фарҳангӣ, санаторӣ-курортӣ, кӯҳӣ, маърифатӣ, археологӣ, сайёҳӣ ба воситаи Роҳи Бузурги Абрешим |
| **4** | Шарқӣ | **1.** Мурғоб | Таърихӣ-фарҳангӣ, алпинизм спелиотуризм, шикорӣ, джайлотуризм, геологӣ, обӣ, экологӣ |

**Сарчашма:** Таҳқиқот ва таҳияи муаллиф.

Тақсимоти ҳудудии қаламрави минтақаи сайёҳии Бадахшонро аз рӯи неруи ҳисобшудаи сайёҳии таърихию фарҳангӣ ва шумораи объектҳои намоиши сайёҳӣ дар расми 3.1. оварда шудааст.




**Расми 3.1. Харитаи ноҳиябандии сайёҳии минтақаи сайёҳии Бадахшон бо ба ҳисобгирии захираҳои таърихию фарҳангӣ. (Сарчашма:** Таҳқиқот ва таҳияи муаллиф. **(тартибдиҳанда муаллиф)**

Мо дар вақти ноҳиябандии ҳудудӣ аз усули А. И. Зирянов И.И. Остапенко, Е.А. Котляров ва дигарон истифода бурда, ҷузъҳои сохтории ин ҳудудҳо, ки ҳамчун минтақаҳо ва зерминтаҳои мустақили сайёҳӣ ҷудо карда шудаанд, ҳар яки онҳо бо тахассусияти сайёҳии худ, хусусиятҳои комплекси таърихӣ, фарҳангӣ ва табиию рекреатсионӣ дар минтақаи тадқиқотӣ тафовут доранд [117, с.51]. Бояд қайд намуд, ки ҳангоми ноҳиябанди намудани ҳудуди Бадахшон дар баробари баҳисобгирии объектоҳои намоишӣ, инчунин шароити иқлимии мавзеи сайёҳӣ таҳлил ва баҳогузорӣ карда шуд.

Ҳангоми баҳогузори намудани мавзеҳои сайёҳӣ усулҳои маъмули дар соҳаи сайёҳӣ ва рекреатсионӣ васеъ истифодашаванда истифода

карда шуд, ки мувофиқи онҳо шароитҳои экологӣ ва таъсири онҳо ба организми инсон дар мавзеи сайёҳӣ бо истифода аз 4 дараҷаи мусоидии шароити муҳити атроф баҳогузорӣ карда шуд:

1. Мусоид – 8-10 хол;
2. Озмоишӣ – 6-8 хол;
3. Тоқатфарсо – 4-6 хол;
4. Номусоид – 2-4 хол.

Ҳангоми тавсифи сарватҳои таърихию фарҳангии ин қаламрав маълум гардид, ки шумораи воқеии намоишии сайёҳӣ дар сарчашмаҳои илмии мавҷуда пурра инъикос нагардидааст. Ба инҳо рӯйхати ёдгориҳои зиёд ва объектхои муайяншудаи археологӣ дохил мешаванд, ки дорои маълумоти геологӣ мебошанд ва аксаран танҳо барои мутахассисони маҳдуд шавқовар буда, неруи рушди сайёҳиро ташкил медиҳанд.

Албатта, бисёр объектҳое, ки ҳамчун мавзуи сайёҳӣ намоиш дода мешаванд, барои ба маҳсулоти сайёҳӣ табдил додани онҳо кори муайянеро анҷом бояд дод. Ба ин қатор маконҳои зиёд, қабристонҳо, остонҳо, мазорҳо ва ғайра дохил мешаванд. Агар ин мушкилот бомуваффақият ҳал шаванд, имкон дорад, ки дар минтақа шумораи ҷалбкунандагони бузурги сайёҳӣ, ки дорои захираҳои ҷалби сайёҳон мебошанд, ба таври қобили мулоҳиза зиёд карда шавад ва ба ин васила, ҷараёни сайёҳӣ танзим шуда, дар ҳудуди он «нуқтаҳои калидӣ»-и хеле коркунанда ба вуҷуд меоянд. Чунин амал қодир аст, ки минтақаро ҳам дар дохили кишвар ва ҳам дар сатҳи байналмилалӣ муаррифӣ ва машҳур намояд.

## 1. Ноҳияи сайёҳии Шимолу Ғарбӣ

**Ноҳияи сайёҳии Шимолу Ғарбӣ -** поёноби минтақаи сайёҳии Бадахшон, ноҳияи баландкӯҳи аз 1100 то 3500 м аз сатҳи баҳрро фаро мегирад. Поёни ин ноҳия (ноҳияи Дарвоз) бо иқлими субтропикии худ барои нашъунамои растаниҳои ситрусӣ ва дигар растаниҳои гармдуст хеле мусоид аст.

Сохтори ин ноҳияи сайёҳиро воҳидҳои маъмурии ВМКБ: ноҳияҳои Дарвоз ва Ванҷ ташкил медиҳанд. Тибқи сохтораш муҳимтарин мавзеъҳои фарҳангию таърихии ВМКБ дар ҳудуди ин ноҳия ҷойгир шудаанд, ки метавонанд сарбории асосии сайёҳии вилоятро ташкил дода, мавзеъҳои таърихию фарҳангии минтақаи сайёҳии Бадахшонро дар бар гирифтаанд. Дар ин ноҳия дар маҷмуъ ҳудуди 70 ёдгориҳои дорои аҳаммияти вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, 10 ёдгории археологӣ, 12 ёдгории таърихӣ, 48 объекти кӯчонидашуда мавҷуданд, ки аксари онҳо ҳамчун объекти намоиши сайёҳӣ аҳаммияти калон доранд.

Бояд гуфт, ки ин минтақаи истиқомати тоҷикони ВМКБ, ба мисли дарвозиён, ванҷиён, язғуломиён мебошад, ки ҳар яки онҳо дорои хусусиятҳои алоҳидаи этнофарҳангӣ, анъанаҳо, шуғл ва тарзи зиндагии хос буда, диққати сайёҳон ҳар чи бештар ба худ ҷалб мекунанд. Дар ин ноҳия бисёр объектҳое мавҷуданд, ки на танҳо дар дохили мамлакат, балки берун аз он ҳам ба сайёҳон хеле ҷолиби диққат мебошанд. Барои рушди босамари сайёҳӣ дар ин ноҳия мавзеъҳои таърихию фарҳангиро ба мисли: қалъаҳо – Карон, Ванҷқалъа, Гуҷовас, Андарбоғ, Матраун; мазорҳо – Поймазор, Хуҷаи Хизр, инчунин, ёдгориҳои сершумори табиат, намоиши тарзи анъанавии шуғл, зиндагӣ, фарҳанг, ҳунарҳои мардумӣ ва ғайра метавон бо мақсади сайёҳӣ босамар истифода шаванд. Дар асоси мавзеъҳои таърихю фарҳангии ин ноҳия, метавон бисёр хатсайрҳои маъмули омехта ташкил кард (Расми 3.2).




**Расми 3.2. Харитаи ноҳияи Шимолу Ғарбии минтақаи сайёҳии Бадахшон оиди сарватҳои таърихю фарҳангӣ. (Сарчашма:** Таҳқиқот ва таҳияи муаллиф)**.**

Аз ҷиҳати инфрасохтори сайёҳӣ, дар ҳудуди ин ноҳия ҳамагӣ 8 объекти истироҳати сайёҳон, 146 муассисаи хуроки умумӣ, 42 муассисаи фарҳангию маишӣ, 16 иншооти варзишӣ ва ғайра мавҷуданд.

Дурнамои рушди минбаъдаи ноҳияи сайёҳии Шимолу Ғарбӣ бо ҷойгиршавии географии он – воқеъ дар даромадгоҳи ҳудуди ВМКБ алоқаманд аст. Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар яке аз баромадҳояш чунин иброз намуд: “Он долони тиллоии ВМКБ ва тамоми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаст”.

Бояд гуфт, ки ноҳияи сайёҳии Шимолу Ғарбӣ дар минтақаи сайёҳии Бадахшон аз ҷиҳати иқлим гармтарин ноҳия ба шумор меравад. Барои муайян кардани сатҳи омилҳои мусоиди экологӣ барои истироҳат ва гузаронидани хатсайрҳои сайёҳӣ мо баъзе нишондиҳандаҳои метеорологиро, ки дар ҳудуди истгоҳи метеорологии ёрирасони “Қалъаи Хумб” воқеъ аст, омӯхтаем (Ҷадвали 3.2-3.9).

**Ҷадвали 3.2.**

Ҳарорати ҳаво дар ноҳияи сайёҳии Шимолу Ғарбӣ

| **Нишондиҳандаи ҳарорат, °С** | **Дараҷаи мусоид барои организми инсон** | **Хол** |
|---|---|---|
| -0,2° (мавсими зимистон)<br>+26,7° (мавсими тобистона) | Мусоид | 9 |

**Ҷадвали 3.3.**

Хусусиятҳои тиббию иқлимии реҷаи нурҳои ултрабунафши ноҳияи сайёҳии Шимолу Ғарбӣ

| Арзи географии минтақа (дар дараҷа) | Реҷаи тиббӣ-иқлимии нурҳои ултрабунафш | Дараҷаи роҳатӣ | Реҷаи таъсир | Хол |
|---|---|---|---|---|
| 38°27' а. ш.<br>70 ⁰ 47' т. шқ. | нурҳои аз ҳад зиёди ултрабунафш дар тобистон | Нороҳатӣ дар фасли тобистон | озмоишӣ | 7 |

**Ҷадвали 3.4.**

Хусусиятҳои тиббию иқлимии реҷаи афканиши офтоб дар ноҳияи сайёҳии Шимолу Ғарбӣ

| **Нишондорӣ** | **Нишондиҳандаҳо** | **Реҷаи таъсир** | **Хол** |
|---|---|---|---|
| Шумораи соатҳои нури офтоб дар як сол | 2000-2600 | озмоишӣ | 7 |
| Шумораи соатҳои офтобӣ дар моҳи июл | 334 | тоқатфарсо | 5 |
| Шумораи рӯзҳои бе офтоб дар як сол | 68 | озмоишӣ | 7 |
| Шумораи рӯзҳо бе офтоб дар моҳи июл | 3 | тоқатфарсо | 5 |
| Шумораи рӯзҳои бе офтоб дар моҳи январ | 10 | тоқатфарсо | 5 |
| Нишондоди миёна | | | 5,8 |

**Ҷадвали 3.5.**

Хусусиятҳои тиббию иқлимии реҷаи гармии дар ноҳияи сайёҳии Шимолу Ғарбӣ

| Нишондорӣ | Нишондиҳандаҳо | Реҷаи таъсир | Холҳо |
|---|---|---|---|
| Давомнокии давраи бесардӣ (рӯзҳо) | 251 | мусоид | 9 |
| Давомнокии давраи зимистон (рӯзҳо) | 60 | мусоид | 9 |
| Давомнокии давраи номусоиди хунукзадагӣ | 4 | озмоишӣ | 4 |
| Давомнокии давраи тобистон (рӯзҳо) | 150 | мусоид | 9 |
| Давомиятноки давраи номусоиди гармӣ | 25 | озмоишӣ | 8 |
| Ба ҳисоби миёна | | | 7,8 |

**Ҷадвали 3.6.**

Хусусиятҳои тиббию иқлимии реҷаи вазиши шамол дар ноҳияи сайёҳии Шимолу Ғарбӣ

| Самти шамол | Реҷаи таъсир | Хол |
|---|---|---|
| Ҷ, Ҷ-Ш | мусоид | 8 |

**Ҷадвали 3.7.**

Хусусиятҳои реҷаи боришоти давраи зимистон дар ноҳияи сайёҳии Шимолу Ғарбӣ.

| Нишондорӣ | Нишондиҳанда | Реҷаи таъсир | Хол |
|---|---|---|---|
| Давомнокии нигоҳдории қабати устувори барф (рӯзҳо) | ±5 | мусоид | 9 |

**Ҷадвали 3.8.**

Хусусиятҳои реҷаи боришоти давраи тобистон дар ноҳияи сайёҳии Шимолу Ғарбӣ

| Боришоти миёна дар давоми сол | Такроршавии рӯзҳои бориш | Реҷаи таъсир | Хол |
|---|---|---|---|
| 488 мм | 70 рӯз | мусоид | 8 |

**Ҷадвали 3.9.**

Ҷадвали ҷамъбастии натиҷаҳо барои ноҳияи сайёҳии Шимолу Ғарбӣ

| № | Нишондорӣ | Реҷаи таъсир | Хол |
|---|---|---|---|
| 1 | Ҳарорати ҳаво | мусоид | 9 |
| 2 | Хусусиятҳои тиббӣ ва иқлимии реҷаи нурҳои ултрабунафш | озмоишӣ | 7 |
| 3 | Хусусиятҳои тиббию иқлимии реҷаи афканиши нурҳои офтоб. | озмоишӣ | 5,8 |
| 4 | Хусусиятҳои тиббию иқлимии реҷаи гармидиҳӣ | мусоид | 7,8 |
| 5 | Хусусиятҳои тиббию иқлимии реҷаи шамол | мусоид | 8 |
| 6 | Хусусиятҳои реҷаи боришот дар зимистон | мусоид | 9 |
| 7 | Хусусиятҳои реҷаи боришот дар тобистон | мусоид | 8 |
| | **Ба ҳисоби миёна** | **мусоид** | **7,8** |

**Сарчашма:**Нишондодҳои ҷадвалҳои 3.2-3.9 таҳқиқот ва таҳияи муаллиф дар асоси таҳлили маълумотҳои метерологӣ.

Чи тавре, ки аз маълумотҳои метерологии ноҳияи сайёҳии Шимолу ғарбӣ бар меояд, дар умум нишондиҳандаҳои бақайдгирифтаи иқлимии он барои ташкили фаъолияти сайёҳии таърихию фарҳангӣ дар ҳудуди ноҳия қаноатманд мебошад. Нишондиҳандаи баландтарин аз рӯи ҳарорати ҳаво ва хусусияти реҷаи боришот дар фасли зимистон ба қайд гирифта шуд, ки он ба 9 хол баробар мебошад. Нишондоди аз ҳама паст дар ноҳияи мазкур ба 5,8 ва 7,8 хол баробар мебошанд, ки он нишондиҳандаи хусусиятҳои тиббию иқлимии реҷаи афканиши нурҳои офтоб ва хусусиятҳои тиббию иқлимии реҷаи гармидиҳӣ мебошад. Дар маҷмӯ нишондоди иқлимии минтақаи мазкур ба ҳисоби миёна 7,8 холро ташкил медиҳад, ки ин дараҷа аз рӯи талаботҳои мавҷуда нисбати реҷаи таъсиррасонии он ба организми сайёҳон мусоид ҳисоб карда мешавад.

Таҳлилҳои дар боло зикршуда, нишон медиҳанд, ки дар ноҳияи сайёҳии Шимолу Ғарбӣ ва зерноҳияҳои он (Дарвоз, Ванҷ) имконияти баланди ташкили равияҳои мухталифи сайёҳӣ мавҷуд буда барои тартиб

додани хатсайрҳои равандҳои сайёҳии таърихию фарҳангӣ мусоид мебошад.

## 2. Ноҳияи сайёҳии Марказӣ

Ин ноҳия қисми маркзии минтақаи сайёҳии Бадахшонро бо мавзеъҳои баландии аз 1700 то 5500 м аз сатҳи баҳрро фаро мегирад. Сохтори ин ноҳияи сайёҳиро воҳиди маъмурии ВМКБ: ноҳияҳои Рӯшон, Шуғнон, Роштқалъа ва маркази маъмурии ВМКБ – шаҳри Хоруғ ташкил медиҳад. Хусусияти таърихию фарҳангӣ ва табиии дар ин ноҳия мавҷудбуда имкон медиҳад, онро ба сифати ноҳияи мустақил ҷудо номоем. Ин ноҳия аз ҷиҳати ҳудуд ва гуногунии сарватҳои таърихию фарҳангии худ дар қисмати ғарбии минтақаи сайёҳии Бадахшон калонтарин ба шумор меравад. Дар ҳудуди ин ноҳияи сайёҳӣ 197 ёдгориҳои дорои аҳаммияти вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ мавҷуданд, ки аз онҳо 79 ёдгории бостоншиносӣ, 36 ёдгории таърихию меъморӣ, 10 ёдгории табиӣ ва 83 объекти пайдоиши омехта муайян карда шудаанд. Ҳамаи ин объектҳо аҳаммияти калони илмию амалӣ доранд ва ҳамчун объекти намоиши сайёҳӣ аҳаммияти калон доранд.

Ноҳияи сайёҳии Марказӣ мавзеъи истиқомати чунин қавмҳои тоҷикони Бадахшон, аз қабили рӯшониҳо, бартангиҳо, хуфиҳо, баҷувиҳо, шуғнониҳо, шохдарагиҳо мебошад, ки ҳар яки онҳо хусусияти этнофарҳангӣ, урфу одат ва тарзи зиндагии ба худ хосро доранд, ки он барои сайёҳон ҷолиб аст. Дар ин ноҳияи сайёҳӣ бо ҷалби мавзеъҳои таърихию фарҳангиро ба мисли: Қалъаҳо – Кофарқалъа, Ривак, Рошткалъа, Чакарқалъа, Деруге, Вамар, Савноб, Нисур; Мазорҳо – Хуҷаи Нур, Хуҷаи Зур, Шоҳи Хоразм, Шоҳтолиб, Мушкилкушо, Пойи Мазор, Шоҳбуласан, Шоҳбурҳони Валӣ, Султон Валӣ ва дигар маконҳо сайёҳонро ҷалб метавон намуд. Объектҳои таърихию фарҳангии ин ноҳия тарзи суннатии зиндагӣ, урфу одат, фарҳанг, ҳунари мардумиро инъикос мекунанд. Ин самти оянадорест, ки ба инкишоф додани муносибатҳои байниҳамдигарӣ бо халқҳои на танҳо дар дохили минтақа,

балки берун аз ҳудуди он мусоидат мекунад (Расми 3.3). Дар ин ҷо ҳамчунин ёдгориҳои зиёди табиат, аз қабили кӯли Сарез, шаршараи Чартем, ёдгориҳои ботаникӣ, зоологӣ ва ғайра мавҷуданд, ки атрибутҳои ҷолиби сайёҳӣ мебошанд.




**Расми 3.3. Харитаи ноҳияи сайёҳии Марказии минтақаи сайёҳии Бадахшон бо баҳисобгирии сарватҳои таърихию фарҳангӣ. (Сарчашма:** Таҳқиқот ва таҳияи муаллиф**).**

Аз ҷиҳати мавҷудияти инфрасохтори сайёҳӣ ин ноҳия ба тариқи муқоисӣ, пеш аз ҳама бо он фарқ мекунад, ки маркази вилоят — шаҳри Хоруғ дар ҳудуди он ҷойгир аст. Дар ҳудуди ноҳияи сайёҳии Марказӣ ҳамагӣ 150 муассисаи ҷойгиркунии сайёҳон, 120 муассисаи хӯрокворӣ, 5 муассисаи фарҳангию фароғатӣ ва зиёда аз 10 иншооти варзишӣ мавҷуд аст.

Барои муайян кардани сатҳи омилҳои мусоиди муҳити зист барои истироҳати бароҳат ва гузаронидани хатсайрҳои сайёҳӣ нишондиҳандаҳои маълумоти дарозмуддат дар минтақаи истгоҳи обуҳавошиносии Хоруғ ба асос гирифта шудаанд (ниг. Ҷадвали 3.10-3.17)

**Ҷадвали 3.10.**

Ҳарорати ҳаво дар ҳудуди ноҳияи сайёҳии Марказӣ.

| Нишондиҳандаи ҳарорат, °С | Дараҷаи мусоиди бароиорганизми инсон | Хол |
|---|---|---|
| **–7,9°** (барои давраи зимистон) | Мусоид | 8 |
| **+22,8°** (барои давраи тобистон) | Мусоид | 8 |
| Ба ҳисоби миёна | | 8 |

**Ҷадвали 3.11.**

Хусусиятҳои тиббию иқлимии реҷаи нурҳои ултрабунафши ноҳияи сайёҳии Марказӣ.

| Арзи географии минтақа (дар дараҷа) | Хусусиятҳои тиббӣ-иқлимии реҷаи афканиши нурҳои ултрабунафши офтоб | Дараҷаи роҳатӣ | Реҷаи таъсир | Хол |
|---|---|---|---|---|
| 37°45 а.ш. | Афканиши аз ҳад зиёди нурҳои ултрабунафш дар тобистон | нороҳатии тобистон аз афканиши аз ҳад зиёди нурҳои ултрабунафш | озмоишӣ | 8 |

**Ҷадвали 3.12.**

Хусусиятҳои тиббию иқлимии реҷаи афканиши офтоб дар ноҳияи сайёҳии Марказӣ.

| Нишондорӣ | Нишондиҳанда | Реҷаи таъсир | Хол |
|---|---|---|---|
| Шумораи соатҳои дурахши офтоб дар як сол | 2500-3000 | озмоишӣ | 8 |
| Шумораи соатҳои офтобӣ дар моҳи июл | 2000-2500 | озмоишӣ | 8 |
| Шумораи рӯзҳои бе офтоб дар як сол | 360 | озмоишӣ | 7 |
| Шумораи рӯзҳо бе офтоб дар моҳи июл | ±3 | озмоишӣ | 7 |
| Шумораи рӯзҳои бе офтоб дар моҳи январ | 15 | тоқатфарсо | 5 |
| **Нишондоди миёна** | | | **7** |

**Ҷадвали 3.13.**

Хусусиятҳои тиббию иқлимии реҷаи гармӣ дар ноҳияи сайёҳии Марказӣ.

| Нишондорӣ | Нишондиҳанда | Реҷаи таъсир | Хол |
|---|---|---|---|
| Давомнокии давраи бесардӣ (рӯзҳо) | 206 | мусоид | 9 |
| Давомнокии давраи зимистон (рӯзҳо) | 90 | озмоишӣ | 6 |
| Давомнокии давраи номусоиди хунукзадагӣ | 14 | озмоишӣ | 7 |
| Давомнокии давраи тобистон (рузҳо) | 100 | мусоид | 8 |
| Давомиятноки давраи номусоиди гармӣ | 17 | озмоишӣ | 7 |
| **Ба ҳисоби миёна** | | | **7,4** |

**Ҷадвали 3.14.**

Тавсифи тиббӣ-иқлимии реҷаи вазиши шамол дар ноҳияи сайёҳии Марказӣ.

| Самти бод | Реҷаи таъсир | Хол |
|---|---|---|
| Ш.Шим-Шқ | озмоишӣ | 7 |

**Ҷадвали 3.15.**

Хусусиятҳои реҷаи боришоти давраи зимистон дар ноҳияи сайёҳии Марказӣ.

| Нишондорӣ | Нишондиҳанда | Реҷаи таъсир | Хол |
|---|---|---|---|
| Давомнокии нигоҳдории қабати устувори барф (рӯзҳо) | 36 | озмоишӣ | 7 |

**Ҷадвали 3.16.**

Хусусиятхои реҷаи боришоти давраи тобистон дар ноҳияи сайёҳии Марказӣ.

| Микдори миёнаи боришоти рӯзона | Такроршавии рӯзҳои бориш | Реҷаи таъсир | Хол |
|---|---|---|---|
| 117,5 мм | 40 | озмоишӣ | 7 |

**Ҷадвали 3.17.**

Ҷадвали ҷамъбастии натиҷаҳо барои ноҳияи сайёҳии Марказӣ.

| № р/т | Нишондорӣ | Реҷаи таъсир | Хол |
|---|---|---|---|
| 1 | Ҳарорати ҳаво | мусоид | 8 |
| 2 | Хусусиятҳои тиббӣ ва иқлимии реҷаи нурҳои ултрабунафш | мусоид | 8 |
| 3 | Хусусиятҳои тиббию иқлимии реҷаи афканиши офтоб. | озмоишӣ | 7 |
| 4 | Хусусиятҳои тиббию иқлимии реҷаи гармидиҳӣ | озмоишӣ | 7,4 |
| 5 | Хусусиятҳои тиббию иқлимии реҷаи шамол | озмоишӣ | 7 |
| 6 | Хусусиятҳои реҷаи боришоти давраи зимистон | озмоишӣ | 7 |
| 7 | Хусусиятҳои реҷаи боришоти давраи тобистон | озмоишӣ | 7 |
| | **Ба ҳисоби миёна** | **озмоишӣ** | **7,34** |

**Сарчашма:** Нишондодҳои ҷадвалҳои 3.10-3.17таҳқиқот ва таҳияи муаллиф дар асоси таҳлилҳои маълумотҳои метерологӣ.

Чи тавре, ки аз маълумотҳои ҷадвалҳо 3.10 - 3.17 бар меояд, ноҳияи сайёҳии Марказӣ барои ҷалби сайёҳони ватанӣ ва хориҷӣ нисбатан мусоид мебошад. Дар ин мавзеъ нишондодҳои баландтарин метеорологӣ, ба монанди ҳарорати ҳаво ва реҷаи иқлимии нурҳои ултрабунафш ба 8 хол баробар мебошад, ки ин нишондиҳанда дараҷаи фаъоли шароити сайёҳиро нишон медиҳад. Пастарин нишондодҳо (реҷаи афканиши офтоб, реҷаи шамол, реҷаи боришоти давраи зимистон, реҷаи боришоти давраи тобистон) 7 холро ташкил дода, дар маҷмӯ ба ҳисоби миёна нишондодҳои ноҳияи сайёҳи ва зерноҳияҳои он (Рӯшон, Бартанг, Хуф, Шуғнон, Раштқалъа) 7,34 холро ташкил медиҳад, ки ин нишондиҳанда низ барои ташкили фаъолияти сайёҳӣ реҷаи иҷозатӣ ҳисоб карда мешавад. Мувофиқи ҷадвалӣ иҷозатӣ, реҷаи таъсирасонии он ба организми ташрифоварандагон, "*озмоишӣ*" арзёби мегардид, яъне сайёҳ

аз таъсири омилҳои экологӣ бояд дар мӯҳлати муайяни вақт ба шароит мутобиқат пайдо намуданаш зарур аст.

Таҳлили ҷадвалҳо дар маҷмӯ нишон дод, ки ноҳияи мазкур барои ташкил намудани сайёҳии таърихию фарҳангӣ бо ба инобат гирифтани шароитҳои табии ноҳияи мазкур мусоиди миёна мебошад.

## 3. Ноҳияи сайёҳии Ҷанубӣ

Он дар қисми ҷанубии минтақи сайёҳии Бадахшон ҷойгир буда, баландиҳои аз 2015 то 6726 м (Қуллаи К. Маркс) аз сатҳи баҳр фаро мегирад. Сохтори ин ноҳияи сайёҳиро воҳидҳои маъмурии минтақаи сайёҳии Бадахшон - ноҳияи Ишкошим ташкил медиҳанд. Минтақаи ҷанубӣ аз рӯи сохтори худ ҳамчун як марказе муаррифӣ шудааст, ки дар он муҳимтарин мавзеъҳои таърихию фарҳангии минтақа ҷойгир шудаанд ва метавонанд сарбории асосии сайёҳии вилоятро иҷро карда, мавзеъҳои таърихию фарҳангии минтақаро дар бар гирад (Расми 3.4).




**Расми 3.4. Харитаи ноҳияи сайёҳии Ҷанубии минтақаи сайёҳии Бадахшон бо баҳисобгирии сарватҳои таърихию фарҳангӣ. (Сарчашма:** Таҳқиқот ва таҳияи муаллиф**).**

Дар ин ноҳияи сайёҳӣ дар маҷмуъ зиёда аз 125 ёдгориҳои дорои аҳаммияти вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ дошта, зиёда аз 55 ёдгориҳои бостоншиносӣ, 32 ёдгории таърихӣ, меъморӣ, 6 ёдгории табиӣ

ва 32 объекти кӯчонидашуда мавҷуданд. Дар байни объектҳои таърихию фарҳангии ин ноҳияи сайёҳӣ 103 адад ҳамчун объекти намоиши сайёҳӣ ба назар мерасанд, ки аз инҳо 100-адад ёдгориҳои бостоншиносӣ, 3-тоаш ёдгориҳои меъморӣ мебошанд. Объектҳои зерин маъмуланд: қалъаҳо - Ямчун, Қаҳқаҳа, Ҳисор, Ширгин, Ратм; мазорҳо - Шоҳкамбари Офтоб, Шоҳи Мардон, Имом Ҳасан, Пири Фоқмаҳмад; чашмаҳо гарм - Гармчашма, Авҷ, Биби Фотимаи Заҳро; Осорхонаи Мубораки Вахонӣ ва дигарон мебошанд, ки потенсиали зиёди соҳаи сайёҳӣ доранд.

Ноҳияи сайёҳии Ҷанубӣ мавзеи истиқомати тоҷикони Бадахшон ба мисли ғоронихо, ринихо ва вахонихо мебошад, ки на танҳо бо хусусиятҳои забонӣ тафовут доранд, балки намояндагони ҳар яки ин гурӯҳ дорои хусусиятҳои этнофарҳангӣ, урфу одат, анаъана, тарзи зиндагии ба худ хос мебошанд, ки барои сайёҳон хело таваҷҷуҳовар мебошанд.

Бояд гуфт, ки дар ин ноҳия инфрасохтори барои қонеъ гардондани эҳтиёҷоти сайёҳон чандон инкишоф наёфтааст. Дар солҳои охир ба муносибати соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон гардидан дар ҳудуди ноҳия ташкилотҳои ҷудогона ба истеҳсоли маҳсулоти гуногуни мардумӣ шуруъ карданд, ки бешубҳа шавқу ҳаваси зиёди сайёҳонро ба худ ҷалб мекунанд. Дар хусуси иншоотҳои ҷойгиркунӣ бошад, дар маркази ноҳия меҳмонхонаҳои дорои дараҷаҳои гуногуни роҳат: мехмонхонаҳо, мотелҳо ва дар баъзе деҳаҳо хонаҳои шахсӣ («Хонагоҳ» «Home stay») мавҷуданд, ки ба меҳмонон хизмат мерасонанд. Сарфи назар аз он ки шумораи онҳо ҳамасола босуръат афзуда истода бошад ҳам, шароити истироҳат ва хизматрасонӣ дар онҳо то ҳоло тибқи талабот ба роҳ монда нашудааст.

Дар ин ҷо камбудии кордонӣ ва нарасидани кадрҳои баландихтисоси соҳа ҳис карда мешавад.

Дар бобати муассисаҳои хуроки умумӣ ҳам на ҳама кор муътадил ба роҳ монда шудааст. Ба ғайр аз маркази вилоят ва дар ҷойҳое, ки

санаторияҳо ва осоишгоҳҳо мавҷуданд: Гармчашма, Авч, Бибифотимаи Заҳро, дигар муассисаи хуроки умумӣ қариб тамоман ё суст кор мекунанд. Дар хусуси навъу сифати хурок бошад, ин масъалаи алоҳидаест, ки ҳаллу фасли таъҷилиро талаб мекунад. Оид ба намоиши таомҳои миллӣ ва пухтани таомҳои миллӣ низ дар ҳудуди минтақа ташвиқу таблиғ сурат намегирад. Айнан ҳамин ҳолат дар мавҷудияти иншооти варзишӣ, толорҳои варзишӣ, варзишгоҳҳо, ҳавзҳои шиноварӣ, иншооти фароғатӣ, марказҳои фароғатии кӯдакона, ба истисноси маркази ноҳия ва макони осоишгоҳҳо (дар он ҷо низ ба меъёрҳои муосир ҷавобгӯ нест) мушоҳида мешавад, ки дар дигар ноҳияҳо ин гуна иншоот қариб вуҷуд надоранд. Объектҳои бартаридоштаи мавзеъҳои таърихӣ ва фарҳангӣ дар ноҳия ҷойдошта, дастнорасии нақлиёт ҷойгиранд, ки ин ба сайёҳон имкон намедиҳад, бидуни душвориҳо ба ҳама гуна объекти намоиш ҳаракат намоянд.

Дар мавриди вазъи роҳҳо, ин мушкилот барои тамоми минтақа ташвишовар аст, зеро он ба меъёрҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ нест ва қисмате аз роҳҳое, ки ба объектҳои алоҳида мебаранд, регзор буда, истифодаи ин роҳҳо душвор аст.

Ташаккул ва муаррифии самтҳои сайёҳӣ дар ин қаламрав, шароити мусоиди зист, хӯроккӯрӣ ва фароғат имкон медиҳад, ки аз захираҳои мавҷудаи сайёҳӣ самараноктар истифода бурда, ҳолати ҷузъи инфрасохторӣ беҳтар гардида, барои ҳамгироӣ бо минтақаҳои сайёҳӣ, ва кишварҳои ҳамсоя замина фароҳам оварда шавад.

Барои муайян кардани сатҳи омилҳои мусоиди экологӣ барои сафар нишондиҳандаҳои маълумоти дарозмуддат асос гирифта шуда, зеристгоҳи метеорологии «Ишкошим», ки дар ноҳия фаъолият мекунад, барои арзёбии вазъи ҳудудӣ аз рӯи дараҷаи мусоид барои рушди сайёҳии таърихию фарҳангӣ мавриди истифода қарор мегирад (ниг. Ҷадвали 3.18-3.25),

**Ҷадвали 3.18.**

Ҳарорати ҳаво дар ҳудуди ноҳияи сайёҳии Ҷанубӣ.

| Нишондиҳандаи ҳарорат, °C | Дараҷаи мусоиди барои организми инсон | Хол |
|---|---|---|
| –8,3° С (мавсими зимистон) | Мусоид | 8 |
| +19,8° С (мавсими тобистон) | Мусоид | 8 |
| **Ба ҳисоби миёна** | | **8** |

**Ҷадвали 3.19.**

Хусусиятҳои тиббию иқлимии реҷаи нурҳои ултрабунафш дар ноҳияи сайёҳии Ҷанубӣ.

| Арзи географии минтақа (дар дараҷа) | Тавсифи тиббӣ-иқлимии реҷаи афканиши нурҳои ултрабунафши офтоб | Реҷаи таъсир | Хол |
|---|---|---|---|
| 37°45 а. ш. | афканиши аз ҳад зиёди нурҳои ултрабунафш дар тобистон 290-310 нанометр | озмоишӣ | 7 |

**Ҷадвали 3.20.**

Хусусиятҳои тиббӣ-иқлимии реҷаи афканиши офтоб дар ноҳияи сайёҳии Ҷанубӣ.

| Нишондорӣ | Нишондиҳанда | Реҷаи таъсир | Хол |
|---|---|---|---|
| Шумораи соатҳои нури офтоб дар як сол | 2500-3000 | озмоишӣ | 7 |
| Шумораи соатҳои офтобӣ дар моҳи июл | 360 | мусоид | 9 |
| Шумораи рӯзҳои бе офтоб дар як сол | 40 | озмоишӣ | 7 |
| Шумораи рӯзҳо бе офтоб дар моҳи июл | ± 3 | мусоид | 8 |
| Шумораи рӯзҳои бе офтоб дар моҳи январ | ± 15 | озмоишӣ | 7 |
| **Нишондоди миёна** | | | **7,6** |

**Ҷадвали 3.21.**

Хусусиятҳои тиббӣ-иқлимии реҷаи реҷаи гармидиҳӣ дар ноҳияи сайёҳии Ҷанубӣ.

| Нишондорӣ | Нишондиҳанда | Реҷаи таъсир | Хол |
|---|---|---|---|
| Давомнокии давраи бесардӣ (рӯзҳо) | 177 | озмоишӣ | 7 |
| Давомнокии давраи зимистон (рӯзҳо) | ±100 | озмоишӣ | 6 |
| Давомнокии давраи номусоиди хунукзадагӣ (рӯзҳо) | ±22 | озмоишӣ | 6 |
| Давомнокии давраи тобистон (рӯзҳо) | 105 | озмоишӣ | 7 |
| Давомиятноки давраи номусоиди гармӣ | 7 | озмоишӣ | 7 |
| **Ба ҳисоби миёна** | | | **6,6** |

**Ҷадвали 3.22.**

Тавсифи тиббӣ-иқлимии реҷаи шамол дар ноҳияи сайёҳии Ҷанубӣ.

| Самти бод | Реҷаи таъсир | Хол |
|---|---|---|
| Ғ, Ш-Ғ | озмоишӣ | 8 |

**Ҷадвали 3.23.**

Тавсифи реҷаи боришот дар давраи зимистон дар ноҳияи сайёҳии Ҷанубӣ.

| Нишондорӣ | Нишондиҳанда | Реҷаи таъсир | Хол |
|---|---|---|---|
| Давомнокии нигохдории қабати устувори барф (рузҳо) | **34** | озмоишӣ | 7 |

**Ҷадвали 3.24.**

Тавсифи реҷаи боришоти давраи тобистон дар ноҳияи сайёҳии Ҷанубӣ.

| Миқдори миёнаи боришоти рӯзона | Такроршавии рӯзҳои бориш | Реҷаи таъсир | Хол |
|---|---|---|---|
| 94 мм | 46 | озмоишӣ | 7 |

**Ҷадвали 3.25.**

Ҷадвали ҷамъбастии натиҷаҳо барои ноҳияи сайёҳии Ҷанубӣ.

| № р/т | Нишондорӣ | Реҷаи таъсир | Хол |
|---|---|---|---|
| 1 | Ҳарорати ҳаво | озмоишӣ | 8 |
| 2 | Хусусиятҳои тиббӣ ва иқлимии реҷаи нурҳои ултрабунафш | озмоишӣ | 7 |
| 3 | Хусусиятҳои тиббию иқлимии реҷаи афканиши офтоб | озмоишӣ | 7,6 |
| 4 | Хусусиятҳои тиббию иқлимии реҷаи гармидиҳӣ | озмоишӣ | 6,6 |
| 5 | Хусусиятҳои тиббию иқлимии реҷаи шамол | мусоид | 8 |
| 6 | Хусусиятҳои реҷаи боришот дар зимистон | озмоишӣ | 7 |
| 7 | Хусусиятҳои реҷаи боришот дар тобистон | озмоишӣ | 7 |
| | **Ба ҳисоби миёна** | **озмоишӣ** | **7,31** |

**Сарчашма:**Нишондодҳои ҷадвалҳои 3.18-3.25 таҳқиқот ва таҳияи муаллиф дар асоси таҳлилҳои маълумотҳои метерологӣ.

Аз маълумотҳои дар ҷадвалҳои дар боло овардашуда (ҷавали 3-5)?? бармеояд, ки шароитҳои табии иқлимӣ ва таъсироти онҳо ба организми сайёҳон мувофиқи реҷаи таъсиррасониаш *“озмоишӣ”* арзёбӣ гардидааст. Зеро, чи тавре, ки маълумотҳои миёнаи нишондодҳои гирифташуда нишон медиҳан, дар маҷмӯ он 7,31 холро ташкил медиҳад, ки ин нишондиҳанда низ мувофиқи нишондодҳои талаботи умум барои ташкил намудани сайру сайёҳат дар ноҳияи сайёҳии имконпазир ҳисобида мешавад.

## 4. Ноҳияи сайёҳии Шарқӣ

Ин ноҳия бо табиати хос ва нақшаи рекреатсионии ҷолибӣ таваҷҷӯҳ фарқ мекунад. Аввалан, он аз ҷиҳати миқёс ноҳияи калонтарин, минтақаи баландтарини кӯҳсор (3000-4500 м аз сатҳи баҳр), ки бо шароити иқлими қаҳратун, релефи ноҳамвор ва зебоии манзараҳои табиӣ

хос аст. Ин омилҳо дар баробари бой будани мавзеъҳои таърихию фарҳангӣ омилҳои ҳавасмандкунандаи ҷалби сайёҳон ба минтақа мебошанд (Расми 3.5).




**Расми 3.5. Харитаи ноҳияи сайёҳии Шарқии минтақаи сайёҳии Бадахшон бо баҳисобгирии сарватҳои таърихию фарҳангӣ. (Сарчашма:** Таҳқиқот ва таҳияи муаллиф)**.Сарчашма:** Таҳқиқот ва таҳияи муаллиф**.**

Сохтори ин ноҳияи сайёҳӣ аз ҷониби воҳиди маъмурии ВМКБ — ноҳияи Мурғоб ташкил карда шудааст. Дар ҳудуди ин ноҳия объектҳои муҳимтарини таърихию фарҳангӣ мавҷуданд, ки дар маҷмуъ бо ҳудуди 208 ёдгориҳои дорои аҳаммияти вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, 108 ёдгориҳои археологӣ мавҷуданд, ки аксари онҳо ҳамчун объекти намоиши сайёҳон таваҷҷуҳро ба худ ҷалб мекунанд. Объекти асосии намоиши сайёҳии ин ноҳия инҳо буда метавонанд: мавзеъҳои бостонӣ, аз қабили: Шӯхоб, Баландоб, Ҳушанг, Чечекте, Тузбулоқ; корхонаҳои кӯҳна, аз қабили: Сауксай, Тахмурас, Қарабелес, Раҷибек, Чарбанг, ағбаи Кова (Ҷамантал), Мурғоб ва ғайра. ёдгориҳои зиёди табиӣ, аз қабили: Мататош, Истиқ, экспозитсияи санги Элгисой, кони маъдани Элгисой III ва ғайра. Ҷойҳои фарҳангию таърихии ёдгорӣ аз қабили: шаҳраки

Бозордара, наққошиҳои сангии Найзатош, мавзеъҳои бостонии Мурғоб, Оқбайт, Машъале ва ғайра низ таваҷҷуҳи сайёҳонро ба худ мекашад.

Дур будани ин мавзеи сайёҳӣ, мушкилоти дастрасии нақлиёт, ки дар баробари шароити душвори иқлимӣ ва экологӣ боиси ақибмонӣ, рушди сусти иқтисодӣ ва шароити душвори зиндагӣ мегардад. Ноҳияи сайёҳии Шарқӣ як минтақаи иқомати мукаммали қирғизҳои кӯҳӣ буда, дорои хусусиятҳои этнофарҳангӣ, урфу одат, тарзи зиндагӣ ва шуғли рӯзмарраи аҳолӣ буда, дар байни сайёҳон маъруфияти зиёд дорад.

Барои роҳандозӣ ва ташкили сайёҳӣ дар ин ноҳияи сайёҳӣ метавон бомуваффақият ҷалб намудани мавзеъҳои таърихию фарҳангӣ, аз қабили: Истгоҳи бостонии Шухоб (Маркансу), Қоқуйбел, Оқбайтал, Чечекте, Тузбулоқ, Корхонаҳои кӯҳна, аз қабили: Сауксай, Танимас Қарабелес ва ғ., ёдгориҳои табиии сершумори Мататаш, Истиқ, мавзеъҳои таърихию фарҳангии хотиравӣ Бозордара, намоиши тарзи зиндагӣ, шуғл, фарҳанг, ҳунари мардумӣ низ барои сайёҳон ҷолиби диққатанд. Ин самти ояндадор ба рушди муносибатҳои байниҳамдигарӣ бо халқҳои на танҳо дар дохили ҷумҳурӣ балки бо кишварҳои ҳамсоя, аз қабили Чин ва Қирғизистон, Афғонистон нақши муҳим мебозад.

Дар ин ноҳияи сайёҳӣ ақибмонии тараққиёти инфрасохтори иҷтимоиву иқтисодӣ ба мушоҳида мерасад. Дар ҳудуди ноҳияи сайёҳии Шарқӣ ҳамагӣ 28 иншооти истиқоматии муваққатии сайёҳон (25 хонаи истиқоматӣ, 3 меҳмонхона), 10 муассисаи хӯроки умумӣ, 2 иншооти фарҳангию фароғатӣ, 3 иншооти варзишӣ мавҷуд аст.

Барои муайян намудани сатҳи омилҳои мусоиди экологӣ барои истиқомати бароҳат ва гузаронидани хатсайрҳои сайёҳӣ нишондиҳандаҳои маълумоти дарозмуддат, ки дар ҳудуди истгоҳи метеорологии ҳамноми “Мурғоб” амал мекунанд, асос гирифта шудаанд (Ҷадвали 3.26-3.33).

**Ҷадвали 3.26.**

Ҳарорати ҳаво дар ноҳияи сайёҳии Шарқӣ.

| Нишондиҳандаи ҳарорат,°С | Дараҷаи мусоид барои организми инсон | Хол |
|---|---|---|
| -63°С (барои мавсими зимистон, ниҳоӣ) | номксоид | 2 |
| +17°С (барои мавсими тобистон, ниҳоӣ) | озмоишӣ | 6 |
| -32°С (барои фасли зимистон, миёна) +14,5° С (барои мавсими тобистон, миёна) | озмоишӣ | 6 |
| Ба ҳисоби миёна | | 4,7 |

**Ҷадвали 3.27.**

Хусусиятҳои тиббӣ ва иқлимии реҷаи ултрабунафш дар ноҳияи сайёҳии Шарқӣ.

| Арзи геогрофии минтақа (дар дараҷа) | Реҷаи тиббӣ-иқлимии нурҳои ултрабунафш | Реҷаи таъсир | Хол |
|---|---|---|---|
| 37°00 а. ш.<br>74 $^{0}$ 55 т. шқ. | Афканиши аз ҳад зиёди нурҳои ултрабунафш дар фасли тобистон | тоқатфарсо | 5 |

**Ҷадвали 3.28.**

Хусусиятҳои тиббию иқлимии реҷаи афканиши нурҳои офтоб дарноҳияи сайёҳии Шарқӣ.

| Нишондорӣ | Нишондиҳандаҳо | Реҷаи таъсир | Хол |
|---|---|---|---|
| Шумораи соатҳои нури офтоб дар як сол | 3000-3500 | озмоишӣ | 7 |
| Шумораи соатҳои офтобӣ дар моҳи июл | 345 | озмоишӣ | 6 |
| Шумораи рӯзҳои беофтоб дар як сол | 80 | тоқатфарсо | 4 |
| Шумораи рӯзҳои беофтоб дар моҳи июл | ±2 | озмоишӣ | 6 |
| Шумораи рӯзҳои беофтоб дар моҳи январ | ±10 | тоқатфарсо | 4 |
| Нишондоди миёна | | | 5,4 |

**Ҷадвали 3.29.**

Хусусиятҳои тиббию иқлимии речаи гармии ноҳияи сайёҳии Шарқӣ.

| Нишондорӣ | Нишондиҳандаҳо | Ҳолати экспозитсия | Хол |
|---|---|---|---|
| Давраи бе шабнам (дар рӯзҳо) | 30 | тоқатфарсо | 5 |
| Давомнокии давраи зимистон (бо рӯзҳо) | 245 | тоқатфарсо | 4 |
| Давомнокии давра бо нороҳатии сармозанӣ (бо рӯзҳо) | 15 | номусоид | 3 |
| Давомнокии давраи тобистон (бо рӯз) | 62 | озмоишӣ | 7 |
| Давомнокии давра бо нороҳатии аз ҳад зиёд гармӣ | ±10 | озмоишӣ | 7 |
| **Нишондои миёна** | | | **5,2** |

**Ҷадвали 3.30.**

Хусусиятҳои тиббию иқлимии речаи шамол дар ноҳияи сайёҳии Шарқӣ.

| Самти бод | Речаи таъсир | Хол |
|---|---|---|
| Ш – Ш.Ғ<br>Ш-Ш.Ш | тоқатфасо | 5 |

**Ҷадвали 3.31.**

Хусусиятҳои речаи боришот дар давраи зимистон дар ноҳияи сайёҳии Шарқӣ.

| Нишондорӣ | Нишондиҳанда | Речаи таъсир | Хол |
|---|---|---|---|
| Давомнокии нигоҳдории қабати устувори барф (рӯзҳо) | ±150 | озмоишӣ | 7 |

**Ҷадвали 3.32.**

Хусусиятҳои речаи боришот дар давраи тобистон дар ноҳияи сайёҳии Шарқӣ.

| Миқдори миёнаи боришот дар як сол | Такроршавии рӯзҳои боришот | Речаи таъсир | Хол |
|---|---|---|---|
| **0,25 мм** | миёна | тоқатфарсо | 4 |

**Ҷадвали 3.33.**

Ҷадвали ҷамъбастии натиҷаҳо барои ноҳияи сайёҳии Шарқӣ.

| № | **Нишондиҳандаҳо** | **Реҷаи таъсир** | **Хол** |
|---|---|---|---|
| 1 | Ҳарорати ҳаво | тоқатфарсо | 4,7 |
| 2 | Хусусиятҳои тиббӣ ва иқлимии реҷаи ултрабунафш | тоқатфарсо | 5 |
| 3 | Хусусиятҳои тиббию иқлимии реҷаи афканиши нурҳои офтоб | тоқатфарсо | 5,4 |
| 4 | Хусусиятҳои тиббию иқлимии реҷаи гарми | озордиҳанда | **5,2** |
| 5 | Хусусиятҳои тиббию иқлимии реҷаи шамол | тоқатфарсо | 5 |
| 6 | Хусусиятҳои реҷаи боришот дар зимистон | озмоишӣ | 7 |
| 7 | Хусусиятҳои реҷаи боришот дар тобистон | тоқатфарсо | 4 |
| | **Ба ҳисоби миёна** | тоқатфарсо | **5,18** |

**Сарчашма:** Нишондодҳои ҷадвалҳои 3.26-3.33таҳқиқот ва таҳияи муаллиф дар асоси таҳлилҳои маълумотҳои метерологӣ.

Аз ҷадвалҳои 3.26-3.33 бар меояд, ки ҳарорати ҳаво ва хусусиятҳои реҷаи боришот дар мавсими сайёҳӣ (май-сенябр) 4 ва 4,7 холро ташкил медиҳад. Ин реҷа агар шуду мувофиқи талаботҳои мавҷуда нисбатан пастар бошад ҳам, лекин барои ташкили фаъолияти сайёҳӣ дар ин мавзе мусоид мебошад. Хотиррасон бояд кард, ки ноҳияи сайёҳии Шарқӣ аз ҳама мавзеи баландкӯҳи мамлакат маҳсуб ёфта баландии он аз 3000 ва баъзан аз 4000 м ҳам баландтар мебошад. Вобаста аз ин бо назардошти шароитҳои биоиқлимии баландкӯҳ, дараҷаи таъсиррасонии омилҳои нишондодашуда, реҷаи таъсири он ҳамчун “тоқатфарсо” муайян карда шуда холи миёнаи он ба ҳисоби миёна 5,18-ро ташкил медиҳад.

Ҳамин тариқ, маълумотҳои нишондодашуда дараҷаи таъсири ногувори омилҳои табииро ба организми инсон ва мутаносибан ба пешбурди фаъолияти сайёҳӣ дар минтақа инъикос мекунанд. Аз барои ҳамин, вобаста аз таъсироти омилҳои нишондодашуда дар мавзеҳои муайяншуда фаъолиятҳои мухталифи сайёҳӣ ташкил ва гузаронида шавад. Зеро меъёрҳои мазкур тамоми талаботҳои сайёҳонро қаноатманд

намуда раванди он барои минбаъд ҷалб намудани сайёҳон ба минтақа ва ташкили хатсайрҳои таваҷҷӯҳовар ва бароҳат мусоидат хоҳад намуд.

**Арзёбии иқтидори сайёҳии ҳудуди минтақаи сайёҳии Бадахшон.** Бо дарназардошти гуфтаҳои боло мо иқтидори сайёҳии минтақаи кӯҳистони Бадахшонро аз нигоҳи мавҷудияти сарватҳои таърихию фарҳангӣ ва мусоид будани ноҳияҳо барои сайёҳон арзёбӣ намудем. Аз рӯи ин нишондодҳо се гурӯҳи ноҳияҳо ҷудо карда шуданд: дараҷаи мусоидии баланд (8-10 хол), дараҷаи мусоидии миёна (4-6 хол) ва дараҷаи мусоидии паст (1-3 хол ), ки онҳоро мо дар расми 3.6 нишон додем.




**Расми 3.6. Харитаи сатҳи мусоидии ноҳияҳои минтақаи сайёҳии Бадахшон барои рушди сайёҳии таърихию фарҳангӣ. Сарчашма:** Таҳқиқот ва таҳияи муаллиф.

Натиҷаҳои баҳодиҳии мо роҳбарияти соҳаи сайёҳии вилояту ҷумҳурӣ, инчунин, корхонаҳои сайёҳии ҷумҳуриро водор мекунад, ки ҳангоми ташкили сайру сайёҳатҳои таърихию фарҳангӣ сатҳи мусоид будани ноҳияҳои минтақаи сайёҳии Бадахшон барои соҳаи сайёҳӣ ба назар гирифта, рушди сайёҳии таърихию фарҳангӣ ва ташкили турҳои самарабахшу устуворе, ки сафари сайёҳонро мушкил нагардонанд ва аз ин рӯ, сатҳи ҷолибияти минтақаҳои Бадахшонро паст накарда, баръакс,

таъсири ҳавасмандкунанда бораи инкишофи сайёҳӣ дар ин гӯшаи кӯҳсори ҷумҳуриамон бахшад.

Натиҷаҳои пешниҳодшуда нишон медиҳанд, ки ҳудуди минтақаи сайёҳии Бадахшон метавонад ба рушди босамари сайёҳии таърихию фарҳангӣ бо мақсади шиносоӣ бо мавзеъҳои табии ва таърихию фарҳангӣ бо мақсади рушд, таълим ва тарбияи сайёҳон мусоидат намояд ва на танхо ба иқтисодиёти минтақа ва некуаҳволии аҳолии маҳаллӣ, балки ба муҳофизат ва барқарор намудани сарватҳои таърихию фарҳангии минтақа ҳам таъсири бузурги мусбӣ мерасонад.

Бо ҷамъбасти гуфтаҳои боло метавон гуфт, ки сарватҳои таърихию фарҳангии минтақаи кӯҳистони Бадахшонро метавон ба тариқи умумӣ чунин арзёбӣ намуд:

- аксари ноҳияҳои интихобшуда дар баробари иқтидори таърихию фарҳангӣ, инчунин, дорои релефи кӯҳӣ  ва шароити нодири биоиқлимию экологӣ буда, барои сайёҳони ватанӣ ва хориҷӣ хеле ҷолибанд;

- ҷолибияти сарватҳои таърихию фарҳангӣ ба инкишофи сайёҳии минтақа таъсири назаррас доранд;

- дар ноҳияҳои минтақаи сайёҳии Бадахшон релеф омили маҳдудкунанада ва ё баръакс, омили муайянкунандаи рушди сайёҳии таърихию фарҳангӣ ба шумор меравад. Дар аксарияти ҳудуди минтақа релеф барои ба амал баровардани чорабиниҳои гуногуни сайёҳӣ хеле мусоид буда, самараи сайёҳиро хеле зиёд мекунад

- хусусиятҳои геоморфологии ноҳияҳои минтақа симои берунии ҳудудро ташкил медиҳанд ва инчунин, интихоби мавзеъро барои бунёди инфрасохтори муосири сайёҳӣ муайян мекунанд.

### 3.2. Мушкилотҳои асосии фаъолияти самаранок ва рушди соҳа

Ҳар як миллат дар ҷараёни рушди таърихии худ низоми арзишҳои маънавию фарҳангии худро (мероси фарҳангӣ) ташаккул медиҳад, ки ин ҳамеша барои меҳмонон, махсусан сайёҳон ҷолиби диққатанд.

Бо дарназардошти ин шароит дар айни замон дар доираи хусусиятҳои таърихию фарҳангии халқҳо навъҳои зиёди маҳсулоте ба вуҷуд меояд, ки ба хусусиятҳои гуногуни мероси фарҳанги мавзеҳои ва гурӯҳҳои этникии мушаххас асос ёфтаанд. Дар омезиши ин хусусияти халқҳо молу хизматҳои гуногун ба вуҷуд меояд ва ба сайёҳон пешниҳод мегарданд. Вобаста ба ин, ҳатто дар ҳудуди мушаххас, метавон як қатор маҳсулоти гуногуни васеи сайёҳиро ба вуҷуд овард, ки ба муштариёни гуногуни мақсаднок нигаронида шуда, дар ниҳоят метавонад барои рушди иҷтимоию иқтисодии ин ва ё он қаламрав, умуман ҷумҳурӣ, ки мавзӯи омӯзиши умумӣ мешавад, ҳавасманд гардад.

Бо дарназардошти оқибатҳои мухталифе, ки пас аз ин намуди фаъолият метавонад ба миён ояд, дар айни замон бо ташаккул ва рушди босуботи сайёҳии таърихию фарҳангӣ, инчунин барои такмили низоми иқтисодӣ дар ноҳияҳои минтақа таваҷҷуҳи зиёд ба ҳифзи хусусияти объектҳои фарҳангию таърихӣ, ки захираҳои асосии ин намуди сайёҳӣ мебошанд, зоҳир карда шавад.

Дар ҳудуди Бадахшон вобаста ба самаранок ба роҳ мондани фаъолияти соҳа мушкилотҳои зиёде ҷой доранд, ки оиди ҳаллу фасли ҳар кадоми онҳо тавсияҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокро дар банди 3.4-и диссертатсияи пешниҳодшуда нишон дода шудаанд.

Бояд гуфт, ки имрӯз масъалаи ҳифзи объектҳои таърихию фарҳангии Бадахшон нигаронкунанда аст, зеро сатҳи таъсироти антропогенӣ, ки дар солҳои охир афзудаистодааст, ба ҳолати объектҳои таърихию фарҳангии минтақа ва ҷумҳурӣ то андозае таъсири манфӣ мерасонад. Аксарияти онҳо ба таври стихиявӣ, бетанзим, бе ҳеҷ гуна имтиёз риояи сарбории муайян ва иҷозатдодашуда, фаъолият карда

истодаанд. Тадбирҳое, ки оид ба ҳифзи захираҳои сайёҳӣ гузаронда мешаванд, эпизодӣ ва ниҳоят бесамар мебошанд. Ҳамаи ин ба он оварда расонд, ки дар зери таъсири омилҳои антропогенӣ ва абиотикӣ бисёр мавзеъҳои сайёҳӣ алакай хислатҳои пуркимати сайёҳию маърифатии худро аз даст дода истодаанд.

Таҳлили мушкилот нишон медиҳад, ки барои самаранок ба роҳ мондани фаъолияти сайёҳию рекреатсионӣ дар ҳудуди минтақаи сайёҳии Бадахшон мушкилоти зиёде мавҷуд аст, ки ба рушди босамари соҳа, тараққиёти бозори дохилии монеъ шуда, ба сифат, раванд ва сатҳи хизматрасониҳо, маҳсулоти сайёҳӣ таъсири манфӣ мерасонанд. Ба ин муносибат, барои ҳалли мушкилот чораҳои таъҷилӣ дидан лозим аст. Дар баробари ин, ба роҳ мондани кори самарабахш дар ин соҳа бе таҳқиқоти махсуси илмӣ имконнопазир аст.

Таҳқиқот ва таҳлили мушкилоте, ки солҳои охир (2017-2022) анҷом дода шуд, нишон дод, ки то ҳол дар ҳудуди минтақаи сайёҳии Бадахшон низомсозии нишондиҳандаҳои ба минтақа омадани сайёҳон ва даромад аз ин фаъолият муайян карда нашудааст. Дар системаи баҳисобгирии нишондиҳандаҳои фаъолияти сайёҳӣ дар минтақа номукаммалии иттилоотӣ ва номураттабӣ мушоҳида мешавад. Агар шумораи сайёҳони хориҷиро дар меҳмонхонаҳое, ки барои боздид аз ҳудуди минтақа иҷозат дода шудааст, каму беш ба ҳисоб гирифтан мумкин аст, пас барои сайёҳони дохилӣ чунин механизм вуҷуд надорад. Механизми муайян кардани сатҳи хидматрасонии онҳо мутобиқи стандартҳо ва меъёрҳои мавҷуда таҳия нашуда боқӣ мондааст. Чи тавре ки маълум гашт, дар таҳияи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ камбудиҳо ҷой доранд, таҳқиқот ва мониторинги бозори хизматрасонии сайёҳӣ гузаронида намешаванд, технологияҳои муосири инноватсионӣ ба таври кофӣ дар фаъолияти ташкилотҳои сайёҳӣ татбиқ карда намешаванд. Дар бораи даромаднокӣ, нақш ва мавқеъи сайёҳӣ дар иқтисодиёти минтақаи сайёҳии Бадахшон низ маълумоти дақиқ вуҷуд надорад. Ҳамаи ин ҳолатҳо ба рушди ин

намуди фаъолияти сайёҳӣ таъсири монеакунанда доранд. Ташкили нокифояи фаъолияти сайёҳӣ бо ҷараёни зиёди сайёҳон дар ҳудуди вилоят боиси кам арзёбӣ шудани нақши бахши сайёҳӣ дар иқтисодиёти минтақа ва умуман ҷумҳурӣ мегардад, дар ҳоле ки дар саросари ҷаҳон вазъи иҷтимоию иқтисодӣ аҳаммияти ин намуди фаъолият чандин баробар зиёд аст.

Аз ин лиҳоз, мо зарур мешуморем, ки иштироки давлат на танҳо дар муайян намудани ин масъала, балки дар минбаъд фароҳам овардани шароити мусоид барои омадан, истироҳат ва сафари сайёҳон, бунёди инфрасохтори мусоиди сайёҳӣ, рушди татбиқи механизми танзими дастрасии турҳо ва хизматрасониҳои сайёҳии инфиродӣ, инчунин, назорати нархҳо, сифат ва сатҳи хизматрасонӣ ба сайёҳони дохилию хориҷӣ мутобиқи талаботи ҷаҳони муосир, такмили низоми андозбандӣ ва баҳисобгирӣ; такмили системаи стандартҳои муосири хизматрасонӣ ба сайёҳон, инчунин, системаи самарабахши мониторинги сифати хизматрасонӣ дар бахши сайёҳӣ, самараи дилхоҳ диҳад.

Дар қатори мушкилоти таъхирнопазир, инчунин, метавон ҷорӣ ва сохтмони роҳҳо дар ҷойҳое, ки мавзеъҳои ҷолиби сайёҳии минтақа ҷойгиранд, ба роҳ мондани хатсайрҳои сайёҳӣ, гузаронидан ва баҳодиҳии мутобиқати ҳолати ландшафтҳои як минтақаи сайёҳӣ ва ба ин васила, барои рушди босамари саноат ҷалби сармоя ва дигар тадбирҳо амалӣ гарданд.

Аз ин рӯ, мо чунин мешуморем, ки набудани муносибати дақиқи системавӣ ба рушди сайёҳӣ ва инфрасохтори сайёҳӣ дар минтақаи сайёҳии Бадахшон сабаби ҳамоҳанг нашудани чорабиниҳо оид ба рушди сайёҳӣ ва фароғатӣ мебошад. Илова бар ин, монеаи асосии рушди босамари соҳаи сайёҳӣ дар минтақа номукаммалии нукоти муайяни заминаи меъёрии ҳуқуқии фаъолияти сайёҳӣ мебошад.

Унсурҳои алоҳидаи ноустувории сиёсӣ, бахусус, дар ҷумҳурии ҳамсояи Афғонистон, барои бунёди иншоотҳои истиқоматӣ ва дигар

иншоотҳои инфрасохтори сайёҳӣ дар минтақа фазои начандон мусоиди сармоягузориро ба вуҷуд меорад. Илова бар ин, барои ба роҳ мондани фаъолияти устувори сайёҳӣ ва рекреатсия дар ноҳияҳои минтақаи кӯҳистони Бадахшон бояд ба мушкилоти экологӣ, бахусус, мушкилоти ҳифзи захираҳои мероси фарҳангию таърихӣ ҳамчун яке аз муҳимтарин самтҳои сайёҳӣ таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир карда шавад.

Сарфи назар аз он, ки солҳои охир дар донишгоҳҳои ҷумҳуриявӣ ва аз ҷумла, дар Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев кафедраҳои сайёҳӣ кушода шуда бошанд ҳам, бо вуҷуди ин, соҳа то ҳол ба кадрҳои баландихтисоси сайёҳии дорои ихтисосҳои гуногун ниёз дорад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар байни мутахассисони соҳа бояд ихтисосҳои маркетинг дар соҳаи сайёҳӣ, технологияҳои иттилоотӣ, бехатарии ҳаёт, тарҳрезии сайёҳӣ ва рекреатсионӣ, технологияҳои фурӯш ва хизматрасонӣ, ташкили фаъолияти сайёҳӣ, равандҳои технологӣ дар соҳаи сайёҳӣ, фаъолияти оператор ва агентии сайёҳӣ, технологияи тарҳрезӣ, пешбурд ва татбиқи хизматрасонии сайёҳӣ, фаъолияти сайёҳию экскурсиявӣ ва ғайра вуҷуд дошта бошанд. Нокифоя ба роҳ мондани ҳамкорӣ ва муносибатҳои байни ширкатҳои сайёҳӣ ва донишгоҳҳо, набудани малакаҳои муошират дар кор бо сайёҳон, суст донистани забонҳои хориҷӣ, инчунин, надонистани воситаҳо ва усулҳои фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ, аз ҷумла тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ,  майли паст ба рушди худшиносӣ ва такмил ва ғ. ба омодасозии кадрҳои сайёҳӣ ва фаъолияти босамари соҳа таъсири манфӣ мерасонад.

Дар баробари ин, ба рушди соҳаи сайёҳӣ дар минтақа рушди сусти сайёҳии дохилӣ таъсири манфӣ мерасонад, ки ин пеш аз ҳама ба даромаднокии паст, мушкилоти ташаккули маҳсулоти сайёҳӣ дар бозори хизматрасониҳои сайёҳӣ, нокифояи будани технологияи сатҳи пешбурд ва татбиқи хизматрасониҳои сайёҳӣ, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва рақамӣ, системаҳои маркетинги электронӣ ва ғайра вобаста аст. Бинобар ин, масъалаҳои такмил ва ташаккули соҳаи сайёҳӣ дар

бозори байналмилалӣ дар асоси таҳияи модели устувори сайёҳӣ таҳлили амиқи илмии мушкилот ва имкониятҳои онро тақозо менамояд.

## 3.3. Марҳилаҳои асосии рушди сайёҳии таърихию фарҳангӣ ва таҳияи модели ташкилии рушди иқтисодию иҷтимоии минтақавии он

### 3.3.1. Марҳилаҳои асосиӣ рушди самараноки соҳа

Дар солҳои охир ба ривоҷу равнақ додани соҳаи сайёҳӣ ва аз он ҷумла, сайёҳии таърихию фарҳангӣ аз тарафи Ҳукумати Тоҷикистон чорабиниҳои зиёде амалӣ шуда истодаанд.

Сайёҳии таърихию фарҳангӣ ин намуди сайёҳии фарҳангӣ буда, мақсади асосии он боздид намудани мавзеъҳое, ки дар он ҷо объектҳои сайёҳии таърихӣ ва фарҳангӣ мавҷуд буда, онҳо оиди ҳастии фарҳангу хусусиятҳои этнографӣ, меъморӣ, анъана, маросими ҳаёт ва тарзи зисту зиндагонии халқи минтақаи мазкур маълумот медиҳанд [95, с.12]. Вобаста аз амали намудани ин намуди фаъолияти сайёҳӣ, дар ҳудуди минтақаи сайёҳии Бадахшон сарватҳои зиёде арзи вуҷуд доранд, ки маълумоти муфассал оиди онҳо дар боби пеш дода шудааст. Илова бар ин минтақаи кӯҳистони Бадахшон ба қатори мавзеъҳои камшумори сайёраи Замин дохил шудааст, ки бойгарии фарҳангию таърихӣ ва табииашро то кунун нигоҳ доштааст. Лекин ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, ин бойгарии беҳамтои минтақа то кунун ба таври лозимӣ дар ташкил ва амалӣ намудани фаъолияти сайёҳӣ ба таври лозими истифода нашуда истодааст. Аз ин лиҳоз, сайёҳии таърихию фарҳангии ин мавзеъ то кунун ҳамчун намуди мустақили соҳаи сайёҳӣ фаъолият надорад, то ин ки онро ба сифати мол ва ё ин ки хизматрасонӣ барои сайёҳон пешниҳод намоем.

Дар асоси таҳлили масъалаи мазкур мо ба чунин хулоса омадем, ки барои самаранок ба роҳ мондани фаъолияти сайёҳии таърихию фарҳангӣ барномаи махсус, ки 4 марҳила ва 9 давраи асосиро дарбар мегирад, амалӣ намудан ба мақсад мувофиқ мешуморем.

**Марҳилаи 1 -** ин муайян намудани шартҳои ибтидоӣ буда, он давраҳои зеринро дар бар мегирад:

*давраи 1.* Баҳодиҳии тақсимоти минтиқавии захираҳои этнофарҳангии минтиқа, муайян намудани ғунҷоиши имконпазири сайёҳӣ, намуди сайёҳон, омилҳои ёрирасон;

*давраи 2.* Муайян намудани ноҳияҳои потенсиалии барои рушди сайёҳии этнофарҳангӣ, тартиб додани харитаҳои хатсайрҳои ба объектҳои таърихию фарҳангӣ минтақа равонашуда, таҳлили имкониятҳои таъминкунандагони хизматрасонии сайёҳӣ;

*давраи 3.* Ҷобаҷогузории элементҳои минтақавии маҳсулоти сайёҳӣ:

- интихоби қишлокҷойҳо ва мавзеҳои бой аз захираҳои таърихию фарҳангӣ ва ҷолиби диққат барои тамошои сайёҳон;

-муайян намудани тахассуси сайёҳони минтақа;

-сафарбаркунии иҷтимоии бенавоён барои кор дар соҳаи сайёҳии таърихию фархангӣ ва курсҳои омӯзишӣ.

**Марҳилаи 2.** Омӯзиши имкониятҳои рушди сайёҳии таърихию фарҳангӣ.

*давраи 4.* Банақшагирии фаъолиятҳои сайёҳии таърихию фарҳангӣ дар сатҳи ноҳиявӣ:

-банақшагирии самтҳои сайёҳии таърихию фарҳангӣ, марказҳои бисёрфунксионалии сайёҳӣ, чорабиниҳои зарурӣ дар сатҳи минтиқа;

-банақшагирии таҷҳизот барои намоишҳои экскурсионии ҷойҳои таърихию этнофарҳангӣ ва барои сайёҳон ҷолиби диққат;

-таҳлили арзиши хизматрасонии сайёҳии таърихию фарҳангӣ ва банақшагирии даромад аз фаъолияти сайёҳӣ.

**Марҳилаи 3.** Банақшагирии нақшаи тиҷоратӣ (бизнес нақша) дар сатҳи минтақа, ноҳияҳо ва мавзеъҳои алоҳида;

*давраи* **5.** Коркарди платформаи дастгирии сайёҳии таърихию фарҳангӣ

- танзими фаъолияти таъминкунандагони хизматрасонии сайёҳии маҳаллӣ;

- ташкили курсҳои такмили ихтисос ва тренингҳо барои коркунони маъмурияти маҳаллӣ оид ба сайёҳӣ;

*давраи* ***6.*** Банақшагирии фаъолияти сайёҳии таърихию фарҳангӣ дар сатҳи минтақа:

- табақабандии ҳудуди ноҳия бо сатҳӣ имконпазири ғунҷоиши сайёҳӣ;

- банақшагирӣ ва табақабандии ҳудудҳои ноҳияҳо, кишлокҷойҳо ва ҷойҳои алоҳидаи ҷолиби диққат;

*давраи 7.* Ташкили тренинг оид ба банақшагирии нақшаи тиҷоратӣ соҳибкорони маҳаллӣ:

- тренинг оид ба истифодабари захираҳои таърихию фарҳангӣ;

-тренинг оид ба менеҷменти стратегӣ;

-тренинг оид ба маркетинг;

-вохурии корӣ бо намояндагони ташкилотҳои сайёҳии ватанӣ, бастани шартномаҳо оиди таъмин кардани шароит ва хизматрасонии барои сайёҳон;

*давраи* **8.** Рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва консалтинг:

-ташкили тренинг оиди тартиб додани нақшаи тиҷоратӣ;

-танзими фаъолияти маркетинги таъминкунандагони маҳаллии хизматрасонии сайёҳӣ, тавассути ба роҳ мондани фаъолияти марказҳои тиҷоратӣ.

**Марҳилаи 4.** Мониторинг ва баҳодиҳӣ;

*давраи* **9**. Мониторинги рушди сайёҳии таърихию фарҳангӣ дар минтиқа тавассути идораи омор бо истифода аз пурсишномаҳо миёни соҳибкорони асосӣ бо усули раъйпурсии фокус-гурӯҳӣ.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши ташкили бо низоми сайёҳии таърихию фарҳангӣ қадамҳои аввалин гузошта шуда истодаанд. Бо назардошти омилҳои мавҷуда, дар шароити ҳозира зарурияти дар

мувофиқа ҳаллу фасл намудани мушкилотҳои мазкур бо тағйиротҳо дар системаи рушди иктисодиёт, ташкили фаъолиятҳои наву самараноки соҳибкорӣ ва вобаста ба ин, ворид намудани тағйиротҳои куллӣ дар барномаҳои таълимии мактабҳои олӣ, тарбия намудани мутахассисони баландихтисоси соҳа бо фикру андешаҳои нав ва ба талаботи системаи нави бозорӣ ва умумиҷаҳонӣ ҷавобгуй ба миён омадааст.

### 3.3.2. Модели минтақавии ташкилии рушди иқтисодию иҷтимоии соҳа

Таҳияи модели муассири ташкилии рушди сайёҳии таърихию фарҳангӣ воситаи хеле самарабахши таъмини сиёсат аз ҷиҳати стратегӣ асоснокшудаи тараққиёти иҷтимоиву иктисодии сайёҳии минтақавӣ мебошад.

Бояд гуфт, ки ташкили самараноки фаъолияти сайёҳӣ ва рақобатпазирии он дар бозори ҷаҳонии сайёҳӣ ба вазифаҳои асосии маҳсулоти сайёҳии минтақавӣ ва сатҳи салоҳияти кормандони он зич алоқаманд аст.

Ҳар як манбаи сайёҳӣ, новобаста аз таъиноти он, бо неруи хосси худ тавсиф мешавад. Аммо дараҷаи истифодаи он гуногун аст ва аз талаботи сайёҳӣ вобаста аст, ки он сатҳи ҷолибияти ин ё он захираи сайёҳиро муайян мекунад.

Махсусгардонии фаъолияти сайёҳии самти таърихию фарҳангии минтақаи сайёҳии Бадахшон метавонад ба чаҳор самти асосӣ гурӯҳбандӣ карда шавад:

1. сайёҳии таърихӣ;
2. сайёҳии этникӣ;
3. сайёҳии фарҳангӣ;
4. сайёҳии илмӣ.

Дар рафти кор дар асоси таҳлили маводи таҳқиқотӣ бо мақсади муайян намудани самти рақобатпазири рушди иқтисодиёти минтақа мо модели татбиқи сиёсати иҷтимоию иқтисодии минтақаро пешниҳод

кардем, ки ба сайёҳии таърихию фарҳангӣ дар минтақа нигаронида шудааст (Расми 3.7).

Модели мазкур бандҳои зеринро дар бар мегирад:

1) ҳадафҳои рушди сайёҳии таърихию фарҳангии минтақавӣ;

2) таҳлили муҳити рушди сайёҳии таърихию фарҳангии минтақавӣ;

3) таҳияи консепсияи сайёҳии минтақавии таърихию фарҳангӣ;

4) стратегияи маркетингии сайёҳии таърихию фарҳангии минтақавӣ;

5) усулҳои татбиқи барномаҳои рушди сайёҳии таърихию фарҳангии минтақавӣ;

6) стратегияи рушди сайёҳии таърихию фарҳангии минтақавӣ;

7) низоми иҷтимоию иқтисодии ноҳия дар сохтори сайёҳии таърихӣ ва этно-сайёҳӣ;

8) Маҳсулоти сайёҳии минтақавӣ.

Намунаи пешниҳоди модели татбиқи сиёсати иҷтимоию иқтисодии минтақавӣ, ки ба сайёҳии таърихию фарҳангии минтақаи сайёҳии Бадахшон нигаронида шудааст, бо дарназардошти талаботи афзоянда ба ин намуди сайёҳии таълимӣ имконпазир ва умедбахш аст.

Ҷанбаи сифатии татбиқи модели пешниҳодшуда рушди устувори сайёҳии таърихию фарҳангии бо тамоюли қонеъ гардонидани талаботи сайёҳии дохилӣ ва хориҷӣ ва ба ин васила, таъмини рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаро дар бар мегирад.

Модели пешниҳодшудаи татбиқи сиёсати иҷтимоию иқтисодии минтақавӣ, ки ба сайёҳии таърихию фарҳангии нигаронида шудааст, аввалин саъю кӯшиши мақсаднок оид ба дурнамои миёнамуҳлати рушди бахши сайёҳӣ дар ноҳияҳои кӯҳистони Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Ташкили самараноки фаъолияти сайёҳӣ ва фароғатӣ дар сарҳадҳои ҷанубии ҷумҳурӣ, бахусус, дар ҳудуди минтақаи сайёҳии Бадахшон ҳоло ҳам аз вазъи сиёсии ҷумҳурии ҳамсоя, бахусус, дар партави рӯйдодҳои сиёсии ҳозираи ҷумҳурии ҳамсоя Афғонистон хеле вобаста аст.

Дар баробари ин, раванди ҷаҳонишавӣ, ки солҳои охир дар фазои байналмилалӣ ҷараён дорад, рақобатпазирии ҳар як минтақа ва умуман кишварро тақозо мекунад, ки мутаносибан дар мо муносибати махсусро ба рушди соҳаи сайёҳӣ талаб мекунад.

Бояд зикр намуд, ки то кунун дар ҳудуди минтақаи сайёҳии Бадахшон модели ягонаи соҳаи сайёҳӣ бахусус сайёҳии таърихию фарҳангӣ мавҷуд набуда ин намуди сайёҳи дар қаламрави Бадахшон бе назорати махсус боқӣ мондааст.

**I. Ҳадафҳои рушди сайёҳии таърихию фарҳангии минтақавӣ.**

Иқтисодӣ | Муҳити зист | Иҷтимоӣ

**II. Таҳлили муҳити рушди сайёҳии таърихию фарҳангии минтақавӣ**

Муҳити дохилӣ | Муҳити беруна

**III. Таҳияи консепсияи сайёҳии таърихию фарҳангии минтақавӣ.**

- Сохторҳои ҷумҳуриявии танзими сайёҳӣ.
- Сохторҳои вилоятӣ ва ноҳиявии танзими сайёҳӣ.
- Барномаҳои давлатии дастгирии мақсадноки сайёҳии минтақавӣ.
- Ташкилотҳо ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии сайёҳӣ.
- Муассисаҳои таълимии давлатӣ.
- Ташкилотҳои давлатии таҳқиқоти илмӣ.
- Танзими қонунгузории минтақавӣ ва ҳуқуқии соҳаи сайёҳӣ.
- Барномаҳои рушди сайёҳии минтақавӣ.

**IV. Стратегияи маркетинги сайёҳии таърихию фарҳангии минтақавӣ**

- Стратегияи нархгузорӣ.
- Стратегияи ташаккули маҳсулоти сайёҳии минтақавӣ.
- Стратегияи пешбурди маҳсулоти сайёҳӣ.
- Стратегияи фурӯши маҳсулот.

**V. Усулҳои амалӣ гардондани барномаҳои инкишофи сайёҳии таърихию фарҳангии минтақавӣ**

- Ҳуқуқӣ.
- Иқтисодӣ.
- Ташкилӣ.
- Таҳқиқоти таълимӣ.
- Фарҳангӣ.
- Муҳити зист.
- Иҷтимоӣ.

**VI . Стратегияи рушди сайёҳии таърихию фарҳангии минтақавӣ**

- Арзёбии иқтидори сайёҳии минтақавӣ.
- Муайян намудани самтҳои афзалиятнок ва ояндадори рушди сайёҳии таърихию фарҳангии минтақавӣ.
- Баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории минтақа дар робита ба аҳамияти рушди сайёҳии таърихию фарҳангӣ.
- Баланд бардоштани тасвири сайёҳии ҳудуди ВМКБ дар бозори ҷаҳонии сайёҳӣ ҳамчун минтақаи ояндадори рушди сайёҳии таърихию фарҳангӣ.
- Мутобиқи шароит ва дастовардҳои нав нисбати танзим намудани ҳадафҳо.
- Рушди ҷолибияти сайёҳии минтақа дар самти таърихӣ ва этносайёҳӣ бо пешниҳоди маҳсулоти сайёҳии баландсифат дар сатҳи стандартҳои ҷаҳонӣ

**VII. Системаи иҷтимоиву иқтисодии ноҳия дар сохтори таърихию этносайёҳӣ**

- Истеъмолкунанда (сайёҳ);
- Таркиб ва пешниҳоди хидматҳои сайёҳӣ;
- Сарчашмаҳое, ки дар рушди самти таърихӣ ва этно-сайёҳӣ истифода мешаванд;
- инсонӣ; Мероси таърихию фарҳангӣ минтақа;
- нақлиёт ва сатҳи мувофиқати роҳҳои автомобилгард;
- сатҳи рушди инфрасохтори сайёҳии минтақа;
- корхонаҳои маҷмааи сайёҳию истироҳат;
- соҳаҳои ёрирасони саноат: маданият, хоҷагии қишлоқ, сохтмон ва ғайра;
- хидматҳои махсусгардонидашуда;

**VIII. Маҳсулоти сайёҳии минтақавӣ**

- Дараҷаи диқатҷалбкунандагии маҳсулот.
- Ба меъёрҳои мавҷуда мувофиқ.
- Рақобатпазир.
- Аз ҷиҳати экологӣ тоза.
- Бо аломатҳои нақшу нигор (арнамент)-и минтақавӣ.
- Муарифкунандаи минтақа ва мамлакат дар бозори байналмилалии сайёҳӣ.
- Беҳамтои (уникалный) мамҳсулоти сайёҳӣ.

**Расми 3.7. Намунаи татбиқи иҷтимоию иқтисодии минтақа сиёсате, ки ба сайёҳии фарҳангӣ ва таърихӣ нигаронида шудааст. Сарчашма:** Таҳқиқот ва таҳияи муаллиф.

Бо мақсади аз ҷиҳати илмӣ асоснок намудани мушкилотеро, ки ба тараққиёти соҳаи сайёҳии минтақаи сайёҳии Бадахшон халал мерасонанд ва роҳҳои самараноки ҳалли вазъияти ба амаломада, дар раванди тадқиқот тасмим гирифтем, ки ҳалли масъалаи мазкурро тавассути таҳлили SWOT гузаронем. Дар рафти таҳлили SWOT мо чунин нишондодҳои барои ҳаллу фасли мусбати кор зарур, ба монанди *“бартариятҳо”* ва *“маҳдудиятҳо”,* инчунин, *“имкониятҳо” ва “таҳдидҳо”*-и фаъолияти ин намуди сайёҳиро муайян намудем, ки онҳо метавонанд ба татбиқи барномаҳои рушди сайёҳӣ дар минтақа таъсири мусбии бевоситаи худро расонанд ва барои беҳтар фаҳмидани дурнамои рушди соҳаи сайёҳӣ дар минтақа мусоидат кунанд. (Ҷадвали 3.34).

**Ҷадвали 3.34.**

Таҳлили SWOT-и фаъолияти сайёҳии таърихию фарҳангии Минтақаи сайёҳии Бадахшон.

| № | **БАРТАРИЯТҲО “S” STRENGTH** | **МАҲДУДИЯТҲО “W” WEAKNESS** |
|---|---|---|
| 1 | Афзудани некуаҳволии аҳолии маҳаллӣ. | Ифлосшавии муҳити зист. |
| 2 | Таҳияи хатсайрҳои махсусгардонидашуда бо мақсади шиносоӣ бо мавзеъҳои таърихию фарҳангии минтақа. | Ба таври кофи аз ҷиҳати илмӣ асоснок набудани бештари хатсайрҳои сайёҳии минтақа. |
| 3 | Баланд бардоштани савияи таълим нисбат ба мавзеъҳои таърихию фарҳангии вилоят. | Надоштани маълумоти дақиқ аз тарафи аҳолии маҳаллӣ. |
| 4 | Ҷалби маблағ тавассути рушди сайёҳӣ. | Ноустувор будани вазъияти сиёсӣ дар минтақаи ҳамсоя (Афғонистон). |
| 5 | Кам кардани таъсири манфӣ ба мавзеъҳои таърихию фарҳангии вилоят. | Аз байн рафтани баъзе захираҳои сайёҳии хусусияти таърихию фарҳангидошта. |
| 6 | Маълумоти зуд ва дастрас дар бораи мавзеъҳои таърихию фарҳангии ВМКБ тавассути расонаҳо ва бахусус, вебсайтҳо (ҷалби сайёҳон). | Маълумоти кам оиди рекламаи мавзеъҳои таърихию фарҳангии ВМКБ дар ВАО. |
| № | ***ИМКОНИЯТҲО OPPJRTUNITIES CE*** | ***ТАҲДИДҲО THRETS*** |
| 1 | Ташаккули маҳсулоти ҷолиби сайёҳии ВМКБ ҳамчун минтақаи | Ноустувории вазъи сиёсӣ дар Ҷумҳурии |

| | | |
|---|---|---|
| | ояндадори сайёҳии таърихию фарҳангӣ. | ҳамсояи Афғонистон. |
| 2 | Ташкили сайёҳии таърихӣ-фарҳангӣ ҳамчун як бахши муҳимми рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа. | Сайёҳии танзимнашаванда ва фаъолияти фарҳангию маърифатӣ. |
| 3 | Афзоиши ҳаҷми гардиши сайёҳон ба минтақа аз ҳисоби сайёҳони дохилӣ ва хориҷӣ. | Монеаи баланд барои ворид шудан ба бозор – рақобат бо марказҳои ҷаҳонии сайёҳии таърихию фарҳангӣ. |
| 4 | Тайёр намудани кадрҳои баландихтисос барои соҳаи сайёҳии таърихию фарҳангӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти сайёҳии минтақа дар бозори ҷаҳонии сайёҳӣ. | Зарурати таъмини ҳаҷми кофии ҷараёни сайёҳон барои ноил шудан ба бозпардохт дар минтақаҳои мушаххаси сайёҳӣ. |
| 5 | Беҳтар намудани инфрасохтори сайёҳӣ дар "Роҳи бузурги абрешим" ва баланд бардоштани сатҳи хидматрасонии сайёҳон мутобиқи сатҳи стандартҳои байналмилалӣ. | Андозаи нокифояи бозори меҳнат. |
| 6 | Ташкили сайёҳатҳои таърихӣ-фарҳангӣ бо мақсади ғанӣ гардонидани дониш дар бораи таърих ва мероси фарҳангии минтақа. | Аз байн рафтани баъзе итншоотҳои меъроси таърихию фарҳангӣ. |

**Сарчашма:** Таҳқиқот ва таҳияи муаллиф.

Ҳамин тариқ, самаранок ба роҳ мондани фаъолияти сайёҳӣ дар самти таърихию фарҳангӣ ҳамчун системаи кушодаи иҷтимоию иқтисодӣ таҳти таъсири муайяни омилҳои дохилӣ ва берунӣ қарор дорад, ки дар лаҳзаҳои муайян метавонад мушкилоти муайянро ба вуҷуд орад**.** Бо вуҷуди ин, барои идоракунии салоҳиятноки фаъолияти сайёҳӣ тақсимоти дақиқи масъулият ҳам дар байни роҳбарияти олӣ ва ҳам дар ҳама сатҳҳои минбаъда зарур аст. Аз ин лиҳоз, риояи тавсияҳои ирсолшуда самаранокии рушди сайёҳии таърихию фарҳангиро хеле баланд мебардорад ва эҳтимоли омилҳои манфиро ҳангоми омодагӣ ва гузаронидани сафар ба амал омада, хатарҳоро дар ҷараёни сайру сайёҳат ба таври назаррас коҳиш медиҳад.

### 3.4. Дурнамо ва афзалиятҳои стратегӣ

Ташкили фаъолияти сайёҳӣ ва рекреатсионӣ бо истифода аз объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ манфиатҳои маҷмуи тамоми соҳаҳо: фарҳанг, иқтисод, идоракунии муҳити зист, шуғли аҳолӣ, тандурустӣ, амният ва муносибатҳои байналмилалӣ, робитаҳои байнифарҳангӣ ва фарҳангӣ, инчунин, дараҷаи маълумоти аҳолӣ, ба ҳам зич алоқаманд аст.

Аммо, ҳангоми муаррифии маҳсулот ва мероси таърихию фарҳангӣ ва ворид шудан ба арсаи бозори байналмилалии сайёҳӣ як ҷанбаи муҳими вазифаи иҷтимоию иқтисодӣ баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволӣ ва сифати зиндагии мардуми маҳаллӣ, ҳифзи мероси таърихию фарҳангии онҳо ва ҷузъҳои анъанавии тарз ва усули зиндагӣ барои наслҳои оянда ва гузаштан ба роҳи инноватсионии рушд мебошад. Гап сари он аст, ки дар заминаи объектҳои мероси таърихию фарҳангии минтақа ба роҳ мондани сайёҳии таърихию фарҳангӣ муносибати боэҳтиётро нисбат ба хизматрасонии сайёҳӣ талаб мекунад. Аз ин рӯ, иншооти инфрасохторӣ ва заминаи моддию техникии сайёҳӣ дар ин ҷо низ бояд бо дарназардошти афзоиши ҳаҷми хизматрасониҳои сайёҳӣ, бидуни расонидани зарар ба объекти таърихию фарҳангии минтақа, ташаккул ва инкишоф дода шавад. Инчунин, маълум гардид, ки мавҷудияти иншоотҳои инфрасохтори сайёҳӣ ва базаи моддию техникии сайёҳӣ, ки барои фароҳам овардани шароити бароҳати сайёҳату истироҳат, истеъмоли ғизо, солимгардонӣ ва фароғат қодиранд, ки онҳо асосан рақобатпазирии объекти сайёҳии ҳар як қаламрави мушаххасро муайян менамоянд. Аз ин рӯ, бунёди иншооти инфрасохторӣ ва заминаи моддию техникии сайёҳӣ, инчунин, ташкили фаъолияти сайёҳӣ бояд бо назардошти иқтидори як қаламрави муайян ва базаҳои мавҷуда дар он сурат гирифта шавад. Албатта, масъалаи таъмини бехатарӣ ҳам нисбати объектҳои сайёҳӣ ва ҳам худи сайёҳон мавқеи марказиро иҷро мекунад, зеро пайгирии фоидаи соф баъзан метавонад на танҳо ба объектҳои

намоишии сайёҳӣ, балки ба тамоми экосистема зарар расонад. Тавре таҷриба нишон медиҳад, вақте ки вайроншавӣ аз меъёрҳои ҳадди ақал гузарад, бо мурури замон мушкилоти марбут талафоти объектҳои таърихию фарҳангии минтақа ба миён оварда бо ҳамин онҳо метавонанд бо мушкилоти экологӣ, ба мисли: таназзули замин, афзоиши эрозияи хок, бад шудани сифати зиндагии аҳолӣ, афзоиши бемориҳое, ки ба ифлосшавии муҳити зист вобастабуда; дегарадатсияи майдони ҷангалзорҳо, дарахтзорҳо ва ғайра, ҳамроҳ шаванд.

Таҷрибаи ташкили сайёҳии таърихию фарҳангӣ дар ҳудуди минтақаҳои табиии махсус ҳифзшавандаи минтақаи сайёҳии Бадахшон нишон медиҳад, ки на танҳо бо сабабҳои экологӣ, балки бо сабабҳои техникӣ ва ташкилӣ низ бе маҳдудият истифода бурдани иқтидори сайёҳӣ ғайриимкон аст. Инро қонунгузории мавҷуда дар соҳаи ҳудудҳои муҳофизатшаванда пешгирӣ менамояд. Сарфи назар аз мавҷуд набудани дастури ягона оид ба муайян кардани иқтидори сайёҳии ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда, ҳар як муассисаи тобеи ин идора аз рӯи хусусияти худ ба масъалаи мазкур ба таври мустақил муносибат мекунад. Асоси ҳалли он муносибати эҳтиёткорона ба арзишҳои табиӣ ва объектҳои таърихию фарҳангии ҳудудҳои муҳофизатшаванда аз ҳисоби моҳирона ташкил намудани пайроҳаҳо ва хатсайрҳои сайёҳӣ, андешидани барномаҳои сайёҳӣ, ҳавасмандии оқилонаи сайёҳон ва албатта, таҳти назорати қатъӣ гирифтани чунин объектҳо мебошад. Маҳз бо шарофати самаранок ба роҳ мондани менеҷменти касбӣ, ин амалиёт воситаи муассири рушди амалии минтақаҳои сайёҳӣ ва мавзеъҳои таърихию фарҳангии он барои мақсадҳои сайёҳӣ истифода мегарданд, ки ин дар бисёр кишварҳои пешрафта бомуваффақият истифода мешаванд. Ҳангоми ташаккул ва рушди сайёҳии таърихию фарҳангӣ дар соҳаи хизматрасонӣ ҷалби кормандони дорои дониши хуби таъриху фарҳанги вилоят, донандаи забонҳои хориҷӣ ва дорои сифатҳои касбӣ ба мақсад мувофиқ аст.

Ташкили фаъолияти сайёҳӣ ва муаррифии маҳсулоти рақобатпазири сайёҳӣ бо мақсади рушди бозори сайёҳии дохилӣ барои қонеъ гардонидани талаботи рӯзафзуни сайёҳон бо маҳсулот ва хизматрасониҳои босифати сайёҳӣ амалӣ мегардад ва барои беҳтар намудани некуаҳволии аҳолии маҳаллӣ ва бо кор таъмин намудани онҳо мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, мо зарур мешуморем, ки фаъолияти онҳоро ба иқтидори мавҷудаи мавзеъҳои таърихию фарҳангӣ бо дарназардошти таҳияи барномаи стратегии таҷдиди инфрасохтор ва фаъолияти соҳаи сайёҳӣ, бо дарназардошти талаботи "Ташкилоти байналхалқии сайёҳӣ" ва стандартҳои ҷаҳонӣ ба роҳ монда шавад.

Барои амалӣ гардондани барномаи пешбинишуда зарур мешуморем:

1. муайян намудани афзалиятҳои стратегии рушди фаъолияти сайёҳӣ бо дарназардошти мавҷудият ва ҳолати объектҳои таърихию фарҳангии минтақа, шароити табиии маҳаллӣ, иҷтимоӣ - иқтисодӣ ва бо дарназардошти он, таҳия намудани тавсияи аз ҷиҳати илмӣ асоснок оид ба рушди соҳаи сайёҳӣ, татбиқи самтҳои афзалиятноки рушди сайёҳии таърихию фарҳангӣ дар минтақа;
2. таҳия ва ҳамоҳангсозии муқарраротиасосии лоиҳаи рушди фаъолияти сайёҳӣ дар заминаи мавзеъҳои таърихию фарҳангӣ бо мақомоти қонунгузори Ҳокимияти иҷроияи давлатии маҳаллӣ ва ҷумҳуриявӣ;
3. гузаронидани таҳлили вазъи мавзеъҳои таърихию фарҳангӣ ва соҳаи сайёҳӣ дар минтақа бо дарназардошти андешаҳои мутахассисон ва коршиносони ватанӣ ва хориҷӣ, муайян намудани мушкилоти асосие, ки ислоҳоти сатҳи гуногуни идоракуниро тақозо мекунанд.

Бо ба роҳ мондани фаъолияти самараноки сайёҳӣ ва рекреатсионӣ дар ҳудуди минтақаи сайёҳии Бадахшон таъсис ва рушди сохтори муосири сайёҳӣ ва рекреатсионӣ, инчунин, таҳияи нақшаву барномаҳои афзалиятноки рушди минбаъдаи он, муайян намудани мавзеъҳое, ки

сайёҳонро бештар ҷалб мекунанд, аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимтарин мебошад.

Аз ин рӯ, ташаккули рушди стратегии сайёҳии таърихию фарҳангӣ вазифаи муҳим ва ояндадори рушди соҳаи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Моҳияти афзалиятҳои стратегӣ дар ин маврид се ҷузъро дар бар мегирад: ноил шудан ба тарҳи стратегияи воқеъии иқтисодӣ, ифодаи ҳуҷҷатӣ дар бораи таҳрезии нақшаҳои дарозмуддат ва системаи тадбирҳо ва захираҳо;

Нақшаи стратегии рушди иқтисодиёт, ки худи стратегияро муайян мекунад, ин маҷмӯи барномаҳои стратегӣ, нақшаи чорабиниҳо оид ба татбиқи стратегияи иқтисодӣ, инчунин, барномаҳое, ки консепсияи рушди сиёсати иқтисодиро татбиқ менамоянд, дарбар мегирад.

Бо дарназардошти ҳолатҳои дар боло зикр шуда, хосиятҳои система, таҳлили мушкилоти мавҷуда ва арзёбии иқтидори сайёҳии минтақа, вазъи мавзеъҳои таърихию фарҳангӣ ва таъсири он ба вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва ҷанбаҳои экологии минтақа мо афзалиятҳои стратегии зерини рушди фаъолияти сайёҳӣ дар минтақаи сайёҳии Бадахшон муайян намудем:

**1.** Таъмини сохтор ва реҷаи оптималии фаъолияти сайёҳию рекреатсионии ҳудуд.

**2.** Гузаронидани баҳисобгирии пурраи захираҳои сайёҳии минтақа ва муайян намудани нерӯи он барои рушди устувори соҳаи сайёҳӣ.

**3.** Гузаронидани аттестатсияи сайёҳию рекреатсионии мавзеъҳои таърихию фарҳангии минтақаи сайёҳии Бадахшон. Чунин шиноснома маълумоти умумиро дар бораи захираҳои сайёҳию рекреатсионии ноҳияҳои минтақа: вазъи экологӣ, иқлимӣ, обӣ, тандурустӣ, ландшафт ва ғайраро дарбар мегирад. Илова бар ин, дар он тавсифи базаи моддию техникии соҳаи сайёҳии вилоят, аз ҷумла: муассисаҳои хӯрокворӣ,

ҷойҳои истиқоматӣ, аттраксионҳо, инфрасохтори истеҳсолӣ, иҷтимоӣ ва нақлиётӣ, арзёбии вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва экологии минтақа анҷом дода мешавад.

**4.** Таъсиси системаҳои самарабахши баҳодиҳии иқтидори сайёҳӣ ва рекреатсионӣ дар минтақа, имкон медиҳад, ки тахассусияти минтақаро нисбат ба самтҳои афзалиятноки сайёҳӣ муайян намуда, иштироки соҳибкорони хурдро дар пешниҳоди намудҳои гуногуни хизматрасонӣ фаъол созад ва минтақаро ҳамчун мавзеи ҷолиб барои фаъолияти сайёҳӣ ҷалб созад;

**5.** Бартараф намудани мавсимӣ будани фаъолияти самтҳои асосии сайёҳӣ ва васеъ намудани ҳудуди мавсимҳои сайёҳӣ;

**6.** Таъсиси системаҳои самараноки идоракунии сайёҳӣ ва мавқегирии он, равишҳои самараноки идоракунии фаъолияти сайёҳӣ;

*7.* Истифодаи мутаносиб, ҳифз ва такрористеҳсолии мавзеъҳои таърихию фарҳангии сайёҳии ҳудуд бо мақсади таъмини сифати баланди муҳити сайёҳӣ ва рекреатсионӣ дар минтақа;

**8.** Такмил ва инкишоф додани усулу шаклҳои истифодаи мавзеъҳои маҳаллии таърихию фарҳангии сайёҳӣ.

**9.** Беҳтарсозии сохтори ташкилию функсионалии идоракунии фаъолияти сайёҳӣ ва рекреатсионӣ, истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазири сайёҳӣ ва инфрасохтори сайёҳӣ;

**10.** Ташаккули ҳавасмандии истеъмолкунандагон дар бозори хизматрасонии сайёҳӣ ва васеъ кардани аудиторияи истеъмолии маҳсулоти сайёҳии минтақа;

**11.** Такмили сохти ҳудудвию консептуалии ташкилотҳои сайёҳӣ;

**12.** Таҳияи кадастри захираҳои сайёҳии таърихию фарҳангии минтақа, ки ҳадафи он таъсис додани махзани маълумоти экологӣ ва иқтисодӣ, такмили усулҳои таҳлили онҳо, арзёбӣ ва банақшагирии динамикаи рушд бо истифода аз GIS - технологияҳо мебошад;

**13.** Рушди GIS – технологияҳо, пешбурди сиёсати рушди устувори экологӣ ва иқтисодии мавзеъҳои таърихию фарҳангии сайёҳӣ ва васеъ намудани доираи хизматрасониҳои сайёҳӣ;

**14.** Таъсис ва татбиқи ҷадвали умумии андозагирӣ бо мақсади ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва таҳлили маълумоти экологӣ ва иқтисодӣ дар шакли фишурда;

**15.** Бо мақсади самаранок тараққӣ додани фаъолияти сайёҳӣ ва такмил додани низоми хизматрасонии сайёҳӣ - ҳисоб кардани арзиши замине, ки дар доираи он объекти сайёҳӣ ҷойгир аст, ҳисоб кардани арзиши иҷораи замин ва коэффисиенти ҷолибнокии он. Ин равиш имкон медиҳад, ки тамоми иттилооти марбут ба ин объектҳо дар системаи ягонаи иттилоотӣ ҳамчун пойгоҳи иттилоотӣ муттаҳид карда шуда он метавонад ҳамчун мониторинги муҳити зист, объекти баҳодиҳии объективии таъсири антропогенӣ ба сарватҳои таърихӣ ва фарҳангӣ, муайян кардани омилҳои маҳдудкунанда, ки ба онҳо ин омилҳо таъсири манфӣ мерасонанд ва пешгӯии оқибатҳои эҳтимолӣ, самаранок истифода шавад;

**16.** Мунтазам такмил додани вазъи сарватҳои таърихию фарҳангии минтақа ва таҳияи механизми устувори истифодаи онҳо дар соҳаи сайёҳӣ;

**17.** Таҳияи чорабиниҳои амалӣ оид ба ҳифзи объектҳои таърихию фарҳангии минтақаи сайёҳии Бадахшон;

**18.** Рушди захираҳои техникӣ ва технологияҳои иттилоотӣ барои мусоидат ба ҳифзи муҳити зист, бахусус, ҳифз ва истифодаи устувор;

**19.** Татбиқи мониторинги доимии ҳолати захираҳои сайёҳии минтақа бо ҷалби системаҳои муосири технологӣ, аз қабили GIS-технологияҳо;

**20.** Таҳия ва татбиқи стратегияи маркетингӣ барои баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти сайёҳии минтақавӣ дар бозори умумиҷаҳонии сайёҳӣ;

**21.** Фароҳам овардани шароит барои афзоиши сармоягузорӣ дар соҳаи сайёҳӣ, ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ ва баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории минтақа тавассути ба роҳ мондани шаклҳои гуногуни ҳамкорӣ бо ташкилотҳои давлатӣ ва байналмилалӣ, сармоягузорони хориҷӣ, ҷалби созмонҳои байналмилалӣ ва барномаҳо бо иштироки онҳо барои кор дар вилоят;

**22.** Такмили мунтазами инфрасохтори сайёҳӣ, ки ба рушди сайёҳии афзалиятноки минтақа нигаронида шудааст (сайёҳии экологӣ, этносайёҳӣ, сайёҳии таърихӣ, фарҳангӣ, сайёҳии илмӣ ва ғайра);

**23.** Ба низоми муайян даровардани бозори меҳнат, ки дар бахши сайёҳӣ фаъолият мекунанд.

**24.** Баланд бардоштани дараҷа ва сифати корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва методии соҳаи сайёҳӣ дар вилоят барои таъмин намудани реҷаи оптималии қабули сайёҳон, ташаккул фаъолияти устувори соҳа ва ба роҳ мондани фаъолияти самараноки идоракунии саноати сайёҳӣ аз рӯи натиҷаҳои онҳо;

**25.** Ба роҳ мондани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ оид ба омӯзиши таърихи пайдоиш ва ривоятҳои марбут ба объектҳои таърихию фарҳангӣ, инчунин мушкилоти истифодаи онҳо ба мақсадҳои сайёҳӣ;

**26.** Ба роҳ мондани фаъолияти самараноки корҳои таблиғотӣ ва иттилоотӣ бо мақсади рушди босамари соҳаи сайёҳӣ дар минтақаи сайёҳии Бадахшон, ҳамчун минтақаи ҷолиби сайёҳии таърихию фарҳангӣ;

**27.** Навсозӣ ва таҳияи нақшаҳои таълимӣ, барномаҳои таълимӣ мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ ва талаботи бозори меҳнат оид ба тахассусҳои сайёҳӣ;

**28.** Бо мақсади баланд бардоштани малакаи кадрҳои сайёҳӣ зарур мешуморем, ки стандартҳои ягонаи таълимӣ оид ба тайёр кардани мутахассисони соҳаи сайёҳӣ таҳия карда шаванд;

**29.** Такмили заминаҳои ҳуқуқии рушди сайёҳии таърихию фарҳангӣ;

**30.** Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои қонунгузорӣ ва таҳияи қонун ва санадҳои зерқонунии минтақавӣ, ки объектҳои таърихию фарҳангии минтақаро ҳифз мекунанд;

**31.** Пешбурди сиёсати экологӣ ва созишномаҳои байналмилалии идоракунии табиат, инчунин, муносибати аҳолии маҳаллӣ ва рафтори онҳо оид ба ҳифзи минбаъда ва устувори истифодаи объектҳои таърихию фарҳангӣ дар соҳаи сайёҳӣ;

**32.** Мусоидат дар татбиқ ва тасҳеҳи «Барномаи минтақавии рушди сайёҳӣ дар ҳудуди минтақаи сайёҳии Бадахшон барои солҳои 2020-2030.

Дар асоси тадқиқоти гузарондашуда механизми ташкилию хоҷагӣ, истифодаи самараноки иқтидори таърихию фарҳангии минтақаи сайёҳии Бадахшон пешниҳод карда шуд, ки бояд маҷмуи тадбирҳо оид ба ташаккул ва рушди сайёҳии таърихию фарҳангӣ, ҳамчун бахши иқтисодиёт, ҳифзи ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ, таъмини фаъолияти иҷтимоиву иқтисодӣ дар соҳаи сайёҳӣ дар бар гирад.

Таҳлили мушкилот нишон медиҳад, ки дар ҳолати мавҷудияти иқтидори зиёди захираҳои сайёҳии таърихию фарҳангӣ минтақа, механизми амали кунондани фаъолияти сайёҳӣ дар минтақа то ҳоло суст ба роҳ гузошта шудааст, ва аз ин лиҳоз, ба таҷдиду бозсозӣ ва рушд ниёз дорад. Аз ин рӯ, мо имкониятҳои калон, вале суст истифодашудаи захираҳои сайёҳию рекреатсионӣ ва бахусус, таърихию фарҳангии минтақаи сайёҳии Бадахшонро ба назар гирифта, барои ба вуҷуд овардан ва пешбарӣ намудани маҳсулоти экскурсионии сайёҳии минтақа андешидани чораҳои зарурииро ба мақсад мувофиқ мешуморем.

Ҳамин тариқ, аҳамияти сайёҳӣ ва рекреатсионӣ, эстетикӣ, экологӣ ва маърифатии ҳаммаи мавзеъҳои таърихию фарҳангии дар минтақаи сайёҳии Бадахшон номбаршуда баробар нестанд. Ҷалби бенизоми сайёҳон ба ин объектҳо бо роҳи сохтани роҳҳои даромадгоҳ, ҳамчун ҷои истироҳат ва истироҳатгоҳи шабона истифода бурдани онҳо ногузир боиси табдил ё қисман тақриб шудани чунин объектҳои нодири таъриху маданият мегардад. Инчунин, бояд қайд кард, ки ташкили фаъолияти

сайёҳӣ барои ба даст овардани фоидаи иқтисодӣ аз истифодаи объектҳои таърихию фарҳангӣ  нигаронида шудааст. Бинобар ин, ҳукуматро зарур аст, ки бо роҳи қонунӣ бо ҷубронпулӣ, ташкил ва барқарорсозии қисмҳои объектҳои тахрибшударо ба анҷом расонад.

Тавре ки дар рафти тадқиқоти мо маълум гардид, яке аз роҳҳои воқеии пешгирии ин таҳдид баланд бардоштани сатҳи огоҳии аҳолии маҳаллӣ тавассути баргузории семинарҳо ва нашри варақаҳои иттилоотӣ мебошад. Ин амал барои аҳолии маҳаллӣ дар бораи хусусиятҳои ин таҳдидҳо объектҳо, манфиатҳои онҳо ба ҷиҳатҳои таърихӣ ва иҷтимоиву иқтисодӣ мусоидат мерасонанд.

Ба назари мо, имрӯз ҳалли масъалаҳои рушди сайёҳии таърихию фарҳангӣ дар ҳудуди минтақаи сайёҳии Бадахшон бояд аз ҳалли ҳамин масъалаҳои хос оғоз ёбад. Дар акси ҳол, тамоми чорабиниҳое, ки ба ҳифзи сарватҳои табиии минтақа нигаронида шудаанд, ба сифр кам карда мешаванд ва баъдан мо бояд ба ҳалли ин мушкилот бо таъхир ва бо хароҷоти зиёд шуруъ кунем. Тарбияи экологӣ ва тарғиби фарҳанги экологӣ бояд тавре ба роҳ монда шавад, ки психологияи одамоне барҳам дода шавад, ки бо эҳсосоти беҳтарин ба роҳбарӣ гирифта, дар ҳақиқат, ба манфиати як лаҳзаи на ба инсоният зарари калон мерасонанд. Тарбияи экологӣ мушкилоти умумиҷаҳонии идеявӣ, маънавӣ, ахлоқӣ ва инсонпарвариро ифода мекунад.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки ин гуна чорабиниҳоро аз мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва донишгоҳҳо оғоз кардан лозим аст, зеро чи тавре, ки аз тадқиқотҳоямон бармеояд,  аз 60 то 80 фоизи хонандагон табиатро манбаи ҳаёт ва лаззати эстетикӣ медонанд. Таҳлили мушкилот проблемаҳо нишон медиҳад, ки сабаби асосии ин мушкилот дар он аст, ки назария ва усулҳои тамоюли амалии экологӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва мактабҳои олӣ ба таври кофӣ таҳия нашудаанд, ки дар ниҳояти кор ба фаъолияти амалии экологии ҷавонон таъсири бевосита расонида шавад.

Барои ҳалли ин мушкилот пешниҳод карда мешавад:

1. Таҳияи барномаи минтақавии таълими фанҳои экологӣ дар муассисаҳои таълимӣ, ки на танҳо барои ба даст овардани иттилооти дорои хусусияти иҷтимоию иқтисодӣ, таърихию фарҳангӣ, экологӣ ва демографӣ дар бораи объектҳои таърихию фарҳангии минтақаи сайёҳии Бадахшон, балки ба он мусоидат намояд, ки маҷмӯи донишҳоро дар бораи объектҳои таърихию фарҳангии минтақа оид бо масъалаҳои умумии назариявии курси таълимии «Экологияи умумӣ» таъмин намояд.

3. Дар мактабҳо ҷорӣ намудани курси минтақавии экология, ки ба гирифтани маълумоти дорои хусусияти иҷтимоию иқтисодӣ, таърихию фарҳангӣ, экологӣ ва демографӣ дар бораи объектҳои таърихию фарҳангии минтақаи сайёҳии Бадахшон мусоидат мекунад.

5. Ташкили чорабинӣ бо иштироки донишҷӯён ва мактаббачагон оид ба мониторинги муҳити зист ва мавзеъҳои таърихию фарҳангии минтақаи сайёҳии Бадахшон, ҷалби онҳо ба барномаҳои экологию иқтисодӣ, амалҳои экологӣ ва дигар чорабиниҳои амалӣ дар доираи таълими экологӣ ба роҳ монда шавад.

## Хулосаи боби сеюм

1. Дар асоси таҳлилу муҳокимаи маводҳои овардашуда, дар боби мазкур масъалаҳои асосии рушди сайёҳии фарҳангию таърихӣ дар 32 банд муайян карда шуда, масоили иқтисодӣ, ташкилӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, инфрасохторӣ ва зарурати ташаккули тадбирҳои роҳи ҳалли мусбати онҳо нишон дода шудааст.

2. Модели ташаккул ва рушди босамари марҳилаи сайёҳии фарҳангию таърихӣ дар шароити минтақа, вазифаҳо, муносибатҳо ва ҳамкории байни органҳои ҳокимияти маҳаллӣ ва муассисаҳои сайёҳӣ ва истеъмолкунандагони бевоситаи маҳсулоти сайёҳӣ - сайёҳон таҳия карда шудааст. Чи тавре ки таҳлилот нишон медиҳанд, марҳилаҳо бояд пайдарпай амалӣ карда шаванд, масалан: тадқиқот ва банақшагирӣ, омодасозӣ ва татбиқ, ба истифода додан, муттаҳидсозии фаъолият, навсозӣ, воридоти инноватсия, барномаҳои иловагӣ то ҷамбаст ва гусел кардани сайёҳон.  Барои ҳар як марҳила вазифахои асосӣ, ҳалли онҳо нишон дода шудаанд, ки тараққиёти устуворро таъмин мекунанд.

3. Стратегияи асосии рушди сайёҳии фарҳангӣ ва таърихӣ дар шароити ВМКБ ҶТ модели муосири идоракунии табиати сайёҳӣ, инчунин маҳсулоти инноватсионии сайёҳии ба қисматҳои талаботи мушаххас нигаронидашуда мебошад. Барои татбиқи босамари стратегияи пешниҳодшуда системаи идоракунии давлатӣ дар минтақа, пеш аз ҳама бо роҳи пурзӯр намудани миқёс ва сатҳи нуфузи идоракунӣ дар тамоми ҳудуд, инчунин, ташкили механизми муассири маблағгузории рушди соҳаро такмил додан зарур аст.

4. Ташаккули системаи самараноки идоракунии стратегии сайёҳии фарҳангию таърихӣ дар сатҳи минтақавӣ дар маҷмуи иқтисодии минтақаи сайёҳии Бадахшон нақши муҳим дорад. Аммо барои дар амал татбиқ намудани ин консепсия, пеш аз ҳама, зарур аст, ки мушкилоти марбут ба баланд бардоштани маърифат ва фарҳанги экологии аҳолии маҳаллӣ, барои фароҳам овардани фазои мусоид барои омадани сайёҳон, шароити зисту истироҳат ва сайёҳати онҳо бо назардошти хусусиятҳои

самти мақсадноки сайёҳӣ саъй кардан зарур аст. Истеҳсол ва ташаккули маҳсулоти сайёҳии рақобатпазир, мувофиқан ба инфрасохтори сайёҳӣ бо назардошти хусусиятҳои ҷараёни сайёҳӣ ба роҳ монда шавад.

# ҶАМЪБАСТ ВА ХУЛОСАҲОИ УМУМӢ

Барои худуди минтақаи сайёҳии Бадахшони Ҷумҳурии Тоҷикистон дурнамои рушди сайёҳии таърихию фарҳангӣ ояндаи нек дорад. Ба ин иқтидори ғанӣ ва гуногунҷанбаи миллӣ, ки аз мероси фарҳангию таърихии ҷамъияти ҳудудии он ташаккул ёфтааст, дахолат мекунад. Дар давоми даҳсолаҳои зиёд фаъолияти сайёҳии вилоят ва ҷумҳурӣ, ки бо дидани мавзеъҳои таърихию фарҳангӣ алоқаманд аст, асосан барои сайёҳат инкишоф ёфта, аз ин тариқ, буҷети давлатҳои дигар, ки дар онҳо ин намуди сайёҳӣ ба роҳ монда шудааст, пур мегардид. Ба сарватҳои сайёҳии бойу ҷолиби таваҷҷуҳи таърихию фарҳангӣ минтақаи сайёҳии Бадахшон то ҳол таваҷҷуҳ зоҳир карда нашудааст ва он дар ҷаҳони сайёҳӣ рақобатнопазир аст ва рушди он низ танзим нашудааст. Бояд гуфт, ки имрӯз ба рушди соҳаи сайёҳӣ дар сатҳи давлатӣ аҳамияти аввалиндараҷа дода мешавад. Зарур аст, ки тамоми кӯшишу воситаҳоро ба ташаккул ва рушди устувору муассири сайёҳии минтақавӣ, ҳамчун як қаламрави дорои сарватҳои беназири таърихию фарҳангӣ равона созем ва онҳоро ҳамчун асоси рушди устувори минтақа ва кишвар ба назар гирем.

Дар асоси натиҷаҳои тадқиқот метавон ба хулосае омад, ки ҳудуди минтақаи сайёҳии Бадахшон дорои захираҳои бой ва гуногунии фарҳангию таърихии сайёҳӣ мебошад, ки барои рушди босамари соҳаи сайёҳӣ дар минтақа замина фароҳам меорад. Аммо тавре маълум гардид, мақомоти дахлдор ҷиҳати истифода аз иқтидори фарҳангию таърихии сайёҳии минтақа танҳо намоиши ҷойҳои калидии ҷолиби диққати минтақаро пешниҳод намуда, намоиши дигар объектҳои таърихию фарҳангӣ кӯшиши ҷиддӣ накарда истодаанд. Аз ин сабаб, мо дар ин бора якчанд минтақаҳо ва зерминтақаҳои сайёҳиро ҷудо намудем, ки метавонанд барои рушди самараноки сайёҳии фарҳангию таърихӣ дар минтақаи сайёҳии Бадахшон нуктаҳои такягоҳӣ хизмат кунанд.

Дар асоси тафриқаи ҳудуд аз рӯи мавҷудияти захираҳои фарҳангӣ, таърихӣ ва дараҷаи мусоид будани ҳудуд мо минтақаи омӯзишро ба минтақаҳои таърихию фарҳангӣ ҷудо намудем.

Дар доираи минтақаҳои интихобшуда аз рӯи принсипи ҷомеаи таърихӣ ва фарҳангӣ мо 11 зерноҳияро муайян кардем.

*Дар ноҳияи Шимолу Ғарбӣ:* зерноҳияҳои Дарвоз, Ванҷ;

*Дар ноҳияи Марказӣ:* зерноҳияҳои Рӯшон, Бартанг, Хуф, Шуғнон, Рошқалъа;

*Дар ноҳияи Ҷанубӣ*: зерноҳияҳои Ғорон, Ишкошим, Вахон;

*Дар ноҳияи Шарқӣ:* зерноҳияи Мурғоб.

Дар таҳқиқоти мазкур минтақаҳои фарҳангӣ-таърихӣ воқеиятҳои сарҳадие мебошанд, ки дорои дараҷаи якхелаи захираҳои фарҳангӣ-таърихӣ ва биологии мусоиди сайёҳӣ буда, дар ҳудуди маҷмуъҳои табиию ҳудудӣ ҷойгир шудаанд.

Дар ояндаи наздик сайёҳии таърихию фарҳангро метавон ба қатори яке аз самтҳои эҳтимолии стратегии ҳифз ва рушди иқтисодии минтақаи сайёҳии Бадахшон арзёбӣ кард. Ба роҳ мондани фаъолияти самараноки корҳо оид ба рушди ин намуди сайёҳӣ низ ба ҳифзи мероси гуногуни фарҳангии суннатӣ, бунёди мактаби камолот, ҳифзу тарғиби забонҳо, расму ойинҳои маҳаллӣ мусоидат намуда, инчунин, омили рушди устувори минтақа маҳсуб мегардад.

Ташкили самараноки фаъолияти сайёҳии таърихию фарҳангӣ метавонад ҳамчун ангезаи ҳифз ва барқарорсозии мероси этнофарҳангӣ, рушди ҳаёти бадеии минтақа нақши бузург дошта бошад. Самаранок ба роҳ мондани ин намуди фаъолият ба таъсиси шумораи зиёди ҷойҳои нави корӣ мусоидат намуда, ба зиёд шудани савияи маърифатӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоиву иқтисодии аҳолии маҳаллӣ таъсири мусбӣ мерасонад.

Масъалаҳои ташаккули симои сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои алоҳидаи он, бахусус, ҳудуди минтақаи сайёҳии Бадахшон вақтҳои охир мавриди таваҷҷуҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон,

мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва олимону мутахассисон дар соҳаи сайёҳӣ ва соҳаҳои ба он вобаста қарор гирифтаанд.

Талаботи афзояндаи ҷаҳонӣ ба хизматрасонии сайёҳӣ, ҷолибияти баланди мавзеъҳои табиӣ ва фарҳангию таърихии минтақаи сайёҳии Бадахшон бо дарназардошти муҳиммияти он накши сайёҳӣ дар иқтисодиёти вилоят ва ҷумҳурӣ бояд на камтар аз нисфи ҳаҷми онро ташкил намояд. Ин ҳолат аз мавҷудияти мушкилоте шаҳодат медиҳад, ки ба рушди босуръат ва устувори сайёҳӣ халал мерасонанд ва барои ҳалли минбаъдаи онҳо омӯзиши амикро тақозо мекунанд.

Дар рафти тадқиқот як масъалаи илмие ҳал карда шуд, ки барои назарияи фарҳанг, таърих, иқтисод ва менеҷмент муҳим аст, ки аз такмили асосҳои назариявӣ ва методологии идоракунии сайёҳии фарҳангӣ ва таърихӣ дар ҳудуди минтақаи сайёҳии Бадахшон иборат аст, инчунин, ба таҳияи механизми истифодаи самарабахши мероси фарҳангию таърихии вилоят дар сайёҳӣ мусоидат мекунад.

Тадқиқот имкон дод, ки доир ба рушди сайёҳии таърихию фарҳангӣ дар шароити минтақаи сайёҳии Бадахшон ба як қатор натиҷагириҳо ноил гардем:

1. Дар асоси таҳлили маводи таҳқиқотӣ, инчунин, омӯзиши маъхазҳои илмии хориҷию ватанӣ ва ҷамъбасти таҷрибаи пешқадам равандҳои самарабахши ташаккули фаъолияти сайёҳии минтақавӣ ба низом даровварда, асосҳои назариявии рушди фаъолияти сайёҳии таърихию фарҳангӣ дар ҳудуди ВМКБ Ҷумҳурии Тоҷикистон коркард шуданд [2-М].

2. Ҳудуди минтақаи сайёҳии Бадахшон дорои сарватҳои бой ва гуногунҷанбаи фарҳангию таърихӣ, вазъи мусоиди муҳити зист, мавҷудияти миқдори зиёди ёдгориҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва меъморӣ, намояндагони ҷомеаҳои гуногуни фарҳангӣ, забонӣ ва этникӣ-конфессиявӣ бо хусусиятҳои хоси худ, тарзи зиндагӣ, хусусиятҳои этнофарҳангӣ буда, манбаи асосии бунёдии ҷалби гардиши зиёди

сайёҳон ба минтақа мебошанд. Истифодабарии устувори ин мероси ғании вилоят муҳимтарин самти фаъолияти сайёҳии муосири ҷумҳурӣ маҳсуб меёбад. Маҳз ҳамин роҳ яке аз самтҳои пешбарандаи тараққиёти сектори иқтисодиёти вилоят буда, қариб ба ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқи вилоят, аз ҷумла, ба рӯзгор ва некуаҳволии аҳолии маҳаллӣ таъсири мусбӣ расонда метавонад [1-М].

3. Таҳлили мушкилот ва омилҳои гуногуни рушди сайёҳии таърихию фарҳангӣ дар минтақаи сайёҳии Бадахшон нишон медиҳад, ки то кунун ҳолати ин намуди фаъолияти сайёҳӣ дар ҳолати ғайриқаноатбахш қарор дорад: дар минтақа банақшагирии мақсадноки соҳаи сайёҳӣ вуҷуд надорад; объектҳои нав асосан бе алоқамандӣ бо аҳаммияти захираҳои сайёҳӣ, пешомадҳои иҷтимоию иқтисодии тараққиёти ҳудудҳо, хатсайрҳои сайёҳӣ, миқёс ва самти инкишофи сайёҳӣ ба вуҷуд меоянд; мавқеъ ва нақши сайёҳии таърихию фарҳангӣ дар системаи умумии рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят ба назар гирифта намешавад; рушди соҳаи сайёҳӣ ба раванди барқарорсозии объектҳо ва ёдгориҳои таъриху фарҳангӣ, ҳифзи мероси таърихӣ ва ғайра ба қадри кофӣ мусоидат намекунад [11-М].

